1. Дар хаёти сиёсии баъдичангии ИҶШС кадом тағйиротхо ба амал омаданд?
2. Аз маводи хондаатон дар бораи кадом масъалахо таваҷҷӯхи шуморо ба худ бештар ҷалб намуданд?
3. Бигуед, ки баъди ҷанг дар низоми сиёсии ИҶШС кадом унсурхои демократӣ ва давлатпарварӣ ворид гардиданд?

**ИДОМАИ ТАЪҚИБОТ** Таъқиботи "душманони халқ", ки дар солҳои 30-юм ба сари мардуми шӯравӣ бадбахтиҳои дар таърихи навин мисланӣ нашуда овард, дар даврани баъдиҷангии салтанати И. Сталин ба охир нарасида, ба марҳалаи нави худ ворид гардид. Низоми "ГУЛАГ" маҳз баъди ҷанг пурзӯр шуд. Ба "душманони халқ"-и солҳои 30-юм дар ин урдугоҳҳо ҷойдодашуда миллионҳо "душманони халқ"-и нави давраи ҷанг ва баъди он илова гардиданд. Қариб 2 миллион нафар асирони ҳарбии аз урдугоҳҳои консентратсионии фашистӣ озодгардида ба урдугоҳҳои консентратсионии Сибир ва Ухта фиристонида шуданд. Дар забони сарварони ҳизбию давлатии шӯравӣ иборахои нави "унсурҳои бегона" ҳам ворид шуданд. Ба ин қабил "унсурҳо" қисме аз мардуми ҷамоҳири шӯравии Прибалтика, Украинаи Ғарбӣ ва Белоруссияи Ғарбӣ дохил карда шуда ва мавриди таъқибот қарор гирифтанд.

Соли 1948 урдугоҳҳои "режими махсус" барои онҳое ташкил карда шуданд, ки барои "фаъолияти зиддишӯравӣ" маҳкум гардида буданд. Дар ин урдугоҳҳо усулҳои вахшитарини зӯроварӣ бо маҳбусон ба кор бурда мешуданд. Вале на дар ҳама урдугоҳҳои ГУЛАГ маҳбусон ба чунин муносибат тоқат мекарданд. Ҳамин тариқ, маҳбусони урдугоҳҳои Печора соли 1948, Селахард соли 1950, Кингир ва Экибастуз соли 1952, Воркута ва Норилск соли 1953 дар зери шиорҳои сиёсӣ шӯриш бардоштанд, вале бераҳмона пахш карда шуданд.

Дар қатори таъқибшудагон кормандони соҳаи кишоварзӣ, ки гӯё аз меҳнати маҷбурӣ саркашӣ мекарданд, низ буданд. Онҳо дар асоси Указн Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 2 июни соли 1948 ба ноҳияҳои дурдасти мамлакат кӯчонида мешуданд. Ҳокимияти олии ҳизбию давлатии ИҶШС аз обрӯи баланди ҳарбиён сахт метарсид. Ин буд, ки мувофиқи амри И. Сталин маршали авиатсия А.А. Новиков, генералҳо П.Н. Понеделин, Н.К. Кириллов ва баъзе ҳамсафони Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ Г.К. Жуков ҳабс шуданд.



*Расми 31. Георгий Константинович Жуков (1896-1974)*

Таъқиботи Сталин созмонҳои алоҳидаи ҳизбиро низ дар бар гирифт. Масалан, қариб тамоми созмони ҳизбии Ленинград ҳабс карда шуд. Аз рӯи "парвандаи Ленинград" наздики 2000 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд, аз он ҷумла, Раиси Шӯрои Вазирони Русия А. Родионов, узви Бюрои Сиёсӣ ва Раиси Госплани ИҶШС И. Вознесенский, Котиби КМ ВКП (б) А. Кузнетсов. Аз рӯи "парвандаи табибон" соли 1953 гурӯҳи калони табибон гӯё барои нодуруст табобат кардани роҳбарони

пешсаф ва эътирофгардидаи ҷаҳон (дигараш ИМА) табдил ёфт. Ин мақоми ИҶШС ширкат варзидани он дар таъсиси Созмони Милали Муттаҳид ва яке аз аъзои доимии Шӯрои Амнияти ин созмони бонуфузтарини байналхалқӣ гардидани он низ инъикос гардид.

Баъд аз ҷанг аввал дар байни ИҶШС ва мамлакатҳои бузурги Ғарб муносибатҳои ҳамкорӣ сурат гирифта, ИҶШС-ро душман тасаввур кардан аз байн рафт. Вале, бо вуҷуди ин, ракобати мамлакатҳои Ғарб бо ИҶШС ба назар мерасид. ИҶШС аз аслиҳаи ҳастаии ИМА ба ташвиш афтода буд. ИМА ва Англия бошанд, аз артиши пурзӯр ва дар ҷаҳон серушмортарини Иттиҳоди Шӯравӣ метарсиданд. Дар зери таъсири ИҶШС дар мамлакатҳои ҷаҳон шумораи ҳизбҳои коммунистӣ меафзуд.

ИҶШС дар тақсимоти доираи нуфуз дар минтақаҳо ва мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон фаъолона иштирок мекард. Акнун ягон масъалаи ҷаҳон бе иштироки ИҶШС ҳал карда намешуд. Ин буд, ки давлатҳои бузурги Ғарб барои гирифтани пеши роҳи нуфузи байналхалқии ИҶШС чораҳои мушаххас меандешиданд. "Нақшаи Маршалл" аз ҷумлаи ҳамин чораҳо буд. Баъди чораҳои ҷавобӣ андешидани ИҶШС дар байн Шарқ ва Ғарб "ҷанги сард" оғоз ёфт.

Барои боз ҳам мустаҳкам кардани мавкеи байналхалқии ИҶШС дар мамлакатҳои зери нуфузи ИҶШС-буда модели шӯравии режимҳои сиёсӣ муқаррар карда шуд, аз он ҷумла дар Польша, Чехословакия, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Румыния, Венгрия, Булғория, Югославия, Албания, Ветнами Шимолӣ, Кореяи Шимолӣ ва Чин.

Таъсиси давлатҳои дорои режими ба ИҶШС монанд дар ин мамлакатҳо ҳанӯз сохтмони сотсиализмро таъмин карда наметавонист. Барои ҳамин дар зери роҳбарии Иттиҳоди Шӯравӣ Шӯрои Ёрии Байниҳамдигарии Иқтисодӣ таъсис дода шуд. Давлатҳои Ғарб бошанд, дар зери роҳбарии Амрико паймони ҳарбии НАТО-ро таъсис доданд. Муқовимати ду низоми сиёсию иқтисодии ҷаҳон пурзӯр шуд, ки аз он на Ғарб ва на Шарқ фоида ба даст оварда наметавонист. Сталин дар охири салтанати худ фаҳмид, ки аз сиёсати тезу тунди хориҷӣ даст кашидан лозим аст.

1. ИҶШС дар сиёсати хориҷӣ кадом роҳро пеш гирифт?
2. Сабабҳои сарзании "ҷанги сард"-ро муайян кунед.

**ХОТИМА ЁФТАНИ АҲДИ СТАЛИН.** 5 марти соли 1953 И.В. Сталин вафот кард. Дар интиҳои умраш ӯ дорои обрӯи ниҳоят бузург буд. Бо меҳнати миллионҳо одамони шӯравӣ ӯ давлатеро ташаккул дод, ки он дар ҷаҳон дар ҷои дуюм меистод. Дар замони салтанати И.В. Сталин:

а) дар ИҶШС сотсиализм пурра сохта шуд;

б) ИҶШС дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ғалаба кард;

в) дар ИҶШС иқтисодиёти сотсиалистӣ ба вуҷуд омад;

г) фарҳанги ба идеологияи коммунистӣ тобеъ ташаккул ёфт;

д) обрӯи байнлахалқии ИҶШС афзуд;

ж) сотсиализм аз доираи як давлат берун баромада, ба низоми ҷаҳонӣ табдил ёфт;

з) таъқиботи сталинӣ ба сари миллионҳо одамони шӯравӣ бадбахтиҳои бемислу монанд овард.

Дар баробари вафоти И.В. Сталин дар таърихи давлати Шӯравӣ як марҳилаи калон ба анҷом расид. Баъди ин воқеа давраe фаро расид, ки ин давлатро аввал ба сӯи ранятпарварӣ ва баъд бемайлон ба сӯи бӯҳрони сиёсию иктисодӣ мебурд.

1. Дар аҳди Сталин дар Иттиҳоди Шӯравӣ кадом муваффақиятҳо ба даст оварда шуданд?
2. Кадом ҷиҳатҳои ИҶШС-и аҳди Сталин ба шумо маъқул ва кадомаш маъқул нашуд?
3. Аз манбаъ мисолҳое биёред, ки аз давлатдории истибдодии Сталин дар ИҶШС дарак медиҳанд.

## 1. АЗ УКАЗИ ПРЕЗИДИУМИ ШӮРОИ ОЛИИ ИҶШС (21 ФЕВРАЛИ СОЛИ 1948)

1. Вазорати корҳои дохилии ИҶШС вазифадор карда шавад, ки ҳамаи онҳое, дар лагерҳои махсус ва маҳбасхонаҳои ҷосусон, диверсантҳо, террористҳо, троцкичиён, ростгароҳо, меншевикон, эсерҳо, анархистон, миллатчиён, сафедэмигрантҳо ва иштирокчиёни дигари созмонҳои зиддишӯравӣ, гурӯҳҳо ва ашхосе, ки аз рӯи робитаҳои зиддишӯравӣ ва фаъолияти душманонаи худ хатарноканд ва иҷрои ҷазоро ба амал мебароранд, дар баробари ба итмом расидани мӯҳлати ҷазо тибқи таъйиноти Вазорати амнияти давлатии ИҶШС, дар зери назорати органҳои Вазорати амнияти давлатӣ ба бадарға фиристонида шаванд:

Ба навоҳии Калима ва Шарқи Дур

Ба навоҳии кишвари Красноярск ва вилояти Новосибирск, ки 50 километр шимолтар аз шоҳроҳи оҳани Транссибир воқеъ аст ва ба ҶШС Қазоқистон...

2... Фиристонидани ин ашхос ба бадарға дар асоси қарори Маҷлиси махсуси назди Вазорати амнияти давлатии ИҶШС ба амал бароварда шавад.

## 2. АЗ НУТҚИ СТАЛИН ДАР АНҶУМАНИ XIX ҲКИШ. ОКТЯБРИ СОЛИ 1952

Қаблан буржуазия ба либералигарой роҳ медод, озодиҳои буржуазӣ-демократиро муҳофизат мекард ва ба ҳамин васила обрӯи худро дар байни халқ баланд мебардошт. Имрӯз аз либералигарои ӯ нишоне намондааст. Акнун дигар ба ном "озодиҳои шахсият".. вуҷуд надорад. Принсипҳои баробарҳуқуқии одамон ва миллатҳо поймол карда шуда, он ба принсипи ҳуқуқи пурраи ақаллияти истисморгар ва беҳуқуқии аксарияти шаҳрвандони истисморшаванда иваз карда шудааст. Парчами озодиҳои буржуазӣ-демократӣ ба берун партофта шудааст. Ба андешаи ман ин парчамро лозим аст, ки шумо, намояндагони ҳизбҳои коммунистӣ ва демократӣ бардошта, онро пеш баред... Дигар касе нест, ки онро бардорад.

Қаблан буржуазия сарвари миллат ба шумор мерафт, ҳуқуқ ва истиқлолияти миллатро ҳимоя карда, онҳоро кори "ҷонии худ" медонист... Парчами истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ ба берун партофта шудааст.

Агар хоҳед, ки ватанпарвари мамлакати худ бошед ва агар хоҳед, ки қувваи роҳбари миллӣ шавед, бешубҳа лозим меояд, ки ин парчамро шумо, намояндагони ҳизбҳои коммунистӣ ва демократӣ, бардошта, ба пеш баред.

1. Санад ва маводҳоро [illegible] раҳбарият [illegible] онҳоро [illegible]
2. Бо Указ Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 21 феврали соли 1948 [illegible] намоед.

## § 14. ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ ДАР МАРҲАЛАИ НАВ

**МУБОРИЗА БАРОИ ҲОКИМИЯТ.** Баъди вафоти И. Сталин дар ҷомеаи Шӯравӣ марҳалаи калони таърихӣ сар шуд. Ҳамсафони И. Сталин барои ишғоли мансабҳои ҳизбию давлатӣ бар зидди ҳамдигар мубориза мебурданд. Дар аввали ин мубориза Г. Маленков, Л. Берия ва Н. Хрущев симоҳои асосӣ буданд. Вале баъд иштирокчиёни он тадриҷан зиёд шудан гирифтанд. Муборизаи шадид дар ҲКИШ соли 1953 оғоз ёфта, соли 1964 ба анҷом расид. Дар он шахсиятҳои ҳизбию давлатие ғалаба мекарданд, ки дар КМ ҲКИШ ва Президиуми он бештар ҷонибдор доштанд. Ин усул зоҳиран ба Оинномаи ҳизб мувофиқат мекард.

**САНАҲО, ВОҚЕҲО, ДАЛЕЛҲО**

**• Соли 1953, июн - Н.С. Хрущёв ба вазифаи Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС соҳиб шуд.**

**• Соли 1953, июн - Л. Берия ба ҳабс гирифта, баъд парронда шуд.**

**• Соли 1953, сентябр - Н.С. Хрущёв Котиби Якуми КМ ҲКИШ интихоб шуд.**

**• Соли 1955, феврал - Н.С. Хрущёв ба он муваффақ шуд, ки Г. Маленков аз вазифаи Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС сабукдӯш карда шавад. Ба ин вазифа Н. Булганин таъин гардид.**

**• Соли 1957, июн - Президиуми КМ ҲКИШ вазифаи Котиби Якуми КМ ҲКИШ-ро бархам зад. Н. Хрущев вазири хоҷагии қишлоқ-и ИҶШС таъйин шуд.**

**• Соли 1957,июн - Н. Хрущев ба он муваффақ шуд, ки Пленуми КМ ҲКИШ Г. Маленков, В. Молотов, Л. Каганович ва ҳамфикрони онҳоро "гурӯҳи зиддипартиявӣ" эълон кунад.**

**• Соли 1957, октябр - Н. Хрущев ба он муваффақ шуд, ки Г.К. Жуков аз вазифаҳои аъзои Президиуми КМ ҲКИШ ва Вазири мудофиаи ИҶШС сабукдӯш карда шавад.**

**• Соли 1957, март - бо тавсияи Н. Хрущёв Н. Булганин аз вазифаи Риси Шӯрои Вазирони ИҶШС сабукдӯш карда шуд, чунки ӯ гӯё "гурӯҳи зиддипартиявӣ"-ро дастгирӣ мекардааст.**

**• Соли 1964, октябр - Л. Брежнев ба ҷонибдорони худ такя карда, Н. Хрущёвро аз вазифаи Котиби якуми КМ ҲКИШ сабукдӯш карда, ба ҷои ӯ Котиби Якуми КМ ҲКИШ интихоб шуд. Н. Косигин Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС таъин гардид.**

1. Вазъи ҳокимияти ҲКИШ-ро баъд аз вафоти И. Сталин чӣ хел дарёфтед?
2. Тағйирот дар роҳбарияти ҳизбию давлатии ИҶШС дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд?
3. Сабабҳои асосии муборизаи дохилиҳизбиро дар ҲКИШ муайян намоед.

**"АДОЛАТПЕШАГАРДОНӢ"-И ҶОМЕАИ ШӮРАВӢ.** То вафоти И. Сталин дар маҳбасҳо ва урдугоҳҳои ГУЛАГ-и ИҶШС зиёда аз 10 милион нафар маҳбусон мавҷуд буданд. Баъзе роҳбарони ҳизбию давлатӣ хуб мефаҳмиданд, ки ба бедодгарӣ хотима додан лозим аст. Аз ин рӯ, аввал Г. Маленков ва баъд Н.Хрущёв дар ҷомеа ва ҲКИШ роҳи адолатро пеш гирифта ва баъзе дигаргуниҳо ҷорӣ намуданд, то ки Мамлакати Шӯравиро аз мероси тоталитаризм ва шахспарастии И.Сталин раҳо кунанд.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- **27 марти соли 1953 қариб 1, 2 милион нафар маҳбусон авф карда шуданд.**
- **"Парвандаи табибон" қатъ карда шуд.**
- **Соли 1954 қурбоншудагони "парвандаи Ленинград" сафед карда шуданд.**
- **Соли 1955 аъзои "Кумитаи яҳудии зиддифашистӣ" сафед карда шуданд.**
- **Аз нав дида баромадани қарорҳои Коллегияҳои ОГПУ, "Тройка"-ҳои НКВД ва "Маҷлисҳои махсус" дар назди НКВД-МВД-МГБ-будаи солҳои 30-юм оғоз карда шуд.**
- **Феврали соли 1956 дар Анҷумани XX ҲКИШ масъалаи шахспарастии И. Сталин мавриди муҳокима қарор гирифта, ин зуҳурот маҳкум карда шуд.**
- **Баъд аз анҷумани XX ҲКИШ ҳазорон маҳбусони бегуноҳ маҳкумшуда озод шуданд.**
- **То 1 январи соли 1954 дар ИҶШС шумораи маҳбусони сиёсӣ 475 ҳазор нафарро ташкил мекард.**
- **1 январи соли 1956 қариб 114 ҳазор маҳбусони сиёсӣ боқӣ монданд.**
- **Солҳои 1956-1961 қариб 700 ҳазор маҳбусон сафед карда шуданд.**
- **Солҳои 1956-1958 арбобони намоёни ҳизбию ҳарбии шӯравӣ - В. Блюхер, М. Тухачевский, И. Якир, С. Косиор, П. Постишев, Н. Рудзутак ва дигарон сафед карда шуданд.**

Ҷораҳои ислоҳкунии ҷомеаи шӯравӣ мақомоти идораи давлатиро низ фаро гирифтанд. Моҳи апрели соли 1954 бо ташаббуси Н. Хрущёв Вазорати амнияти миллӣ ба Кумитаи амнияти миллӣ дар назди Шӯрои Вазирони ИҶШС табдил дода шуда, теъдоде аз кадрҳои мақомоти ҷазодиҳанда, аз ҷумла собиқ вазири амнияти давлатӣ В. Меркулов ва муовини вазири корҳои дохилӣ В. Кобулов ба суд дода шуданд.

Роҳбарони ҳизбию давлатии шӯравӣ ҳамаи ин иқдомҳои некро дар зери шиори "барқароркунии меъёрҳои ленинии ҳаёти ҳизбӣ" ба амал мебароварданд ва роҳбарони ҳизбию давлатӣ, арбобони ҳарбӣ ва илму фарҳанг, танҳо И.Сталинро гунаҳгор медонистанд.

"Адолатпешагардонӣ" мақомоти ҳизбӣ ва созмонҳои ҷамъиятиро низ фаро гирифтанд. Яке аз мақсадҳои асосии ин иқдом кӯшиши то як дараҷа демократикунонии ҳаёти ҷомеаи шӯравӣ буд.

**ҶОРАҲОИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕАИ ШӮРАВӢ**

- Васеъ кардани ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳои шӯравӣ
- Аз нав баркароркунии давлатдории миллии халқҳои балкар, ингуш, қалмиқ, қарачай ва чечен.
- Ба ҷои вазоратҳои соҳавӣ Шӯрои хоҷагии халқи минтақавӣ ташкил карда шуд.
- Истиқлолияти шӯроҳо дар доираи тобеияти онҳо ба ташкилотҳои ҳизбӣ таъмин карда шуд.
- Фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои маишӣ, маданию маишӣ ва сохтмони роҳҳо васеъ гардид.
- Навсозии иттифоқҳои касаба ва комсомол (ВЦСПС ва ВЛКСМ) ба амал бароварда шуд, ҳуқуқҳои созмонҳои ибтидоии онҳо васеъ карда шуданд.
- Соли 1961 Барномаи нави ҲКИШ қабул шуд, ки он барномаи сохтмони коммунизм ном гирифт.
- Соли 1961 Оинномаи нави ҲКИШ қабул шуд, ки он демократияи дохилиҳизбиро васеътар кард.

1. Ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ баҳо диҳед.
2. Ба фикри шумо "адолатпешагардонӣ"-и ҷомеаи шӯравӣ сохти тоталитариро дар ин мамлакат барҳам зада метавонист?

**СУХАНҲО НАВ, ВАЛЕ РАФТОР КӮҲНА.** Баъд аз Анҷумани XX ҲКИШ маърӯзаи пӯшидаи дар ин анҷуман эродкардаи Н. Хрущёв дар созмонҳои поёнии ҳизб бо иштироки комсомолон мавриди муҳокима қарор гирифт. Аъзои қатории ҳизб ва комсомолон бо роҳи "адолатпешагардонӣ"-и Н. Хрущёв бовар карда, фикрҳои худро ошкоро баён мекарданд. Баъзеҳо дар бораи масъулияти ҳизб дар қонуншиканиҳои қаблӣ, сӯиистеъмоли баъзе шахсиятҳо аз вазифаҳои баланди ҳизбию давлатӣ, диктаторӣ будани низоми давлатдории шӯравӣ, муқовимати шадиди амалдорон бар зидди бартараф кардани шахспарастӣ, даҳолати бесалоҳиятии роҳбарони ҲКИШ ба корҳои илм, адабиёт ва санъат масъалагузорӣ мекарданд.

Аз "фазои нарм" ҷавонон истифода бурда, дар баъзе донишгоҳҳои шаҳрҳои калони мамлакат, масалан, дар Маскав ва Ленинград маҳфилҳои сиёсӣ таъсис дода, дар маҷлисҳои худ масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷомеаро ба муҳокима гузошта, зуҳуроти манфии замони гузашта ва ҳоҷирои шӯравиро аз назари танқид таҳлил мекарданд.

"Фазои нарм" ба адабиёт ва санъат ҳам роҳ ёфт. Номҳои В. Мейерхолд, О. Манделштам, А. Ахматова, М. Зощенко ва баъзе арбобони дигари адабиёт ва санъат аз нав барқарор карда шуданд. Адибон Е. Евтушенко, Б. Ахмадулина, А. Твардовский, Б. Окуҷава, М. Шолохов, К. Симонов ва дигарон асарҳои баландмазмуни замон эҷод намуданд. Дар маориф, илм ва техника ҳам пешравиҳо бисёр буданд.

Вале ҲКИШ ҳамчун ҳизби ягонаи ҳукмрон "фазои нарм"-ро оҳиста-оҳиста маҳдуд кард. Аз тарафи созмонҳои поёнии ҳизб ба зери танқид гирифта шудани усули идораи ҷомеаро дар замони И. Сталин роҳбарони ҳизб рад карданд. Дар қарори махсус гуфта мешуд, ки дар маҷлисҳои ҳизбӣ баъзе бароmадҳои

1. Исбот кунед, ки ҲКИШ ва роҳбари он Н.С. Хрущёв аз роҳи "[illegible]" [illegible] ва [illegible], аз [illegible] ба роҳи сталинии [illegible].
2. Баромади Н. Хрущёв дар назди арбобони адабиёт ва санъат дар бораи чи шаҳодат медиҳад?
3. Бо гурӯҳҳои хурд [illegible] манбаъ [illegible] мавриди муҳокима қарор диҳед.



*Расми 33. Кайҳоннаварди нахустин, шаҳрванди Иттиҳоди Шӯравӣ* ***Юрий Алексеевич Гагарин.***

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• Соли 1954 дар Дубна нерӯгоҳи барқии ҳастаӣ ба истифода дода шуд, ки он дар Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин буд.

• Соли 1955 ИҶШС соҳиби бомбаи ҳастаӣ шуд.

• Соли 1957 дар ИҶШС дар ҷаҳон калонтарин синхронофазотрон сохта шуд.

• Соли 1957 - киштии аввалини дар ҷаҳон ҳастаии яхшикани ИҶШС ба номи В.И.Ленин ба об даромад.

• 4 октябри соли 1957- аввалин Ҳамсафари маснӯъи Замини ИҶШС ба Кайҳон сар дода шуд.

• 12 апрели соли 1961 - парвози аввалин одам -шаҳрванди ИҶШС Ю.А. Гагарин ба Кайҳон тавассути киштии "Восток" рух дод.

**СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ Г. МАЛЕНКОВ**

- Тараққиёти саноати сабук ва истеҳсолоти кишоварзӣ
- Баланд бардоштани маҳсулноки кишоварзӣ
- Кам кардани андоз аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсии колхозчиён ва коргарони совхозҳо
- Кам кардани андози пулӣ аз хоҷагиҳои деҳот.
- Пурра аз эътибор соқит кардани қарзи солҳои пешин.
- Арзонсозии соҳаи савдо

## СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ Н. ХРУЩЁВ

- Баланд кардани нархи хариди маҳсулоти кишоварзӣ
- Васеъ карда шудани майдони кишти ғалла
- Аз эътибор соқит кардани қарзи солҳои пешини хоҷагиҳо
- Якчанд баробар зиёд кардани хароҷоти соҳаи иҷтимоии деҳот
- Бекор кардани андоз ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ
- Додани иҷозат дар бораи 5 баробар зиёд кардани ҳаҷми хоҷагиҳо
- Аз колхозчиён ва коргарони совхозҳо харида гирифтани чорво
- Баста шудани МТС-ҳо. Техникаи онҳоро ба хоҷагиҳо фурӯхтан
- Ба кор андохтани заминҳои бекорхобида
- Муттаҳид кардани колхозҳо
- Дар хоҷагиҳо ҷорӣ намудани принсипи ба лаклҳадорон аз поён
- Ҷорӣ намудани пардохти нафақа ба колхозчиён

## ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДИИ Л. БРЕЖНЕВ

- Бекор кардани принсипи аз вазорати истеҳсолӣ ташкил кардани дастгоҳи ҳизбӣ
- Дар Оиннномаи ҲКИШ бекор кардани модда дар бораи ротатсияи ҳатмӣ дар созмонҳои ҳизбӣ ҳар сари чанд вақт
- Бас кардани таъқиби хоҷагиҳои ёрирасон, ки дар замони Н. Хрущёв оғоз ёфта буд.
- Бас кардани фишор ба ибодатгоҳҳо (калисо, масҷид ва синагога), ки дар замони Н. Хрущёв сиёсати расми ҲКИШ буд.
- Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ҳавасмандкунии моддӣ
- Таъсиси иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, ҳаҷман калон кардани корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳо
- Рушди корхонаҳои саноатии гурӯҳи "Б"-истеҳсолкунандагони маҳсулоти истеъмолии халқ
- Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ:
  а) бекор кардани қарзи хоҷагиҳо
  б) зиёд кардани нархи хариди давлатӣ
  в) ба маҳсулоти зиёда аз нақша пардохтани мукофот иловагӣ
  г) зиёд кардани маблағгузории давлатӣ ба соҳа
  д) механизатсияи комплексии сектори аграрӣ, химиконидани замин ва обёрии замин

1. Моҳияти асосии иқтисоди плановӣ ва ба фармонфармоӣ асосёфтаи иқтисоди шӯравӣ дар чӣ ифода ёфтааст?
2. Ислоҳоти 3 роҳбари ҳизбию давлатии шӯравиро таҳлил карда, умумиятҳо ва айнияту фарқияти онҳоро муайян созед.
3. Бар зидди шахспарастии И.Сталин мубориза бурда, Н. Хрущёв оё ҷомеаи шӯравиро демократӣ кунонид?
4. "Адолатпешагардонӣ"-и ҷомеаи шӯравӣ дар чӣ ифода ёфта буд?
5. Дар бораи "сталинигардонии нав"-и Н.Хрущёв кадом далелҳоро мисол оварда метавонед?
6. Чаро Н.Хрущёв ба "фазои нарм" монеа бунёд кард?
7. Дар солҳои 50-ум ва 60-ум дар иқтисоду фарҳанг ва техникаи Иттиҳоди Шӯравӣ кадом пешравиҳо ба назар мерасанд?

# § 15. ЧИН БО РОҲИ НАВ МЕРАВАД



*Расми 34. Сарвари «Гоминдан»* ***Чан Кай-ши*** *(1887-1979).*

**ҶАНГИ ДОХИЛӢ.** То охири Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Чин ду қувваи сиёсию ҳарбӣ вуҷуд дошт-Ҳизби Коммунистии Чин (ҲКЧ) ва Гоминдан (Ҳизби Халқӣ). Ҳар кадоми онҳо барои тамоми мамлакатро дар ихтиёри худ нигоҳ доштан тамоми роҳу воситаҳоро истифода мебурданд, аз он ҷумла аз омилҳои хориҷӣ ҳам. Ба ҲКЧ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба Гоминдан Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ёрӣ мерасонид.

Дар аввали ҷанги дохилӣ ин ду нерӯ тавассути миёнравии ИМА майли мухолифатро ба маҷрои оштӣ ва мусолиҳа даровардан доштанд. Бо ин мақсад музокироти онҳо 28 августи соли 1945 дар Чунсин оғоз ёфта, он бо қабули изҳороти муштараки тарафҳои даргир ҷамъбаст карда шуд. Дар изҳороти мазкур дар бораи таъҷилан даъват карда шудани Маҷлиси машваратии нерӯҳои сиёсии Чин аҳду паймон карда шуд. Дар Маҷлиси машваратии вазирони корҳои хориҷии се давлат - ИМА, Англия ва ИҶШС, ки моҳи декабри соли 1945 дар шаҳри Маскав баргузор гардид, низ роҳи осоиштаи қатъи ҷанги дохилии Чин дастгирӣ карда шуд. Моҳи январи соли 1946 Конфронси машваратии сиёсии намояндагони ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва арбобони беҳизбии Чин баргузор гардид. Гарчанде ки онҳо дар ин конфронс нақшаи роҳи осоиштаи муттаҳидкунии Чинро кашиданд, вале он иҷро нашуд. Амалиётҳои ҷангӣ ҳатто дар тӯли кори конфронс ҳам қатъ нагардиданд. Гузашта аз ин, баъди конфронс дар Чин ҷанги дохилӣ бо қувваи даҳчанд суръат гирифт.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- **Соли 1946 - Гоминдан (Ҳизби Халқӣ) 4,3 млн ва ҲКЧ 1,2 млн нафар аскар дошт.**
- **Соли 1947 - ҲКЧ 3,7 млн ва Гоминдан 2 млн аскар дошт.**
- **07.XI.1947 - Баъд аз он ки Артиши Озодибахш Халқӣ дар шарқии мамлакат аксарияти шаҳру музофотҳоро ба даст овард, ба пойтахти он ш. Нанкин наздик шуд.**
- **IX-XI. 1948 - Артиши Озодибахш Халқӣ (АОХ) қӯшунҳои Чан Кай-широ торумор кард.**
- **31.01. 1949 - АОХ ш. Пекинро ба даст даровард, ба пойтахти Гоминдан - ш. Нанкин наздик шуд.**
- **Соли 1950 - қариб тамоми Чин аз Гоминдан озод карда шуд, ғайр аз Тайван ва баъзе ҷазираҳои хурди дигар.**
- **X. 1949 - баъди аз тарафи АОХ гирифта шудани Гуанчжоу саркардагони Ҳукумати Гоминдан аввал ба шаҳри Чунсин ва баъд ба ҷазираи Тайван фирор карданд.**

1. Бо кадом сабабҳо дар Чин ҷанги дохилӣ ба амал омад?
2. Чаро кӯшишҳо баҳри бо роҳи мусолиҳатомез ҳал кардани низоъи дохилӣ натиҷаи дилхоҳ надоданд?
3. Дар бораи рафти шикастхӯрии Гоминдан далелҳо биёред.

**ТАЪСИСИ ЧУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ЧИН.** Ба Ҳизби Коммунистии Чин муяссар шуд, ки аксарияти оммаро тавассути шиорҳои ба мардум маъқул ба тарафи худ кашад. ҲКЧ барои мустаҳкам кардани мавқеъ ва ҳокимияти худ чораҳои мушаххас меандешид. Дар ин кор ба ҲКЧ АОХ ёрдамчии боэътимод буд.



*Расми 35. Мао Тсзе-дун*

1 октябри соли 1949 дар гирдиҳамоии мӯҳташами дар Майдони Марказии Тянанмини ш. Пекин баргузоргардида Ҳукумати Марказии Халқӣ карори худ дар бораи таъсиси Ҷумҳурии Халқии Чинро эълон кард.

## ЭЪЛОМИЯИ ҲУКУМАТИ МАРКАЗИИ ЧИН

(1 октябри соли 1949)

**Аз он рӯзе, ки ҳукумати иртиҷоии Чан Кай-ши ба ватан хиёнат карда, бо ҳамроҳии империалистон ба сӯиқасд даст зад ва ҷанги аксулинқилобӣ бурд, тамоми халқи Чин ба азобу бадбахтии шадид гирифтор шуд. Вале артиши миллию озодихоҳии мо ба ёрии тамоми халқи мамлакат дар муборизаи шуҷоатмандонаю қаҳрамонона баҳри ҳифзи якпорчагии қаламрав ва истиқлолияти ватанамон, наҷоти халқ аз азобу уқубат ва таъмини ҳуқуқҳои он қӯшунҳои иртиҷоии ӯро нест карда, ҳокимияти иртиҷоии Ҳукумати Гоминданро барҳам зад.**

**Хоҳиши тамоми халқи мамлакатро ифода намуда, Конфронси халқии сиёсии маслиҳатии Чин Қонуни асосии Ҳукумати Марказии Ҷумҳурии Халқии Чинро тасдиқ намуд... Ҷумҳурии Халқии Чинро эълон кард ва қарор қабул кард, ки Пекин пойтахти Ҷумҳурии Халқии Чин мешавад.**

1. Ҷумҳурии Халқии Чин кай таъсис ёфтааст?
2. Мақсаду маромии "Эъломияи Ҳукумати Марказии Чин" аз чиҳо иборат аст?
3. Оё Чан Кай-широ хиёнаткор гуфтан мумкин аст? Бо далелҳо исбот кунед.

**СОХТМОНИ СОТСИАЛИЗМ: ДАВРАИ ГУЗАРИШ.** Баъди ғалаба бар Гоминдан дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба сохтмони сотсиализм шурӯъ карда шуд. Ҷумҳурии Халқии Чин дар ин роҳ танҳо ба ёрии ИҶШС такя мекард, чунки давлатҳои Ғарб дар Чин тавассути силоҳ ба сари қудрат омадани ҳукумати навро дастгирӣ накарданд. Ҳукумати Шӯравӣ барои ёрӣ ба Чин тайёр буд. Дар рӯзи дуюми эълон карда шудани ҶХЧ -2 октябри соли 1949 Ҳукумати Шӯравӣ ин мамлакатро бо расмият шинохт ва 14 феврали соли 1950 дар шаҳри Маскав дар байни ИҶШС ва ҶХЧ шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба имзо расид.

## БАРҚИЯИ ҶОНИШИНИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ИҶШС А.А. ГРОМИКО БА ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ЧИН ЧЖОУ ЭН-ЛАЙ

... Таклифи ҳукумати Халқии Марказии Чинро баррасӣ намуда, Ҳукумати Шӯравӣ бо назардошти хоҳиши қатъии бахри ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона бо халқи Чин ва боварӣ ба он, ки Ҳукумати Марказии Халқии Чин ифодагари иродаи аксарияти халқи Чин мебошад, ба Шумо хабар мерасонад, ки он тасмим гирифтааст, ки дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Халқии Чин муносибатҳои дипломатӣ барқарор намояд...

Сохтмони сотсиализм дар иқтисод пеш аз ҳама соҳаи кишоварзиро фаро гирифт. Ислоҳоти аграрӣ дар асоси қонун аз 30 июни соли 1950 оғоз карда шуд. Дар натиҷаи ин барои ба ҳисоб гирифтани ислоҳоти замин то соли 1953 кишоварзони Чин 47 милион га замин гирифтанд. Дар деҳот ячейкаҳои аввалини сотсиалистӣ - гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарии меҳнатӣ ташкил ёфтанд. Дар оғози соли 1953 қариб 40 фоизи хоҷагиҳои яккадасти деҳқонон дар ҳамин гурӯҳҳо муттаҳид шуда буданд.

Яке аз масъалаҳои мушкили иқтисодии ибтидоии Чин аз нав барқарор кардани иқтисоди дар ҷанги дохилӣ харобгардида буд. Дар ин кор ИҶШС ба Чин ёрии зарурӣ мерасонид. Захираҳои дохилӣ низ бахри иҷрои ин мақсад истифода бурда мешуданд.

## ҚОНУН ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ЧИН

(28 июни соли 1950)

*Иқтибосҳо*

### БОБИ I. НИШОНДОДҲОИ УМУМӢ

**Моддаи 1.** Моликияти заминдорон бар замин, ки ба истисмори феодалӣ асос ёфтааст, бекор карда, моликияти деҳқонон муқаррар карда мешавад, то ки нерӯҳои истеҳсолкунандаи кишоварзӣ озод шуда, истеҳсолоти кишоварзӣ рушду нумӯъ ёбад ва он ба индустрикунонии Чини нав роҳ кушояд.

### БОБИ 2. МУСОДИРАИ ЗАМИН

**Моддаи 2.** Замин, чорвои корӣ, олоти меҳнати кишоварзӣ, ғаллаи изофа ва хонаю ҷойи изофаи маҳалҳои деҳотӣ мусодира мешаванд.

**Моддаи 9.** Муайянкунии моҳияти мафҳумҳои "заминдор", "кулак", "миёнаҳол", "чоряккор" ва категорияҳои дигари аҳолии деҳот махсус муқаррар карда хоҳанд шуд.

Аз маводи дар поён овардашуда мушоҳида хоҳед кард, ки иқтисоди Ҷумҳурии Халқии Чин ҳам чун иқтисоди давлатҳои дигари сотсиалистӣ дар асоси нақша, моликияти умумихалқӣ ва роҳбарии марказонидашуда ташкил ёфта буд. Барои ҳамин он чораҳои сиёсӣ ва иқтисодие, ки ҲКЧ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин дар солҳои 1944-1952 амалӣ намуданд, барои тараққиёти нақшавии иқтисоди ҶХЧ замина эҷод карданд. Ин буд, ки мақомоти ҳокимияти ҳизбию давлатии ҶХЧ барои солҳои 1953-1957 нақшаи 5-солаи якуми тараққиёти хоҷагии халқи

Ҷумҳурии Халқии Чинро қабул карданд. Ин нақша бояд вазифаҳои давраи гузариши сохтмони ҷамъияти сотсиалистиро дар мамлакат ҳал мекард.

1. Соли 1950 бо кадом сабаб дар шаҳри Москва дар байни ИҶШС ва ҶХЧ созишномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба имзо расонида шуд?
2. Санадҳои дар боло додашударо таҳлил карда, аз онҳо хулоса бароред.

Конститусияи Ҷумҳурии Халқии Чин муқаррар кард, ки аз таъсиси Ҷумҳурии Халқии Чин то сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ давраи гузариш мебошад. Вазифаҳои асосии давлат дар давраи гузариш марҳала ба марҳала ба амал баровардани индустрикунонии сотсиалистии мамлакат, ба анҷомрасондани барҳамзании саноати сармоядорӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Барои иҷрои вазифаҳои асосии давраи гузариш вақти нисбатан дуру дароз лозим аст. Ғайр аз ин се соли азнавбарқароркунӣ тахминан 15 соли дигар, яъне зиёда аз се панҷсола зарур буд.

Вазифаҳои муҳимтарини 5-солаи якум чунин муайян карда шудаанд:

**ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ПАНҶСОЛАИ ЯКУМ**

1. Ба вуҷуд овардани асоси индустрикунонии сотсиалистии мамлакат: сохтани 694 объекти калонтарин, ки асоси онҳоро 156 объекти бо ёрии ИҶШС ба нақшагирифта ташкил мекард.

2. Ба вуҷуд овардани заминаи аввалия барои дигаргунсозиҳои сотсиалистии дар хоҷагии деҳот ва саноати хурд бо роҳи рушди хоҷагиҳои истеҳсолии кишоварзӣ.

3. Бунёди асоси дигаргунсозиҳои сотсиалистии саноати хусусӣ ва тиҷорат бо роҳу шаклҳои гуногуни сармоядории давлатӣ.

- Шабакаи саноати электротехникӣ, ангишт ва нафтро ташкил ва васеъ намудан
- Ташкил ва васеъ кардани саноати филизи (металлургия) сиёҳ ва инчунин саноати кимиё
- Бунёди саноати мошинӣ, дастгоҳҳои металбурӣ, электроэнергетикӣ, металлургӣ ва таҷҳизоти маъданистехсолкунӣ
- Сохтмони корхонаҳои саноати бофандагӣ
- Сохтмони заводҳои истеҳсоли автомобил, трактор ва ҳавопаймо
- Сохтмони корхонаҳои нави миёна ва хурди саноатӣ, ки мувофиқи талаботи аҳолии шаҳру деҳот маҳсулот истеҳсол мекунанд.
- Сохтмони дигар соҳаҳои саноат, нақлиёт, алоқа, ки низ ба секторы сотсиалистии иқтисод дохиланд

Дар баробари дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ дар иқтисод дар низоми сиёсии ҷомеа низ баъзе таҳаввулот ба амал омаданд. Солҳои 1953-1954 интихоботи бисёрзинагӣ ба маҷлисҳои намояндагони халқ доир гардиданд. Моҳи сентябри соли 1954 Маҷлиси Умумичинии Намояндагони Халқ Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Чинро қабул кард. Бо ҳамин дар низоми сиёсии ҶХЧ низ меъёрҳои сотсиалистии сиёсӣ мустаҳкамтар бунёд карда шуданд.

1. Дар нақши нақшаи 5-солаи якум кадом вазифаҳо гузошта шуда буданд?
2. Муайян намоед, ки дигаргунсозиҳои иқтисодии ҶХЧ ба сохтмони кадом ҷомеа равона карда шуда буд.

**ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ.** Дар охири солҳои 50-ум дар ҳайати роҳбарияти ҲКЧ ақида дар бораи "ҷаҳиши бузург" пайдо шуд. Вале дар байни онҳо ашхоси дар муқобили ин ақида қарордошта ҳам буданд, аз он ҷумла Узви Бюрои Сиёсии КМ ҲКЧ, вазири мудофиа Пен Де-хуей. Муқобилони "ҷаҳиши бузург" оппортунист номгузорӣ шуданд.

Моҳи май соли 1958 анҷумани VIII ҲКЧ роҳи генералии дигарро қабул кард, ки он мухтасар чунин маъно дошт:- "Тамоми нерӯи худро ҷамъ карда, ба пеш рафта, сохтмони социализм аз рӯи принсипи: зиёдтар, тезтар, хубтар, сарфакоронатар ба амал баровардан лозим". Вале ин шиор натиҷаи дилхоҳ надод. Вазъи иҷтимоии мамлакат боз ҳам мураккабтар шуд. Ба аҳолӣ маҳсулоти озуқа намерасид. Дар иқтисоди Чин механизми бӯҳрон ба миён омадан гирифт ва, пеш аз ҳама, дар истеҳсоли озуқаворӣ. Дар сиёсати хориҷии ҶХЧ ҳам тағйиротҳо ба амал омад. Зимни он аз ҷониби ҲКЧ шиори дигар ба миён гузошта шуд - "такя ба нерӯи худӣ", ки он, пеш аз ҳама, қатъ кардани алоқа аз ИҶШС-ро дар назар дошт ва ҳамин тавр ҳам шуд.


Расми 36. «Ҷаҳиши бузург» дар деҳаи Чин.

Ҳизби Коммунистии Чин ба бӯҳрони сиёсӣ гирифтор шуд. Аз ин рӯ, нерӯҳоеро ёфта, сабаб ва гунаҳгорони аҳволи вазнини мамлакатро ба гардани онҳо партофтан лозим буд. Мао Тзе-дун барои ин кор ҷавононро истифода бурд. Онҳо бо даъвати доҳӣ дастаҳои сершумори "хунвэйбинҳо" ("Посбонони Сурх")-ро ташкил карданд, то ки ба гунаҳгорон ҷазо диҳанд.


Расми 37. **Дэн Сяопин** (1904-1997), муаллифи асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҶХЧ.

Ба ҳаракати "хунвэйбинҳо" донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва таълимгоҳҳои дигар ҷалб карда шуданд. Дар таълимгоҳҳо дарсҳо қатъ гардиданд. Аз рӯи дастурҳои "Раис Мао" ҳазорон нафар роҳбарони ҲКЧ, давлатӣ, арбобони машҳури илму фарҳанг ва ашхоси қаторӣ ба таъқиботи шадиди "хунвэйбинҳо" гирифтор шуданд. Аз моҳи декабри соли 1966 ба "хунвэйбинҳо" дастаҳои "тсзаофанҳо" ("исёнгарон") низ ҳамроҳ шуданд, ки ҳайат ва усули фаъолияти онҳо низ ба "хунвэйбинҳо" монанд буд. Дар амал бедодгариҳои "хунвэйбинҳо" ва "тсзао-фанҳо", ки "инқилоби маданӣ" ном гирифтааст, тибаддулоти сиёсии ирттиҷоӣ буд. Он ба иқтисод, фарҳанг ва кадрҳои ҳизбию давлатии Чин талафоти калон дод. Халқи заҳматкаш низ маврида таъқибот ва террор қарор гирифт.



*Расми 38. Ҷавононе, ки дар натиҷаи «Инқилоби маданӣ» аз шаҳр ба деҳа барои тарбия фиристонида шудаанд.*

Ҳамин тарик, ба Мао Тсзе-дун муяссар гардид, ки ракибони сиёсӣ ва хамаи онҳоеро, ки гӯё ба акидаи ӯ ба сохтмони сотсиализми модели нави пешниходкардааш халал мерасониданд, маҳв кунад. "Хунвэйбинҳо" ва "тсзаофанҳо" миллионҳо нафар роҳбарони зинаҳои гуногуни роҳбарии ҳизбию давлатӣ ва арбобони илму фарҳангро барои "тарбия" ба деҳот фиристониданд. Теъдоди хеле зиёди ин одамон катл карда шуданд. Дар "инкилоби маданӣ" кариб 20 милион нафар чиниҳо халок гардидаанд.

**1. Максади "инкилоби маданӣ"-ро муайян намоед.**
**2. "Хунвэйбинҳо" ва "тсзаофанҳо" чигуна мардум буданд ва кадом максадро ба ҷо меовардаанд.**
**3. Дар бораи окибатҳои "инкилоби маданӣ" далелҳо биёред ва аз онҳо хулоса бароред.**

## § 16. КОРЕЯ ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ ТАЪРИХӢ

**БА ДУ ДАВЛАТ ТАҚСИМШАВИИ КОРЕЯ.** Сабаби ба ду минтакаи ишғолӣ ва ду давлат тақсимшавии Корея ғалабаи Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ бар Ҷопон, талоши Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бахри ба роҳи сиёсию ҷамъияти ба онҳо маъқул даровардани Корея буд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар назди халқи Корея масъалаи дигар истода буд - озодшавӣ аз зери зулми мустамликавии Ҷопон. Моҳи августи соли 1945 Артиши Шӯравӣ каламрави Кореяро аз артиши Ҷопон озод кард. 15 августи ҳамон сол рӯзи озодшавии Корея гардид. Аз ҳамон вакт сар карда мушкилии дигаре ба миён омад. Баъди чанде бо карордоди Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Корея аз параллели 38 ба ду минтакаи ишғолӣ таксим карда шуд. Дар ҷануб бояд таслимшавии қӯшунҳои шикастхӯрдаи Ҷопонро ҳарбиёни Амрико ва дар шимол фармондеҳии Иттиҳоди Шӯравӣ кабул мекарданд. Баъди иҷрои ин вазифа қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА аз минтакаҳои ишғолии худ бароварда нашуданд. Ҳар кадоми ин давлатҳо дар каламрави ишғолнашон ба таъсиси сохти давлатии ба худ монанд шурӯъ намуданд.

Моҳи октябри соли 1945 Комитети ташкилии Ҳизби Коммунистии Кореяи Шимолӣ таъсис ёфт. Ҳизби Коммунистии Кореяи Шимолӣ дар назди худ вазифа гузошт, ки Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Кореяро таъсис бидиҳад. Барои ҳамин моҳи феврали соли 1946 бо ҳамроҳии нерӯҳои тобеъ ба худ, аз он ҷумла комитетҳои маҳаллии мардумии ташкилкардааш, Комитети Муваккатии Мардумии Кореяи Шимолиро таъсис дод.

Комитети Муваккатии Мардумӣ ба дигаргунсозиҳои сотсиалистие, ки дар ин минтакаи Корея оғоз кард, мазмуни сотсиалистӣ дод. Ҳокимияти нав низоми

қаблии ҳокимиятро аз байн бурда, низоми сотсиалистии ҳокимиятро таъсис намуд. Шаклҳои каблии моликият ва ташкили меҳнатро бо моликият ва ташкили меҳнати сотсиалистӣ иваз намуд.

Бо мақсади ҳарчи тезтар дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ моҳи марти соли 1946 дар Кореяи Шимолӣ ислоҳоти замин гузаронида шуд, ки дар натиҷаи он моликияти хусусӣ бар замин барҳам хӯрда, қариб 1 милион га замин аз соҳибонашон мусодира карда шуд. Дар баробари ин Комитети Муваққатӣ қонун дар бораи милликунонии корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, алоқа, бонкҳо, корхонаю муассисаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангро қабул кард.

Барои сохтмони сотсиализм дар Кореяи Шимолӣ Иттиҳоди Шӯравӣ ёрии ҳаматарафа мерасонид. Дар натиҷа соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва фарҳанги Кореяи Шимолӣ дар заминаи консепсияи сотсиалистӣ бунёд карда шуданд.

Ҳизби Коммунистии Кореяи Шимолӣ мавқеъ ва мақоми худро торафт пурзӯртар мекард. Моҳи августи соли 1946 Ҳизби Коммунистии Кореяи Шимолӣ бо Ҳизби Нави Халқӣ муттаҳид шуда, номи Ҳизби Коргарии Кореяи Шимолиро гирифт. Охирҳои ҳамон сол ва аввали соли оянда интихоботи комитетҳои халқии музофотҳо, шаҳрҳо, уездҳо ва волостҳои Кореяи Шимолӣ гузаронида шуд. Ҳамин тариқ, соли 1946 дар Кореяи Шимолӣ сохти сотсиалистӣ ҳукмрон гардид.

Дар Кореяи Ҷанубӣ ИМА мавқеи худро сол то сол мустаҳкамтар мекард. Аз ҷониби Амрико ва ИҶШС оид ба масъалаи Корея пешниҳодоти гуногун ба миён омаданд. Масалан, Иттиҳоди Шӯравӣ пешниҳод кард, ки пуштибонии Корея аз ҷониби ИҶШС ва ИМА то 10 сол муқаррар карда шавад. Ин пешниҳод дар назар дошт, ки истиқлолияти Корея дар ин муддат барқарор мегардад ва Корея ба роҳи сотсиалистӣ медарояд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ баҳри бо роҳи сармоядорӣ ворид сохтани Корея чандин пешниҳод кард. Вале тарафҳо таклифҳои ҳамдигарро қабул намекарданд. Комиссияи муштарак, ки баҳри муттаҳидкунии Корея таъсис дода шуда буд, ба натиҷае ноил шуда натавонист. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пешниҳод намуд, ки масъалаи Кореяро Иҷлосияи Кулли Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ кунад. Вале ин ташаббус ҳам натиҷаи мусбате ба бор наовард.

10 майи соли 1948 дар Кореяи Ҷанубӣ интихоботи озод гузаронида шуд. Дар натиҷа Маҷлиси Миллӣ таъсис ёфт, ки он Кореяи Ҷанубиро "Ҷумҳурии Корея" эълон намуд. Бо ҳамин дар нимҷазираи Корея ду давлати сохти сиёсиашон гуногун ба вуҷуд омад - Ҷумҳурии Халқӣ - Демократии Корея ва Ҷумҳурии Корея - яке сотсиалистӣ ва дигаре сармоядорӣ (демократӣ).

**?**

1. Сабабҳои асосии ба ду давлат тақсимшавии Корея кадом давлатҳо буданд?
2. Ҷараёни таъсисёбии ду давлати Кореяро таҳлил намоед.

**ҶАНГИ КОРЕЯ.** Ҳарду давлати манфиатдор - ИҶШС ва ИМА дар минтақаҳои зери нуфузи худ корҳои таблиғотӣ мебурданд. Ҳар кадом нерӯҳои сиёсӣ ва халқро барои ишғоли қисмати дигари Корея ва бо ҳамин роҳ муттаҳид сохтани ин давлат даъват менамуд. Ҳарду тараф ҳам ба манфиатҳои худ дар Корея хатар эҳсос мекард. Ҳамин тариқ, вазъият дар байни ҳарду Корея тезу тунд шудан гирифт.

25 июни соли 1950 дар сарзамини Корея ҷанг сар зад. Бо сарнавиши ин ҷанг ҳарду тараф ҳамдигарро гунаҳгор медонистанд. Шӯрои Амнияти СММ муайян намуд, ки "ташаббус"-и ҷанг аз ҷониби Кореяи Шимолӣ (ҶХДК) ба амал омадааст. Масъалаи ҷанги Корея бо талаби Америко дар Шӯрои Амнияти СММ мавриди муҳокима қарор гирифт. 27 июн ва 7 июли соли 1950 Шӯрои Амнияти СММ ду резолютсия қабул кард. Дар онҳо Кореяи Шимолӣ (ҶХДК) таҷовузкор эълон карда шуд. Ин резолютсияҳо ба ИМА имконият доданд, ки дар зери парчами СММ бар зидди Кореяи Шимолӣ ҷанг кунад.

Дар ҷанги Корея ба Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея ИҶШС ва ҶХЧ ва ба Ҷумҳурии Корея ИМА ёрӣ мерасониданд. Ин ҷанг ба халқи Корея талафоти бузурги ҷонию моддӣ ба бор овард. Он 27 июли соли 1953 дар Пхонмунҷон, ки дар наздикии шаҳри Кэсон воқеъ аст, бо имзои созишномаи оташбас анҷом пазируфт.

**1. Гунаҳгорони асосии ҷанги Корея кадом давлатҳо буданд? Мақсади онҳо аз барангехтани ин ҷанг аз чӣ иборат буд?**

**2. Аз тариқи баҳс муайян кунед, ки оё ҷанги Кореяро пешгирӣ кардан мумкин буд?**

**ҶУМҲУРИИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТИИ КОРЕЯ.** Баъди ба иҷро расидани созишномаи сулҳ дар Кореяи Шимолӣ, яъне Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея азнавбарқароркунии харобаҳои ҷанг оғоз ёфт. Ба ин давлат Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаматарафа ёрӣ расонид.

Пленуми Кумитаи Марказии Ҳизби Меҳнатии Корея соли 1953 масъалаҳои рӯзмарраи азнавбарқароркунӣ ва рушди хоҷагии халқи мамлакатро мавриди муҳокима қарор дода, қарорҳои дахлдор қабул кард. Масъалаи наздиктарини иқтисодӣ бунёди базаи моддӣ-техникии сотсиализм буд. Нақшаи 3-солаи тараққиёти хоҷагии халқи ҶХДК барои солҳои 1954-1956 бояд ҳамин мақсадро амалӣ мекард. Мувофиқи ин нақша қариб 240 корхонаи саноатӣ барқарор карда шуда, 80 корхонаи нав сохта шуд. Дар соҳаи кишоварзӣ низ тағйиротҳои сотсиалистӣ ба амал омаданд. То охири соли 1956 81 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ кооперативонида шуданд. Баъди ин ҳиссаи сектори сотсиалистӣ дар даромади миллӣ ба 82 фоиз расид.

Ба роҳи нақшавӣ пеш бурдани хоҷагии халқи ҶХДК давом кард. Анҷумани III ҲМК нақшаи 5-соларо барои солҳои 1957-1961 дастгирӣ намуд. Дар ин 5-сола муносибатҳои сотсиалистӣ дар иқтисод ва ҷамъият асосан ғалаба кард. Дар ин кор саҳми Иттиҳоди Шӯравӣ хеле калон буд. Бо ёрии молиявию техникии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҶХДК даҳҳо корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, алоқа ва ғайра сохта, ба истифода дода шуданд. Масалан, заводи филизоти ба номи Ким Чхэк дар шаҳри Чхонҷин, заводи пулодгудозии Сончан шаҳри Ким Чхэк, заводи филизоти ранга дар Немихо, заводи нуриҳои кимиёвии Хиннам, Нерӯгоҳи барқии обии Супхун ва комбинати бофандагии Пхеньян аз ҷумлаи ин корхонаҳои азамат мебошанд.

Ба Иттиҳоди Шӯравӣ пайравӣ карда, дар ҶХДК низ нақшаи 7-сола (1961-1967)-и тараққиёти хоҷагии халқи мамлакат қабул карда шуд. Дар солҳои 7-сола мавқеи сотсиализм дар ҶХДК боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Саноат ва кишоварзӣ пеш рафтанд. Дар тафаккури мардум низ қолабҳои идеологияи коммунистӣ ҷойгир шуданд.

1. **Дар бораи рушди низоми сиёсӣ ва иқтисодии ҶХДК чиҳо гуфта метавонед?**
2. **Аз харита ҶХДК ва Ҷумҳурии Кореяро ёбед.**
3. **Корхонаҳои азими дар ҶХДК дар солҳои 5-сола сохташударо номбар кунед.**

**ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ.** Дар Ҷумҳурии Корея низ баъди анҷоми ҷанг хоҷагии халқ бо ёрии ИМА аз нав барқарор карда шуд ва иқтидорҳои нави инфраструктураи иқтисодӣ бунёд гардиданд.

Соли 1953 ИМА ба Ҳукумати Ҷумҳурии Корея, ки роҳбарии онро Ли Син Ман ба ӯҳда дошт, "Дар бораи амнияти ҳамдигарӣ" шартнома ба имзо расонид. Мувофиқи ин санад Амрико ба Ҷумҳурии Корея аслиҳаи зиёд, аз он ҷумла мушакҳо дод. Ғайр аз ёрии ҳарбӣ ИМА ба Ҷумҳурии Корея ёрии молиявӣ низ расонид. Солҳои 1945-1968 ёрии Амрико ба Ҷумҳурии Корея 7,4 млрд. долларро ташкил намуд. Дар баробари ин ёрӣ маблағгузории ширкатҳои инҳисории амрикоӣ ба иқтисоди Кореяи Ҷанубӣ афзуд. Дар байни ИМА ва Ҷумҳурии Корея дар бораи тиҷорат ва баҳрнавардӣ низ созишнома ба имзо расид. Ин созишнома ба пешравии иқтисодӣ ва некӯаҳволии халқи Ҷумҳурии Корея мусоидат кард.

Парлумони Ҷумҳурии Корея як қатор қонунҳо, аз он ҷумла "Дар бораи ҳавасманд намудани маблағгузории хориҷӣ" ва "Дар бораи кафолати пардохти номбар"-ро қабул кард.

Қонунҳо ва ислоҳоти иқтисодӣ ва он ёрию маблағгузориҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Корея ба амал бароварда шуданд, иқтисоди ин давлатро ба зинаи нави тараққиёт бароварданд.Дар натиҷа аҳволи зиндагии мардуми ин кишвар беҳтар шуд.

1. **Сохти сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Кореяро муайян кунед, нишонаҳои онро баён созед?**
2. **Пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Корея чи тавр сурат гирифт?**

**КӮШИШҲО БАҲРИ МУТТАҲИДШАВИИ КОРЕЯ.** Соли 1958 аз Кореяи Шимолӣ сарбозони ихтиёрии Ҷумҳурии Халқии Чин бароварда шуданд. Вале ин иқдом барои муттаҳид карда шудани ҳарду Корея ягон таъсири мусбат нарасонид. Ҳам Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳам ИМА артишҳои худро аз ин давлатҳо набароварданд. Ҳам ИҶШС ва ҳам ИМА намехостанд, ки дар ин минтақаи стратегии Шарқ мавқеи худро аз даст диҳанд. Барои ҳамин, онҳо дар амал давлатҳои Кореяро дар ҳолати ишғолӣ нигоҳ медоштанд. Аз тариқи созишномаҳо бо ҶХДК ва Ҷумҳурии Корея ҳамкорӣ ва ба ҳамин васила сиёсати геополитикии империалистии худро рӯйпуш карда буданд.

Дар арафаи 15-солагии озодшавии мамлакат ҳукумати ҶХДК -- моҳи августи соли 1960 пешниҳод кард, ки бо дар назардошти гуногунии сохти сиёсии давлатҳои Корея - Конфедератсияи Кореяи Шимолӣ ва Кореяи Ҷанубӣ ташкил карда шавад. ИМА қӯшунҳои худро аз Ҷумҳурии Корея барорад ва шумораи артиш дар ҳарду қисмати Корея то 100.000 кам карда шавад. Ба андешаи Ҳукумати ҶХДК ин ташаббус дар роҳи муттаҳидшавии воқеии Корея қадами аввалин хоҳад буд.

Дар Ҷумҳурии Корея ин пешниҳодҳо ҳамовозӣ пайдо намуданд ва дар он ҷо "Шӯро оид ба муттаҳидшавӣ ва истиқлолияти миллат" таъсис ёфт. Вале 16 маи соли 1961 Ҳукумати Ҳизби Демократии Ҷумҳурии Корея аз ҷониби генерал Пак Чон Хи бо роҳи ҳарбӣ сарнагун карда шуд. Пак Чон Хи дар мамлакат диктатураи

ҳарбӣ муқаррар намуд ва ба таъқиботи нерӯҳои равшанфикру ватанпарвари миллӣ даст зад. Судҳои ин режими ҳарбӣ зиёда аз 42 ҳазор оламонро ба мӯҳлатҳои гуногун маҳкум намуданд. Сарфи назар аз ин, режими ҳарбии Пак Чон Хи давлатро бо ин роҳу усул дер идора карда наметавонист. Барои ҳамин эълон кард, ки Ҷумҳурии Корея бо роҳи демократии идора мегузарад, яъне ҳокимиятро ба ҳукумати ғайринизомӣ месупорад. Вале ин иқдом аз фиреби маҳз беш тар набуд.

Охири соли 1963 интихоботи президентии Ҷумҳурии Корея доир гардид ва дар он Пак Чон Хи ғолиб баромад. Яъне танҳо либоси диктатор тағйир ёфт. Ҳизби Ҷумҳурияхоҳон, ки ӯ таъсис дода буд, дар интихобот ба Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Корея 110 ваколатнома ва 62.8 фоизи ҷойҳоро ишғол намуд.

Дар солҳои 60-ум масъалаи муттаҳидшавии Корея аз тарафи ҳарду Корея ҳам кам ёдоварӣ мешуд, он ба вақти номаълум мавқуф монд. Дар ҶХДК сотсиализм ғалаба кард. Ҷумҳурии Корея бошад, ба яке аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳон табдил ёфт.

## САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

• 15 августи соли 1945 - Рӯзи истиқлолияти Корея эълон карда шуд.

• 8 августи соли 1945 - ба Корея нерӯҳои ҳарбии ИМА ворид шуданд.

• 10 августи соли 1946 - дар ҶХДК корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, алоқа, бонкҳо, роҳҳои оҳан ва ғайра миллӣ кунонида шуданд.

• Соли 1946 - Ҷабҳаи Миллии Кореяи Ҷанубӣ таъсис ёфт.

• 10 маи соли 1948 - дар Кореяи Ҷанубӣ интихоботи озод доир гардид.

• 15 августи соли 1948 - дар Кореяи Ҷанубӣ ҳукумати Ли Син Ман таъсис ёфт.

• Соли 1949 - Ҷабҳаи Муштараки Ҳарду Корея барои муттаҳидшавӣ таъсис ёфт.

• 17 марти соли 1949 - дар шаҳри Маскав карордод дар бораи ҳамкории иқтисодии ҶХДК ва ИҶШС ба имзо расид.

• Барои солҳои 1949-1953 - нақшаи 5-солаи азнавбарқароркунии хоҷагии халқи ҶХДК қабул карда шуд.

• 27 июли соли 1953 - дар Пхонмунчони наздикии шаҳри Касон санади оташбас дар байни ҳарду Корея ба имзо расид.

• Соли 1953 - Комиссияи СММ оид ба муттаҳидсозии Корея таъсис ёфт.

• Барои солҳои 1954-1956 - нақшаи 3-солаи тараққиёти хоҷагии халқи ҶХДК қабул карда шуд.

• 16 маи соли 1961 - аз ҷониби Пак Чон Хи ҳукумати Ҳизби Демократӣ дар Кореяи Ҷанубӣ (Ҷумҳурии Корея) барҳам зада шуд.

• Соли 1963 - дар Ҷумҳурии Корея интихоботи президентӣ ва порлумонӣ баргузор гардид.

1. Кореяи Шимолӣ кадом роҳи муттаҳидшавиро бо Кореяи Ҷанубӣ пешниҳод кард?
2. Чаро Ҷумҳурии Корея пешниҳодоти Кореяи Шимолиро қабул накард?
3. Дар бораи режими Пак Чон Хи маълумот диҳед.

4. Дар харау Корея дар солҳои 1945-1970 чӣ хел режимҳои сиёсӣ ҳукмрон буданд?

5. Чаро дар ин давра Ҷумҳурии Корея ба роҳи демократии рушди миллӣ дохил нашуд?

## § 17. ВЕТНАМ: МУБОРИЗА БАҲРИ ЯГОНАГӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

**ИНҚИЛОБИ ОЗОДИХОҲӢ.** Дар тӯли Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ халқи Ветнам бар зидди истилогарони ҷопонӣ мубориза мебурд. Моҳи августи соли 1945 дар баробари бар зидди Ҷопон ҷанг эълон кардани Иттиҳоди Шӯравӣ ин мубориза боз ҳам авҷ гирифта, ба инқилоби миллии озодихоҳӣ мубаддал гардид. Дар мӯҳлати кӯтоҳ инқилоб бо ғалабаи халқи Ветнам анҷом ёфт.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- То моҳи августи соли 1945 Лигаи Вет Мин таъсис ёфт, ки он қисми қаламрави Ветнамро ба зери назорати худ гирифт.
- Ба муборизаи озодихоҳона Ҳизби Коммунистии Ветнам сарварӣ мекард. Конфронси он, ки 13-15 августи соли 1945 баргузор гардид, қарор қабул кард, ки шӯриши умумӣ оғоз карда шавад.
- Конгресси Вет Мин, ки 16 августи соли 1945 баргузор гардид, бо роҳбарии Хо Ши Мин Кумитаи Миллии Озодибахши Ветнамро интихоб намуд ва ба он вазифаи Ҳукумати Муваққатии Ветнам вогузор карда шуд.
- 19 августи соли 1945 дар пойтахти Ветнам - шаҳри Хюэ шӯриш сар зад.
- 24 августи соли 1945 бо талаби Лигаи Вет Мин император Бао Дай аз тахти императорӣ даст кашид.
- 2 сентябри соли 1945 Ҳукумати Муваққатӣ эъломия дар бораи истиқлолиятро қабул ва таъсиси Ҷумҳурии Демократии Ветнам (ҶДВ)-ро эълон кард.

?

1. Дар Ветнам чаро маҳз моҳи августи соли 1945 инқилоби озодихоҳӣ ба амал омад? Он чи мақсад дошт?
2. Оид ба санаҳо, воқеаҳо, далелҳо дар бораи инқилоби августии Ветнам дониши худро бисанҷед.

**ОҒОЗИ ҶАНГИ ФАРОНСА БО ВЕТНАМ.** Дар ин давра дар тақдири халқи Ветнам Чини Гоминдан ва Фаронса мақоми калон доштанд. Аз моҳи октябри соли 1945 Фаронса дар амал бо Ветнам дар ҳолати ҷанг буд. Баъди ба Чин баъзе гузаштҳои иқтисодӣ кардан ҳукумати Чин розӣ шуд, ки артиши Чин дар Ветнами Шимолӣ бо артиши Фаронса иваз карда шавад. Баъди мустамликадорони Фаронса бо ҳукумати ҶДВ дар сари мизи музокирот нишастанд. Азбаски ин вақт ҶДВ имконияти муҳофизат кардани худро надошт, ба гузаштқуниҳо розӣ буд. Дар натиҷаи ин музокирот 6 марти соли 1946 дар байни ҶДВ ва Фаронса созишнома ба имзо расид. Мувофиқи он ҶДВ розӣ шуд, ки ба Иттиҳоди Фаронса дохил шуда, зиёда аз 15.000 аскари Фаронсаро ба мӯҳлати 5 сол дар Ветнам ҷой диҳад. Фаронса бошад, Ветнами Шимолиро ҳамчун "давлати озоди дорои

ҳукумат парлумон, артиш ва молияи худ" эътироф кард. Нисбати Ветнами Ҷанубӣ бошад, Фаронса ӯҳдадор шуд, ки дар он ҷо раъйпурсӣ гузаронида, мақоми сиёсии онро муайян карда шавад. Вале тобистони соли 1946 нерӯҳои мустамликавии Ветнами Ҷанубӣ "Мухторияти Ҷумҳурии Кохинхин"-ро эълон доштанд. Лекин ин "Мухторият" дар тамоми Ветнами Ҷанубӣ нуфуз надошт.

Оғози моҳи августи соли 1946 Фаронса дар Далате ном маҳаллаи Ветнами Ҷанубӣ бо иштироки намояндагони ҳокимияти "мухториятҳо"-и дар қаламрави Ветнами Ҷанубӣ ташкилкардаи худ конфронс доир намуд. Иқдоми дутарафа муваққатан ба қатъ гардидани музокироти Ветнам бо Фаронса сабаб шуд. Сарфи назар аз ин, намояндагони ЧДВ бо ҳукумати Фаронса баҳри бартараф кардани масъалаҳои баҳсталаб қарордод ба имзо расониданд, ки яке аз нуктаҳои асосии он дар назар дошт, ки дар Ветнами Ҷанубӣ ҷанг бас карда, музокироти тарафҳо аз нав оғоз ёбад ва қарордоди сулҳ на дертар аз моҳи майи соли 1947 ба имзо расонида шавад.

Шояд ин тавр анҷом ёфтани музокирот ба Фаронса қобили қабул набуд, ки он 19 декабри соли 1946 он бар зидди Ветнам амалиётҳои ҷангиро оғоз кард. Ин ҷанг то соли 1954 идома ёфт.

1. Сабабҳои оғози ҷанги Фаронса бар зидди Ветнамро исбот намоед.
2. Оё мумкин буд, ки ин ҷанг пешгирӣ карда шавад?

**ҶАНГИ МУҚОВИМАТ БАР ЗИДДИ ФАРОНСА.** Бо сабаби таҷовузи ҳарбии Фаронса рӯзи дигар, 20 декабр, президенти ЧДВ Хо Ши Мин ба халқ муроҷиат кард, ки барои ҳифзи истиқлолияти Ветнам бархезанд.



*Расми 39.* ***Хо Ши Мин*** *(1890-1969), Раиси Ҳукумати Муваққатии ЧДВ*

Моҳи марти соли 1951 ду ҷабҳаи миллӣ - Вет Мин ва Лен Вет муттаҳид шуда, номи умумии "Лен Вет"-ро гирифтанд. Аз ин вақт сар карда бар зидди мустамликадорони Фаронса амалиётҳои муштараки ҷангии Лен Вет ба амал бароварда мешуданд.

Мустамликадорони Фаронса ба ёрии ИМА такя карда, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки рафти ҷангро ба фоидаи худ ҳал кунанд.

Бархӯрди моҳи марти соли 1954 барои ишғоли Денбенфу дар Ҷанги Озодибахши даҳсола ҳалкунанда буд. 7 май, баъди муҳорибаи шадид, Денбенфу аз тарафи Артиши Халқӣ ишғол карда шуд. Фаронса дар амал аз нигоҳи рӯҳӣ ба шикаст дучор шуд.

26 апрели соли 1954, бо ташаббуси ИҶШС, дар Женева Маҷлиси машваратии вазирони корҳои хориҷии ИҶШС, ҶХЧ, Британияи Кабир ва ИМА

баргузор гардид, ки рӯзномаи он барқарор кардани сулҳ дар Ҳиндучин буд. 21 июли ҳамон сол қарордоди Женева ба имзо расид, ки он ба амалиётҳои ҳарбӣ дар Ветнам хотима гузошт.

Аз параллели 17-ум дар байни ду Ветнам хати тақсим кашида шуд. Дар қисмати шимолии хати тақсим нерӯҳои мусаллаҳи ҶДВ ва ҷанубии ин хат - қӯшунҳои Фаронсаю Бао Дай ҷойгир шуданд.

Муттаҳидшавии Ветнам мебоист тавассути интихоботи озоди умумӣ соли 1956 ба амал меомад. Қарордоди Женева барои муттаҳид кардани ҳарду қисмати мамлакат - Ҷануб ва Шимол ва ба тавri осоишта таъсис додани Ветнами соҳибистиқлол шароити мусоид фароҳам овард. Лекин афсус, ки қарордоди Женева иҷро нагардид. Ҳарду Ветнам муттаҳид карда нашуд. Дар ҶДВ сохти сотсиалистӣ ташаккул ёфт. Ҷануб бошад, дар ҳолати нимтолонии Фаронса монд. Бояд гуфт, ки дар Ветнами Ҷанубӣ ин вақт нуфузи ИМА торафт вусъатёбанда ва нуфузи Фаронса суст гардида мешуд.

**?**

1. Нақши Ветминро дар арафаи Ҷанги Озодибахш баён кунед. Сабабҳои онро шарҳ диҳед.
2. Ҷанги Озодибахши халқи Ветнам бар зидди Фаронса кай ва чӣ тавр анҷом ёфт?
3. Оё ҳарду Ветнам муттаҳид шуданд?

**ТАҶОВУЗИ ИМА БА ВЕТНАМ.** Моҳи декабри соли 1960 Ҷабҳаи Озодибахши Миллии Ветнами Ҷанубӣ (ҶОМВҶ) таъсис ёфт. Он дар назди худ вазифа гузошт, ки режими ру ба тарафи Амрикоро барҳам зада, ҳукумати демократӣ ташкил диҳад. Таркиби Ҷабҳа бо тезӣ васеъ мешуд. Дар Анҷумани I он, ки моҳи феврали соли 1962 баргузор гардид, 20 созмони гуногуни ватанпарвари Ветнами Ҷанубӣ ширкат варзид. Раиси Ҷабҳа арбоби намоёни ҳаракати ватанпарварии Ветнам Нгуен Хиу Тхо интихоб шуд. ҶОМВҶ нерӯҳои мунтазами ҳарбӣ ташкил кард, ки он Нерӯҳои Ҳарбии Озодибахши Миллӣ (НҲОМ) ном гирифт. Ин нерӯҳо дар ҳамоҳангӣ бо дастаҳои чирикӣ ва худмуҳофизаткунӣ амал мекарданд.

Соли 1961 ИМА нақшаи "маҳвкунӣ"-и Ветнами Ҷанубиро мураттаб сохта, эълон дошт, ки дар зарфи 18 моҳ ба ин мақсад мерасад. Дар ин нақша зӯран ба "деҳоти стратегӣ" муҳоҷир кардани аҳолӣ ва қад-қади сарҳадҳои Ветнами Ҷанубӣ - дар ҷойҳои ҳаракати чирикӣ тавассути моддаҳои заҳрноки кимиёвӣ "минтақаҳои мурда" ташкил намудан низ инъикос гардида буданд. Ба гумони истилогарони амрикоӣ торумор кардани нерӯҳои ҳарбии ватанпарвар дар ҳолати муҳосира ва аз халқ ҷудо будан осон мегашт.

Барои амалӣ намудани ин нақша, ки "ҷанги махсус" ном гирифтааст, артиши режими дастнишондаи Ветнами Ҷанубӣ аз 250 ҳазор ба 500 ҳазор нафар расонида шуд. Дар ин ҷо "Фармондеҳии махсуси ҳарбии ИМА" таъсис дода шуд, то ки нақшаи ҳуҷуми артиши режими лӯхтакмонандро таҳия намуда, ба амалиётҳои ҳарбии бомуваффақияти он мусоидат намояд.

Мувофиқи қарордоди соли 1954-и Женева хайати ҳарбиёни Амрико дар Ветнам бояд 200 нафарро ташкил медод. Лекин соли 1964 шумораи он ба 23 ҳазор нафар расид.

Нерӯҳои Озодибахши Ветнами Ҷанубӣ бомуваффақият амал карда, ҷангҳои марҳилаба ба нерӯҳои ҳарбии режими Ветнами Ҷанубӣ ва нерӯҳои ИМА шикаст

доданд. Ҳаракати чирикӣ саросари кишварро фаро гирифт. Муборизаи озодихоҳи дар Бирма ва Лаос ҳам оғоз гардид.

Бо ризоияти ИМА моҳи ноябри соли 1963 дар Ветнами Ҷанубӣ табаддулоти ҳукуматӣ ба амал омад. Вале он табаддулоти ягона набуд. Дар 2 соли оянда боз 12 маротибаи дигар табаддулотҳои ҳукуматӣ ба амал омаданд. Моҳи июни соли 1965 баъди табаддулоти навбатӣ "генералҳои ҷавон" ба сари қудрат омаданд, ки сардорони онҳо Нгуен Ван Тхиеу ва Нгуен Као Ки ба ҳукумати Ветнами Ҷанубӣ соҳиб шуданд. Ҳамаи ин ивазкунии ҳукуматҳои Ветнами Ҷанубӣ бо дастгирии бевоситаи ИМА ба амал меомаданд. Аз ин рӯ, онҳо рӯй ба ҷониби Амрико буданд. Барои дар Ветнами Ҷанубӣ мустаҳкам кардани мавқеи худ ИМА бо иштироки мушовирон ва "Маҷлиси Муассисон" Конститутсияи Ҷумҳурии Ветнам-ро таҳия кард. Моҳҳои сентябр-октябри соли 1967 интихоботи сохтакоронаи президент, ноиби президент, палатаҳои болоӣ ва поёнии Маҷлиси Миллӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ доир гардонида шуд.

Сарфи назар аз ин сохтакориҳо ба ҳукуматдорони Амрико муяссар нашуд, ки режими Тхиеу - Киро аз бӯҳрон халос кунанд.

Ин "дигаргунсозиҳо"-и Амрико дар Ветнами Ҷанубӣ дар рафти ҷанги таҷовузкоронаи ИМА бар зидди халқи Ветнам ба амал бароварда шуданд. Ҳукумати Амрико ҳанӯз соли 1965 ошкоро бар зидди ҶДВ ҷанг оғоз кард. Аз баҳори ҳамон сол сар карда ҷузъу томҳои артиши хушкигарди Амрико ба Ветнами Ҷанубӣ дароварда шуданд. Тирамоҳи ҳамон сол нерӯҳои экспедитсионии Амрико дар он ҷо ба 184 ҳаз. нафар ва то баҳори соли 1968 ба 516 ҳазор нафар расонида шуданд. Ба амалиётҳои ҳарбии зидди НҲОМ Ветнами Ҷанубӣ



*Расми 40. Вусъати таҷовузи ҳарбии ИМА дар Ветнам. (соли 1966)*

қӯшунҳои иттифоқчиёни ИМА дар наймоҷҳои ҳарбӣ - Ҷумҳурии Корея, Австралия, Филиппин, Таиланд ва Зеландияи Нав низ ҷалб карда шуданд.

Солҳои 1966-1969 дар байни намояндагони ҶДВ ва ИМА борҳо музокирот баргузор гардиданд. Ҳукумати ҶДВ ҳамчун шарти муҳими оғози музокирот қатъ кардани бомбаборонкунии Ветнами Шимолиро аз тарафи Амрико пешниҳод мекард. Моҳи майи соли 1968 музокироти дуҷониба оғоз ёфт. Азбаски дар ИМА арафаи интихоботи президентӣ фаро расида буд, ҳайати вакилони

ИМА розӣ шуданд, ки бомбаборонкунии Ветнами Шимолӣ қатъ карда шавад. Моҳи январи соли 1969 дар Париж музокироти чортарафа бо иштироки ҶДВ, ҶМОВҶ, ИМА ва ҷониби режими Тхиеу ва Ки оғоз шуд.

Баъди ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои музокироти Париж ИМА нақшаи дигари зидди Ветнами Шимолӣ ва нерӯҳои ватанпарвари Ветнами Ҷанубиро амалӣ карданӣ буд, ки он "ветнамикунонӣ"-и ҷанг дар Ветнами Ҷанубӣ ном дошт, ки он бар зидди ветнамиҳо истифодабарии худи ветнамиҳоро дар назар дошт.

1. Барои ғалаба дар Ветнам ИМА кадом роҳу воситаҳоро истифода бурд?
2. Сабаби шикасти ҳуҷуми ҳарбии Америкоро дар Ветнам муайян кунед.
3. Чаро ИМА ба музокироти Париж розӣ шуд? Музокироти Париж чӣ дод?
4. Моҳияти "ветнамикунонӣ"-и ҷанги Ветнамро аз ҷониби ИМА кушода диҳед.

# БОБИ IV. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ

## § 18. ОСИЁ ВА ОСИЁИЁН

**ХАРИТАИ СИЁСИИ ОСИЁ.** Осиё дар тӯли қариб чор асри қаблӣ мавриди истилогарихои давлатҳои абарқудрати Ғарб қарор гирифта буд. Дар ин қитъа қариб давлате намонда буд, ки ба мустамлика ва ё ниммустамликаи давлатҳои абарқудрати Ғарб табдил наёфта бошад. Давлатҳои Осиёро Англия, Фаронса, Нидерландия, Португалия, Туркия, Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷопон ва Испания дар байни худ тақсим карда буданд. Баъзе давлатҳои номбурда аз тарафи давлатҳои аз онҳо пурзӯртар аз мустамликаҳои осиёӣ фишор дода бароварда шуданд, аз он ҷумла: Португалия ва Испания. Дар даври замонҳои гуногун Англия - Ҳиндустон, Бирма, Шри Ланка ва Малайро, Фаронса бошад, нимҷазираи Ҳиндустонро, ки дар он ҷо якчанд давлат мавҷуд буд, ишғол кард. Нидерландия дар Индонезия ҳукмронӣ мекард, султонҳои Туркия қариб тамоми мамлакатҳои Араб, нимҷазираи Қрим, қисми Балкан ва Қафқозро ба империяи худ ҳамроҳ карда буданд. Ҷопон бошад, Кореяро ба мустамликаи худ мубаддал гардонида, ба Чин ва давлатҳои дигар дастдарозӣ мекард ва ғайраю ва ҳоказоҳо.

Ин рӯйхатро метавон давом дод, ки он бегуфтугӯ ҳамаи давлатҳои Осиёро дар бар мегирад. Осиё ба майдони бузурги забткориҳои мустамликадорон табдил ёфта буд.

Забткориҳои мамла-катҳои абарқудрат дар Осиё бо маслиҳати ҳамдигарии онҳо ҳам сурат мегирифт. Истило-гарон дар мустамлика-забткунӣ бо ҳам рақобат кунанд ҳам, вале бисёр вақт бо маслиҳат амал карда, ба ҳамдигар мадад мерасониданд.

Мустамликадорон дар Осиё худро дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ором ва беташвиштар ҳис мекарданд. Вале баъд аз ин ҷанг ва алалхусус баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мустамликаҳои дар гузашта хомӯшу тобеъбуда сар бардоштанд. Дар ин марҳалаи таърихӣ худшиносии миллии халқҳои Осиё афзуда буд.



*Расми 41. Ҳиндустониҳо*

Ду ҷанги ҷаҳонӣ бӯҳрони низоми мустамликадориро пурзӯр кард ва дар солҳои 1945-1960 ва баъдтар аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шудани Эъломия дар бораи ба давлатҳои мустамлика ва тобеъ додани истиқлолият ҷараёни аз зери тобеияти мустамликавию низоми ваколат озод шудани ин мамлакатҳо суръат ёфт.

Натичаи хамин раванд буд, ки харитаи сиёсии Осиё бемайлон тағйир меёфт. Хамаи давлатхои мустамлика ва тобеи Осиё дар тӯли солхои 1945-1974 аз зери зулму юғи давлатхои мустамликадор озод шуда, бо рохи истиклолияти миллӣ пеш рафтанд. Дар байни мустамликахои озодшуда чунин мамлакатхо хастанд: Хиндустон, Покистон, Индонезия, Малайзия, Филиппин, Шри Ланка, Бирма, Лаос, Камбоча, Ветнам, Корея, Таиланд, Ирок, Сурия, Урдун, Лубнон, Яман. Давлатхои дар гузашта ба давлатхои абаркудрат тобеъ - Чин, Муғулистон, Эрон ва давлатхои дигар низ озод шуданд. Имрӯз давлатхои сохибистиклоли Осиё қариб ба 50 адад расидаанд. Мамлакатхое, ки дар натичаи бархам хӯрдани Иттиходи Шӯравӣ истиклолият ба даст овардаанд, яъне Точикистон, Қазокистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Озарбойчон, Арманистон ва Гурчистон низ кисми харитаи сиёсии Осиёро ташкил медиханд.

**1. Мушаххасан муайян кунед, ки мамлакатхои Осиё ба кадом империяхои мустамликавӣ дохил буданд.**
**2. Оё шумо медонед, ки давлатхои абаркудрат мамлакатхои Осиёро бо кадом максадхо забт карда буданд?**
**3. Давлатхои аз зери зулми мустамликавӣ озодшудаи Осиёро аз харита нишон дихед. Дар ин бора ба хамдигар саволхо дихед.**
**4. Давлатхои соҳибистиклоли Осиёро номбар кунед ва онхоро аз харита нишон дихед.**



*Расми 42. Чамъоварии чой дар Сейлон.*

**СОХТИ СИЁСИИ ДАВЛАТХОИ ОСИЁ.** Зулми мустамликавӣ дар мамлакатхои Осиё дар тӯли чандин садсолахо беасар намонда буд. Мамлакатхои мустамликадор

пеши роҳи рушду нумӯи давлатҳои Осиёро гирифта, натавонистанд, ки онҳо ба натиҷаҳои мусбат ноил шаванд. Бинобар ин сабаб, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ин мамлакатҳо маҷбур буданд, ки низоми сиёсии давлатҳои худро созмон бидиҳанд. Дар ҳолати оғози замони истиқлолият қариб ҳамаи давлатҳои Осиё (истисно аст Ҷопон, ки ҳанӯз дар асри XIX ба роҳи демократии тараққиёт даромада буд) таърихи навини худро аз сохти феодалии асримиёнагӣ оғоз намуданд. Лекин мамлакатҳое ҳам буданд, ки унсурҳои демократии давлатдории онҳо то як дараҷа дар замони дар зери зулми мустамликавӣ будани онҳо пайдо шуда буданд.

Ҳамаи давлатҳои Осиёро аз ҷиҳати сохти сиёсиашон ба 3 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум он давлатҳое дохил мешаванд, ки баъди ба даст овардани истиқлолият ба роҳи демократӣ дохил гардидаанд. Ба ин гурӯҳ Ҳиндустон, Ҷумҳурии Корея, Филиппин, Малайзия, Индонезия, Сурия, Исроил, Сингапур, Лубнон ва баъзе давлатҳои дигар дохиланд. Ба гурӯҳи дуюм давлатҳое шомиланд, ки ба роҳи сотсиализми тоталитарӣ рӯй овардаанд. Ба ин гурӯҳ Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея, Ҷумҳурии Халқии Муғулистон, Ҷумҳурии Демократии Ветнам ва ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Марказию Қафқоз. Ба гурӯҳи сеюм он давлатҳое дохиланд, ки низоми сиёсиашон асримиёнагӣ - мулкдорӣ (феодалӣ) мебошад. Дар чунин давлатҳо шоҳҳо, султонҳо, амирҳо ва амсоли ин ҳукмронӣ мекунанд. Лекин қисми ин давлатҳо дар сохтори сиёсии худ унсурҳои демократӣ низ доранд.

Сарфи назар аз мавҷудияти давлатҳои сохти сиёсиашон гуногун, ба сохти демократӣ воридшавии давлатҳои Осиё дар солҳои 1945-1970 ва баъди он ҳам давом дошт. Бо ин роҳ давлатҳои нав ба нави Осиё дохил мешаванд.

Бояд таъкид кард, ки сохти сиёсии ин ва ё он давлати Осиё ба анъанаҳои таърихии давлатдорӣ, тафаккури миллӣ, хусусиятҳои этникӣ, урфу одат ва арзишҳои динию маънавии онҳо вобаста мебошад.

**1. Сабабҳои ташаккул наёфтани сохти сиёсии як қисми мамлакатҳои Осиёро баён кунед?**
**2. Давлатҳои гурӯҳҳои номбурдаи Осиёро аз харитаи сиёсии ҷаҳон нишон диҳед!**
**3. Сохти сиёсии кадом мамлакатҳои Осиё тоталитарӣ ва кадомашон демократӣ мебошад?**

**НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ.** Иқтисоди аксарияти давлатҳои Осиё (истисно аст иқтисоди мамлакатҳои сотсиалистӣ) ба шаклҳои гуногуни моликият бар воситаҳои истеҳсолот ва ташкили меҳнат асос ёфтааст, вале он дар мамлакатҳои гуногуни Осиё якхела нест. Дар онҳо ҳанӯз ҳам мисли асрҳои миёна маъмулан унсурҳои феодалӣ (мулкдорӣ) мавҷуд аст, ки ба ин ҳолат тобеъияти мустамликавии онҳо сабаб шудааст. Ин аст, ки сектори кишоварзӣ нисбат ба саноат даромади бештари миллиро ташкил медиҳад. Косибӣ ва соҳибкории хурд дар иқтисоди онҳо мақоми калонро ишғол менамояд.

Давлатҳои Осиё ба хориҷи кишвар барои фурӯш бештар маҳсулоти косибӣ ва ашёи хом содир мекунанд. Дар як қисми давлатҳои Осиё, махсусан Шарқи Наздик, Шарқи Миёна ва Халиҷи Форс нафт қисмати асосии даромади миллиро ташкил менамояд. Дар ин мамлакатҳо чун анъана истеҳсоли ин ашёи хоми қиматбаҳо асосан дар дасти ширкатҳои хориҷӣ ва ё ширкатҳои муштараки

миллию хориҷӣ мебошад. Чунин иктисод онҳоро ба ширкатҳои инҳисори хориҷӣ тобеъ менамояд.

Сохти иктисодии аксар мамлакатҳои Осиё бо сабабҳои дар боло зикргардида яктарафа - ба эҳтиёҷоти бозори хориҷӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, бозори дохилӣ ба номгӯи ниҳоят бисёри молҳои хориҷӣ эҳтиёҷ дорад. Чунин иктисод самаранок ва комилан мустақил буда наметавонад.

Иктисоди мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ, Ҷанубу Шаркӣ ва Шарқи Дур бошад, то андозае хубтар таркиб ёфтааст. Инфраструктураи иктисодии ин мамлакатҳо бештар ба бозори истеъмолии дохилӣ нигаронида шудааст. Ба ҳар ҳол қисми онҳо низ ба бозори хориҷӣ зиёда аз нисфи маҳсулотро дар шакли ашёи хом содир мекунанд. Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Тайван ва Сингапур, Миср дар байни мамлакатҳои Осиё сохти иктисодии намунавӣ доштанд. Дар ин мамлакатҳо истеҳсолот ҳам ба бозори дохилӣ ва ҳам ба бозори хориҷӣ нигаронида шуда буд, вале иктисоди Ҷопон, нисбат ба давлатҳои дигари Осиё ба хориҷа бештар нигаронида шуда буд. Молҳои Ҷопон дар бозорҳои ҷаҳонӣ мақоми ниҳоят баланд доштанд. Ин давлат ба хориҷа қариб тамоман ашёи хом намебаровард. Молҳои аз хориҷа харидорикардаи Ҷопон асосан ашёи хом ва молҳои аз коркарди аввалия гузаштаро ташкил мекарданд.

Умуман сохти иктисодии аксар мамлакатҳои Осиё он вакт дар қисматҳои содирот ва воридот мутаносиб набуд. Воридот бартарӣ дошт. Аз ин рӯ, чунин иктисод носолим, қафомонда, ноустувор ва ба бозори хориҷи тобеъ мебошад. Инро ҳукуматҳои ин мамлакатҳо нағз мефаҳмиданд. Низоми номатлубро дар ин мамлакатҳо саноати замонавии истеҳсоли мол барҳам зада метавонист.

Чи тавре ки дидем, дар ин марҳала иктисоди аксар мамлакатҳои Осиё нағз таракқӣ наёфта буд. Аз ин рӯ, ин ҳолатро мамлакатҳои пурзӯри хориҷӣ ва ширкатҳои инҳисории мамлакатҳои абарқудрат самаранок истифода бурда, аз ин кор фоидаи калон ба даст меоварданд.

1. Бо кадом сабабҳо иктисоди мамлакатҳои Осиё ақибмонда буд?
2. Хусусиятҳои асосии иктисоди мамлакатҳои Осиёро бо далелҳо асоснок намоед.
3. Номутаносибии қисматҳои содирот ва воридоти молро дар мамлакатҳои Осиё шарҳу эзоҳ диҳед.

**ЗИНДАГИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁ.** Ба мо маълум аст, ки мардуми Осиё бештар аз нисфи аҳолии кураи Заминро ташкил мекунанд. Осиё гаҳвораи тамаддунҳои пешқадами қадим ва асрҳои миёна буда, осиёиҳо ба пешрафти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии инсоният саҳми бузург гузоштаанд. Тамаддуни Ғарб, ки дар даврaи муосир хеле пеш рафтааст, аз дастовардҳои бузурги аҳди қадим ва асрҳои миёнаи моддию фарҳангии халқҳои Шарқ сарчашма мегирад.

Дар давраи муосир бо сабабҳои зиёди воқеӣ, ки қисми онҳоро дар болотар зикр намудем, мардуми мамлакатҳои Осиё дар сатҳи на он қадар баланди моддӣ, техникӣ, технологӣ умр ба сар мебаранд. Яке аз сабабҳои асосии ин зуҳурот он аст, ки дар вақташ давлатҳои абарқудрати Ғарб давлатҳои ин қитъаро ба мустамликаҳои худ табдил дода, халқҳои онро маҷбур карданд, ки ба нафъи онҳо кор кунанд. Вале мустамликадорон барои рушди иктисодӣ ва иҷтимоии ин давлатҳо қариб коре накарданд. Он чораҳои иктисодие, ки дар ин мамлакатҳо

амалӣ намуданд, танҳо барои бардоштани даромади харҷӣ бештар нигаронида шуда буданду халос.

Ҳузури мустамликадорон дар мамлакатҳои Осиё ғамаккули иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои онро боздошт. Акнун баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ мардуми мамлакатҳои Осиё маҷбур буданд, ки барои пешрафти ҷомеаи худ ҷиддан ҷаҳди зиёд ба харҷ диҳанд.

Бо сабабҳои дар боло зикрёфта зиндагии баъзе халқҳои Осиё дар сатҳи хеле паст қарор дошт. Ба ин қабил халқҳо мардуми Ҳиндустон, Покистон, Индонезия, нимҷазираи Ҳиндучин, Афғонистон ва баъзе давлатҳои дигар дохил буданд. Дар ин давлатҳо сатҳи иқтисод, маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва таъминоти аҳолӣ ба ғизо то як дараҷа паст буд. Вале давлатҳое, ки ба хориҷа маҳсулоти нафтӣ ва ё маҳсулоти дигари қимматбаҳо мефурӯхтанд, сатҳи зиндагии мардуми онҳо хуб буд. Ба ин қабил мамлакатҳо аксар мамолики Араб, Эрон, Ҷопон, Сингапур, Гонконг, Тайван, Ҷумҳурии Корея, Малайзия ва боз якчанд давлати дигар дохил буданд.

Мо ба шумо дар бораи вазъ ва рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳои алоҳидаи Осиё мушаххасан дар мавзӯъҳои оянда нақл хоҳем кард.

**1. Чаро халқҳои Осиё дар сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоӣ қарор доштанд? Кадом омил ба ин ҳолат сабаб шуда буд?**
**2. Чаро вазъи зиндагии халқҳои баъзе давлатҳои Осиё беҳтар аст?**
**3. Дар бораи вазъи зиндагии халқҳои Осиё аз сарчашмаҳои гуногун ахбороти иловагӣ пешниҳод намоед.**

## § 19. ЭҲЁ ВА ГУЛ-ГУЛШУКУФИИ ҶОПОН

**ҶОПОН БАЪДИ ТАСЛИМШАВӢ.** Баъди таслим шудани Ҷопон артиши ИМА онро ишғол намуд. Ҷопон дар тӯли солҳои 1945-1952 дар ҳолати ишғоли Амрико монд



*Расми 43. Хиросима баъди бо силоҳи ҳастаӣ гулӯлаборонкунии ИМА.*

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки Ҷопон иштирокчии фаъоли он буд, ба иқтисодиёти ин давлат таъсири манфӣ расонид. Баъди ҷанг аҳволи он дар ҳолати харобӣ қарор дошт. Ҳаҷми истеҳсоли саноатии Ҷопон соли 1946 нисбат ба соли 1936 ҳамагӣ 30 фоизро ташкил мекард. Нархҳо баланд шуданд ва андозҳо афзуданд. Қурби асъори миллӣ -иена паст фуромада бошад ҳам, ҳукумат сикказаниро идома медод. Дар зарфи солҳои 1946-1947 ҳаҷми маблағи иенаи дар муомилотбуда 4 баробар афзуд.

Ҳукумати Ҷопон вобастаи дуҳтаки Амрико шуд. Соли 1946 соҳиби конҳои ангишт Иосида аз ҷониби ИМА нахуствазири Ҷопон таъйин гардид. Ӯ дар ин вазифа то соли 1954 кор кард (истисно буданд солҳои 1947-1948).

Дар шароити ишғоли ва аз ҳукумати Иосида норозӣ будани мардум моҳи апрели соли 1947 дар Ҷопон интихоботи парламентӣ доир гардид, ки дар он Ҳизби Сотсиалистӣ ғалаба кард. Ҳукумати эътилофии якчанд ҳизби дар интихобот иштироккарда бо сардории Катаяма Тэцу ташкил карда шуд. Ин ҳукумат вазъи иқтисодию иҷтимоии Ҷопонро беҳтар карда натавонист. Бинобар ҳамин сабаб ба истеъфо рафт. Ба ҷои он бо сардории роҳбари Ҳизби Демократӣ Иосида ҳукумати нави эътилофӣ ташкил ёфт. Аз рӯи нишондоди ҳокимияти ишғолии ИМА Иосида корпартоии коргарону хизматчиёни корхонаҳои давлатиро мамнӯъ эълон кард.



*Расми 44. Имзои эъломия дар бораи таслимшавии Ҷопон дар саҳни киштии ҳарбии «Миссури» (2 сентябри соли 1945).*

Аз соли 1948 сар карда вазъи ҳарбию стратегӣ барои ИМА дар Шарқи Дур тағйир ёфт. Аз ҳамин сабаб Ҷопон ба Амрико на ҳамчун мамлакати таслимшуда, балки чун иттифоқчӣ лозим буд. Ҷопон ин вазифаро иҷро карда метавонист. Бо ҳамин мақсад ИМА дар зери ниқоби "корпуси бехатарии миллӣ" ва "корпуси бехатарии баҳрӣ" артиш ва флоти Ҷопонро аз нав эҳё кард. Бо ин иқдоми худ Амрико Ҷопонро дар Шарқи Дур ба такягоҳи асосии худ табдил доданӣ буд.

1. Ҷопони таслимшударо чӣ хел дарёфтед?
2. Дар бораи вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҷопони баъдиҷангӣ маълумот диҳед.
3. Оё сиёсати ИМА нисбати Ҷопон бетағйир монд?

**ИСЛОҲОТИ БАЪДИҶАНГӢ** Ташаббускор ва амаликунандаи ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷопон доираҳои ҳукмрони Амрико буданд. Ислоҳоти мазкур бо назардошти 3 омил ба амал бароварда мешуд.



*Расми 45. Ҷопониҳо муқобили ҷанг бубани худро ибрoз медоранд.*

Омили аввал - шароити байналхалқие, ки баъди торумори фашизми Олмон ва Ҷопони милитаристӣ ба миён омад. Омили дуввум - торумори Ҷопон ҳаракати бузурги ҷамъиятию сиёсии миллиро дар мамлакат ба вуҷуд овард. Халқ бетаъхир тағйироти куллиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ талаб мекард. Омили сеюм - сармояи инҳисории Амрико кушиш ба харҷ медод, ки неруи рақобатпазирии молҳои истеҳсоли ҷопониро заиф гардонад.

Татбиқи ислоҳот, пеш аз ҳама, барҳам задани қонунҳои фашистӣ ва манъи созмонҳои фашистиро дар назар дошт. Баҳри ба ҷазо гирифтор кардани ҷинояткорони ҳарбӣ дар ш.Токио Трибунали байналмилалӣ ташкил дода шуд. Он 27 нафар ҷинояткорони ҳарбиро ба дор овехт. Ҷинояткорони боқимонда қисман ба ҷазоҳои гуногун гирифтор ва қисмати дигар аз ҷазои ҷиноятӣ озод карда шуданд.

Ислоҳот масъалаҳои иҷтимоиро ҳам фаро гирифт. Ба ин хотир силсилаи қонунҳо дар бораи меҳнат қабул карда шуд, ки онҳо ҳуқуқи таъсиси иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба корпартоӣ, рӯзи кории 8-соата, рухсатии солонаи якҳафтаинаи бомузд ва пардохти меҳнати зиёда аз меъёри вақти кории муқарраршударо дар бар мегирифтанд.

Ислоҳоти замин, ки солҳои 1946-1949 ба амал бароварда шуд, ба заминдории калон хотима гузошт. Замин аз нав тақсим карда шуд, ки онро асосан кишоварзони миёнаҳол гирифтанд. Ҳадди қитъаи замини кишткорӣ то 3 га муайян карда шуд. Ин ҳад танҳо дар ҷазираи Хоккайдо нисбатан зиёдтар буд. Пардохти иҷораи замин хеле кам ва андози молӣ ба андози пулӣ иваз карда шуд.

Ислоҳоти замин рушди сармоядориро дар соҳаи кишоварзии Ҷопон тезонид. Дар натиҷаи ислоҳот кишоварзони миёнаҳоли Ҷопон аз техника ва нуриҳои табиию маъданӣ бештар истифода мебурдагӣ шуданд. Истифодаи меҳнати кироя дар кишоварзӣ ба ҳукми анъана даромад.

Яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ислоҳот тағйири низоми сиёсии Ҷопон буд. Конститутсияи нави баъди ҷанг таҳия ва қабулкардаи Ҷопон 3 маи соли 1947 ба эътибор даромад. Мувофиқи ин конститутсия Ҷопон дорои ҳокимияти мутлақияти маҳдуд эълон карда шуд. Ҳокимияти император маҳдуд эълон гардида бошад ҳам, ӯ "ворисии ягонаи миллат" эълон гардид. Конститутсия Шӯрои махфии артиҷоиро барҳам зад, мақоми Кабинети вазирон - ҳокимияти иҷроияро баланд кард, ҳуқуқҳои парлумонро, ки ду палата дошт, васеъ намуд, дар мамлакат ҳуқуқи

умумии интихоботӣ ҷорӣ намуд. Чунин ҳуқуқро дар баробари мардҳо занҳо низ гирифтанд. Ҳуқуқ ва озодиҳои демократии шаҳрвандон эълон карда шуданд. Дин аз сиёсат ҷудо карда шуд.

Сарварони нави Ҷопон аз бадбахтиҳои дар солҳои ҷанг ба сари халқ омада сабақи ибратбахш бардоштанд. Ҷопон аз тарики конститутсия ғайриҳарбӣ эълон карда шуд. Дар моддаи 9-уми он гуфта мешавад, ки Ҷопон аз ҷанг ҳамчун воситаи ҳалли баҳсу низоъҳои байналхалқӣ даст мекашад. Аз ин рӯ, артиш ва флоти ҳарбӣ ташкил намекунад.

1. Сабабҳои баъди ҷанг дар Ҷопон ба миён омадани зарурати ислоҳоти давлатиро баён кунед.
2. Омилҳое, ки дар давраи ислоҳот ба назар гирифта шуданд, кадомҳоянд?
3. Дар бораи Конститутсияи соли 1947 Ҷопон маълумот диҳед.

**ҚАРОРДОДИ САН-ФРАНСИСКО.** Доираҳои ҳукмрони Амрико ҷидду ҷаҳд ба харҷ медоданд, ки ба гардани Ҷопон созишномаи сулҳро бор кунанд, то ки он мамлакат ба ИМА тобеъ шавад. Ба ин хотир таклиф пешниҳод карданд, ки бо ҷон созишномаи сулҳ "қарордоди бехатарӣ" ба имзо расонида шавад. Он ба ИМА имконият медод, ки дар қаламрави Ҷопон пойгоҳҳои ҳарбӣ ва қувваҳои худро дошта бошад. Бар хилофи эъломияи соли 1945-и Конфронси Потсдам ва қарордодҳои Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ лоиҳаи созишнома оид ба Ҷопон ва Чин аз ҷониби ҳукуматҳои ИМА ва Британияи Кабир таҳия шуда буд. Ба конфронси дар Сан-Франсиско барои имзои созишнома бо Ҷопон ҷамъомада Чин, ҶХДК ва ҶДВ ҳам даъват карда нашуданд. Ҳиндустон ва Бирма бошанд, аз иштирок дар конфронс даст кашиданд. Пешниҳоди Иттиҳоди Шӯравӣ, Лаҳистон ва Чехословакия дар конфронс бо мақсади таъмини сулҳи боэътимод, бехатарӣ ва рушди демократии Ҷопон рад карда шуданд. Раискунанда, ки аз ИМА буд, ҳатто пешниҳодоти давлатҳои сотсиалистиро ба муҳокима нагузошт. Аз сабаби он, ки созишномаи сулҳи Сан-Франсиско ба Ҷопон, ки ӯҳдадориҳои муҳимтарини давлатҳои аъзои Иттиҳоди зиддифашистиро дағалона вайрон мекард, бо он се давлати сотсиалистии дар боло зикргардида имзо нагузоштанд.

***Баъзе ҷузъиёти созишнома сулҳи мазкур иниҳоянд:***

-- аз ҷониби Ҷопон эътироф карда шудани истиқлолияти Корея

-- аз ҳуқуқ ба ҷазираи Тайван, ҷазираҳои Пэнхуледао (ҷазираҳои Пескадор), ҷазираҳои Курил ва Сахалини Ҷанубӣ даст кашидани Ҷопон

-- розӣ шудан ба пуштибонии ИМА аз болои ҷазираҳои Рюкю (Окинава) ва ҷазираҳои дигар

-- Ҷопон аз истифодаи қудрат дар муносибатҳо бо давлатҳои дигар даст мекашад.

Созишномаи дутарафаи сулҳ бо Ҷопон 8 сентябри соли 1951 ба имзо расид. Баъди имзои ин созишнома "Қарордоди бехатарии Амрикою Ҷопон"-и аз ҷониби ИМА пешниҳод шуда ба имзо расид. Ин қарордод ба Амрико ҳуқуқ дод, ки дар Ҷопон нерӯҳои ҳарбии заминӣ, ҳавоӣ ва баҳрии худро муставқар гардонад. 28 апрели соли 1952 созишномаи сулҳи Сан-Франсиско ба эътибор даромад.



*Расми 46. Тсузияма Фудзи, яке аз муқаддасоти Аябэ (Ҷопон).*

Бо шартҳои мазкур ба имзо расидани созишномаи сулҳи Сан-Франсиско дар байни роҳбарияти Ҳизби Сотсиалистии Ҷопон мухолифатро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа ин ҳизб ба ду ҳизби мустақил тақсим шуд. Онҳо ба иттифоқҳои касабаи сернуфузтарини Ҷопон - Сохиё такя мекарданд. Сохиё талаб кард, ки қарордодҳо ва созишномаҳои ҳарбии бо ИМА ба имзорасида аз эътибор соқит карда ва пойгоҳҳои ҳарбии Амрико дар Ҷопон барҳам дода шаванд.

**1. Дар Конфронси байналхалқии Сан-Франсиско давлатҳои аъзои иттиҳоди зиддифашистӣ кадом мавқеъро ишғол намуданд? Ин конфронс манфиатҳои кадом давлатро ифода мекард?**

**2. Мазмун ва мақсадҳои созишномаи сулҳи Сан-Франсиско бо Ҷопонро баён намоед.**

**3. Созишномаи сулҳи Сан-Франсиско Ҷопонро ба кадом ҳолат гузошт?**

**4. Оё дар Ҷопон ҳама ба шартҳои созишномаи сулҳи мазкур розӣ буданд?**

**"МӮЪҶИЗАИ ҶОПОН".** Иштироки ИМА дар ҷанги Корея ба Ҷопон фоидаовар буд. Ҳаҷми боркашонӣ аз тариқи баҳр, талабот ба лавозимоти ҳарбӣ ва таъмири техникаи ҳарбӣ дучанд афзуд. Ин буд, ки маблағгузорӣ ба супоришҳои ҳарбӣ ба Ҷопон зиёд шуд. Даромад аз супоришҳои ҳарбӣ дар аввали ҷанг аз 151 то 824 милион доллар ва то охири соли 1952 зиёда аз 1 милиард долларро ташкил намуд. Ин ба Ҷопон имконият дод, ки сармоягузориро ба соҳаҳои асосии иқтисод аз нав дила барояд. Сармоягузориро ба соҳаҳое зиёд кунад, ки ба он бештар эҳтиёҷ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, дар саноат таҷҳизоти кӯҳнаю фартутро ба таҷҳизот ва технологияи нав иваз намуда, ба имконияти бештари ба Ҷопон ворид сохтани ашёи хом аз мамлакатҳои хориҷӣ ва ба болоравии саноати Ҷопон мусоидат карда шуд.

Баъди ҷанги Корея супоришҳои ҳарбии ИМА ба Ҷопон кам шуд. Қусури онро вомбарг ва қарзҳои хориҷӣ барованд. 77 фоизи ин маблағ аз ИМА ворид гардид. Қарзҳои дарозмуддат аз ҷониби Бонки содиротию воридотии ИМА ва Бонки ҷаҳонии азнавбарқароркунӣ ва рушд дода мешуд. Онҳо дар солҳои 1953-1959 қарзҳои мақсаднок доданд, ки аксарияти он ба рушди соҳаҳои асосии иқтисоди Ҷопон, масалан, электроэнергетика ва филизоти сиёҳ харҷ карда шуд. Дар ин замина масъалаи молияи Ҷопон низ танзим ва вазни қиёсии пулҳои когазии ҷопонии дар муомилотбуда кам карда шуд. Ин тадбирҳо имконият

додаанд, ки қурби иена то як дараҷа баланд бардошта шавад.

Натиҷаи ҳамин омилҳо буд, ки соли 1951 иқтисоди Ҷопон ба сатҳи даврапеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ расид ва соли 1957 Ҷопон аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба давлатҳои пешқадами ҷаҳон расида гирифт. Дар соҳаи киштисозӣ ҳатто дар байни мамлакатҳои сармоядорӣ ба ҷои аввал баромад. Солҳои 60-ум болоравии саноати Ҷопон ба ҳисоби миёна соле 20 фоизро ташкил кард, ки ин нишондиҳанда дар ҷаҳон бо худ ҳамто надошт. Пешрафти босуръати иқтисодии ин мамлакат аз ҷониби ҷаҳониён "Мӯъҷизаи Ҷопон" номгузорӣ шудааст.

1. Сабабҳои пешрафти иқтисоди Ҷопонро дар солҳои 50-ум бо далелҳо исбот кунед.
2. "Мӯъҷиза"-и Ҷопонро бо далелҳо асоснок намоед.
3. Нақши ИМА-ро дар пешрафти иқтисодии Ҷопон муайян намоед.

**СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶОПОН.** Сиёсати хориҷии Ҷопон асосан ба ИМА нигаронида шуда, ҳукумати Ҷопон сиёсати мустаҳкам кардани иттифоқи ҳарбию сиёсиро бо ин мамлакат, даъвои ҳуқуқи соҳиб шудан ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз нав дида баромадани натиҷаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъзе минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравиро пеш мебурд. Соли 1960 бо ИМА созишнома дар бораи "Мудофиаи Ҷопон" ба имзо расонида шуд. Соли 1970 Ҷопон ва ИМА мӯҳлати ин созишномаро тамдид карда, ба он унсурҳои нав ворид сохтанд. Акнун дар шакли нав он "Созишномаи бехатарӣ" номгузорӣ шуд.

Ҷопон бо мамлакатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла, бо Ҷумҳурии Халқии Чин муносибатҳои тиҷоратӣ барқарор намуд ва оғози солҳои 70-ум ҳиссаи Ҷопон дар тиҷорати хориҷии ҶХЧ ба ҷои аввал баромад.

Ҷопон ба иқтисоди Тайван сармоягузорӣ мекард. Ҳаҷми он дар солҳои 50-ум, аввали солҳои 60-ум ба 200 миллион доллар расид. То соли1972 муомилоти мол бо Тайван 4 баробар афзуд. Ҷопон бо Иттиҳоди Шӯравӣ низ муносибатҳои тиҷоратӣ дошт, махсусан дар минтақаҳои наздисарҳадӣ. Дар он давра ИҶШС ва Ҷопон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод як қатор қарордоду созишномаҳо ба имзо расонида буданд.

Сиёсати хориҷии Ҷопон ба амният ва рушди иқтисодию иҷтимоии он нигаронида шуда буд.

1. Дар сиёсати хориҷии Ҷопон кадом давлат дар мақоми аввал ҷой ишғол мекард?
2. "Созишномаи бехатарӣ" аз кадом чӣ мақсад дошт?
3. Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷопонро муайян кунед.

## § 20. ИНДОНЕЗИЯ: РӮЙ БА СӮИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ.** Шикасти империализми Ҷопон дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои ҳаракати озодихоҳии халқи Индонезия шароити зарурӣ муҳайё намуд. Гасибони ҷопонӣ ғалаҷазираҳои Индонезияро бо осонӣ дар зери назорати худ нигоҳ дошта наметавонистанд. Голландия бошад, аз ҳол фурсати аз Ҷопон



*Расми 47. Президенти Индонезия* ***Сукарно*** *ва президенти Миср*
***Ҷамол Абдулносир.***

ба зери ҳокимияти худ баргардонидани Индонезияро надошт. Голландия бъди чанг дар навбати аввал ба ҳалли мушкилоти дохилии худ машғул шуд.

Дар ин шароит 17 августи соли 1945 истиқлолияти давлатии Индонезия эълон карда шуд. Кумита оид ба тайёрии истиқлолият Конститутсияи Индонезияро тасдиқ намуд. Мувофиқи он Индонезия ҷумҳурии яктаркиба эълон карда шуд. Сукарно президенти мамлакат эълон гардид. Замин, об, боигариҳои зеризаминии моликияти давлатӣ эълон карда шуданд. Давлат ба соҳаҳои муҳимтарини саноат назорат эълон намуд.

Муборизаи халқи Индонезия аз тарафи ҷомеаи тараққихоҳи ҷаҳон дастгирӣ карда шуд. Таҷовузи ҳарбии Англияю Голландия ба Индонезия дар СММ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ин рӯ, Англия моҳи ноябри соли 1946 маҷбур шуд, ки артиши худро аз Индонезия барорад. Голландиҳо низ маҷбур шуданд, ки бо намояндагони Индонезия паси мизи музокирот нишинанд. Дар маҳаллаи Лингаҷоти байни Голландия ва Индонезия созишнома ба имзо расид. Мувофиқи шартҳои созишномаи байни Голландия ва Индонезия басташуда Голландия ҳокимияти Ҷумҳурии Индонезияро дар Ява, Суматра ва Мадура эътироф намуд. Индонезия маҷбур шуд, ки дахлнопазирии ҳуқуқ ба моликияти хориҷиёнро дар Индонезия эътироф намояд. Созишномаи Лингаҷот шартҳои вазнин дошта бошад ҳам, ба Ҷумҳурии Индонезия фурсати дамгирӣ медод. Мустамликадорон созишномаи мазкурро ҳамчун роҳ ба сӯи пора кунонии Индонезия медонистанд. Онҳо дар Индонезияи Шарқӣ, Калимантан, Суматра, ва Мадура давлатчаҳои хурд-хурд ташкил намуданд. Мустамликадорон дар Индонезия шумораи артиши худро афзоиш дода, ба 120 ҳазор нафар расониданд. Дар ихтиёри артиши Голландия ҳавопаймоҳо, танкҳо ва силоҳи охирин намуна буданд. Бо мақсади ташкили бархӯрдҳои нави ҳарбӣ голландиҳо талаб карданд, ки ба қӯшунҳои голландиро барои нигоҳдории тартибот ба Индонезия дароранд. Ҳукумати Индонезия ин талаби голландиҳоро қатъиян рад кард.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• 20 июни соли 1947 голландиҳо бо баҳонаи нигаҳдории тартибот аз нав ба Ҷумҳурии Индонезия ҳуҷум карданд.

• Дар Қарори Шӯрои Амнияти СММ аз 1 августи соли 1947 гуфта мешуд, ки амалиётҳои ҳарбӣ дар Индонезия бас карда шаванд. СММ намояндагони

худро аз Белгия, Австралия ва ИМА ҳамчун "Комиссияи некӯкор" ба Индонезия равон кард.

• 17 январи соли 1948 дар киштии ҳарбии ИМА "Ренвилл" байни Голландия ва Индонезия созишномаи қатъи ҷанг ба имзо расонида шуд.

• Бо сардории Амир Шарофуддин ҳукумати Индонезия таъсис ёфт.

• Неруҳои ростгаро ба он муваффақ шуданд, ки ҳукумати А. Шарофиддин ба истеъфо равад. Ба ҳукумати нав ноиби президент М. Хатта роҳбарӣ кард. Вазифаҳои муҳимро дар ин ҳукумат намояндагони Ҳизби Машума ишғол намуданд. Ҳукумати М. Хатта компартиявиҳоро манъ кард. Ин ҳукумат ба ёрии Америко умед мебаст.

• 26 феврали соли 1948 ҳизбҳои чапгаро Ҷабҳаи Халқӣ-Демократӣ таъсис намуданд, ки ба он Амир Шарофуддин роҳбарӣ кард.

Вазъияти дохилии Индонезия дар натиҷаи мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз нав тезу тунд шуд. Аз ин ҳолат истифода бурда, артиши Голландия 18 декабри соли 1948 амалиётҳои ҳарбиро дар Индонезия аз нав оғоз намуда, ҳатто пойтахти он - шаҳри Ҷакартаро ишғол намуд. Ба ин нигоҳ накарда, голландиҳо ба мақсади сиёсии худ нарасида, бо намояндагони Индонезия аз нав ба сари мизи музокирот нишастанд.

Моҳи августи соли 1949 дар шаҳри Гаага бо иштироки намояндагони Голландия, Ҷумҳурии Индонезия ва давлатҳои дӯстдори Голландия дар Индонезия ташкилкардаи Голландия Конфронси "Мизи мудаввар" кушода шуд. 2 ноябри ҳамон сол созишномаҳое ба имзо расиданд, ки таъсиси Иёлоти Муттаҳидаи Индонезияро анҷом доданд. Соҳибистиқлолии Иёлоти Муттаҳидаи Индонезия қариб ба сифр баробар буд, зеро ба ин давлат шахсе голландӣ сарварӣ мекард.

Дар саросари мамлакат мубориза бар зидди голландиҳо баҳри истиқлолияти воқеии Индонезия пурзӯр шуд. Ба ин ҳаракат қулли неруҳои ҷамъиятию сиёсии мил ӣ ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷа 17 августи соли 1950 ин мамлакат Ҷумҳурии Индонезия эълон карда шуд.

1. Индонезия дар кадом шароити таърихӣ истиқлолияти худро эълон кард?
2. Дар бораи таҷовузи ҳарбии Англия ва Голландия ба Индонезия нақл кунед.
3. Барои барҳам задани истиқлолияти Индонезия Голландия кадом роҳу воситаҳоро ба кор мебурд?
4. Рафти истиқлолияти воқеӣ ба даст овардани Индонезияро баён намоед.

**БАҲРИ ГУСТАРИШИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА РУШДИ ДЕМОКРАТӢ.** Ба ҳукумати аввали Ҷумҳурии Индонезия раиси Ҳизби Машума Натсир роҳбарӣ кард. Кабинети Натсир сиёсати кабинети Хаттаро давом дод. Он асосан ба ёрии Ғарб ва зиёд кардани андозу афзоиши додани сикказанию пули коғазӣ умед мебаст. Ин сиёсат сатҳи зиндагии халқро паст кард ва ҳаракати коргариро рӯ ба боло бурд, махсусан дар Ява ва Суматра.

Ҳамчунин аз сиёсати хориҷии ҳукумати Натсир низ норозӣ буд. Бо ёрии Америко Голландия баррасии масъалаи ба Индонезия баргардонидани Ириани Ғарбиро рад намуд. Ин буд, ки моҳи марти соли 1951 ҳукумати Натсир ба истеъфо рафт. Ҳукумати Натсирро ҳукумати намояндаи Ҳизби Машума Сукимон иваз намуд.



*Расми 48. Биноҳои ҷамоавии Индонезия бо ҳамин гуна меъмории хоси худ фарқ мекунанд*

Ҳукумати мазкур бо ИМА созишнома "Дар бораи таъмини бехатарии ҳамдигарӣ"-ро баст, ки онро парлумон дастгирӣ накард. Бо ҳамин сабаб Ҳукумати Сукимоно моҳи феврали соли 1952 ба истеъфо рафт.

Ҳукумати нав, ки ба он намояндаи Ҳизби Миллӣ - Вилопо роҳбарӣ кард, хост, ки ба Индонезияи дигаргуниҳои демократӣ ворид созад. Ин ҳукумат қонуни интихоботӣ таҳия кард, фаъолияти намояндагони ҳарбии Голландияро дар Индонезия манъ намуд, Бонки Яваро миллӣ кунонид, назорати давлатиро бо конҳои қурғошим, ки ба Голландия тааллуқ доштанд, ҷорӣ кард.

Кабинети ҷадид дар масъалаи замин мавқеи мухолифи манфиатҳои киштуварзонро ишғол намуд. Ин мавқеъ дар деҳот ба низоъи тезу тунд сабаб шуд. Аз тобистони соли 1953 сар карда ба ҳукумат намояндаи Ҳизби Миллӣ - Алӣ Састроамиҷойо роҳбарӣ кард. Ин ҳукумат муносибатҳои иттифоқиро бо Голландия барҳам дод. Аз дохилшавии Индонезия ба СЕАТО даст кашид. Бо мамлакатҳои зиёди сотсиалистӣ, аз он ҷумла, бо ИҶШС алоқа барқарор кард. Индонезия яке аз ташаббускорони даъвати Конфронси якуми мамлакатҳои Осиё ва Африқо моҳи апрели соли 1955 дар Бандунг баргузоргардида мебошад. Сиёсати хориҷии мустақилона обрӯю эътибори Ҷумҳурии Индонезияро дар арсаи байналхалқӣ зиёд кард.

Доираҳои иртиҷоии Индо-незия, ки ба хориҷа робита доштанд, ба сиёсати муста-қилонаи хориҷии Састроамиҷойо сахт муқобилият мекарданд. Низоъ дар масъалаи номзадии сардори ситоди неруҳои ҳарбии стратегии эҳтиётии хушкигард ба истеъфои ин кабинет сабаб шуд. Ҳукумати Бурҳонидлини Ха-раҳапа аз Ҳизби Машума ба сари қудрат омад.

Интихоботи аввалини пар-лумонӣ - Маҷлиси Муассисони Индонезия моҳи сентябри соли 1955 доир гардид. Дар он ҳамон ҳизбҳое ба овозҳои зиёдтари интихобкунандагон соҳиб шуданд, ки тарафдори дигар-гунсозиҳои демократӣ дар Индонезия буданд.

**?**

1. Чараёни ... ба истиқлолияти ... Индонезияро баён намоед.
2. Дар бораи кадом унсурҳои демократия дар Индонезияи соҳибистиқлол ҷорӣ гардида маълумот дода метавонед?

**ДЕМОКРАТИЯИ ТАНЗИМШАВАНДАИ СУКАРНО**. Дар ин вазъияти ниҳоят мушкили ҷамъиятию сиёсӣ Сукарно консепсияи "Демократияи танзимшаванда"-ро пешниҳод намуд. Моҳияти ин демократия аз он иборат буд, ки ваколатҳои ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ва сардори давлат то ҳадди ниҳоӣ васеъ карда шаванд. Бо назардошти он, ки консепсияи мазкур бар зидди иртиҷопешагон равона карда шуда буд ва таъсиси ҳукумати ягонагии халқро бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои ватанпарвар дар бар мегирифт, аз ҷониби нерӯҳои чапгарои ҷомеаи Индонезия дастгирӣ ёфт.

Бо мақсади татбиқи консепсияи "Демократияи танзимшаванда" моҳи марти соли 1957 дар мамлакат вазъи фавқулодда эълон карда, баъд ҳукумати беруназпарлумонӣ таъсис дода шуд, ки он бевосита дар назди президент масъул буд.

Мубориза бар зидди иртиҷоъ фаъолияти оммаро афзун мекард. Ҳукумат аз дастгирии халқ рӯҳбаланд шуда, бар зидди исёнгарон бомуваффақият мубориза мебурд. Моҳи маи соли 1958 нерӯҳои асосии исёнгарон торумор карда шуданд.

Президент Сукарно соли 1959 татбиқи андешаи худро идома дод. Моҳи июл Маҷлиси Муассисонро пароканда кард, чунки он ҳатто як масъала - сохти сиёсии Индонезияро барои оянда ҳал карда натавонист. Ӯ ба ивази Конститутсияи амалкунанда Конститутсияи соли 1945-ро аз нав ҷорӣ кард, ки он марказонидани бештари идораи давлат, новобастагии ҳокимияти иҷроия аз ҳокимияти қонунгузорро дар назар дошт. Ба ҳукумати нави Сукарно намояндагони ба ин андеша норозӣ дохил нашуданд. Сукарно 17 августи соли 1959 нутқ эрод кард, ки он "Эъломияи сиёсӣ" ном гирифта, Барномаи Ҳукуматро инъикос мекард. Дар Эъломия некӯаҳволии халқ, таъмини бехатарии давлат ва мубориза бар зидди империализм дар ҳамаи самтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумат арзёбӣ шуда буд.

Соли 1960 Сукарно ҳайати нави парлумонро таъйин кард. Ба Ҳизби Коммунистӣ 30 ҷой ва ба Ҳизби Халқӣ 44 ҷой дод. Гурӯҳҳои ҳарбию ҷамъиятӣ - артиш, иттифоқҳои касаба, созмонҳои кишоварзӣ, занон, ҷавонон ва ғайра низ дар парлумони таъйинӣ ҷой гирифтанд. Ҳизби Машума ва Ҳизби Сотсиалистии Росттаро ба парлумон ваколатнома нагирифтанд. Онҳо дере нагузашта бо амри президент пароканда карда шуданд, зеро гӯё ки бо империалистон ва исёнгарон робита доштаанд. Ғайр аз ин, бо роҳбарии президент Ҷабҳаи Миллӣ ташкил карда шуд. "Эъломияи сиёсӣ" бо ҳамроҳии 5 принсип барномаи ин ҷабҳа гардид: Конститутсияи соли 1945, сотсиализми Индонезия, демократияи танзимшаванда, иқтисоди танзимшаванда ва махсусияти Индонезия.

1. Маънои "демократияи танзимшаванда"-и президент Сукарноро баён кунед.
2. Мақсади асосии "демократияи танзимшаванда" аз чӣ иборат буд?

**"ҲАРАКАТИ 30 СЕНТЯБР"**. Соли 1965 дар Индонезия овоза паҳн шуд, ки "Шӯрои генералҳо" ном гурӯҳ нияти сӯиқасди зидди президент Сукарноро дорад ва тайёр аст, ки табаддулоти давлатӣ ба амал барорад. Ҷавобан ба ин овоза гурӯҳи афсарони ҷавон, ки аз ҳайати посбонони президент иборат буданд, якчанд генералро ба ин иқдом муттаҳам дониста, дастгир намуданд ва баъзе аз онҳоро парронданд. Ин бароманд "Ҳаракати 30 сентябр" ном гирифтааст. Афсарони мазкур эълон доштанд, ки ҳукумат пароканда карда шуд, тамоми ҳокимият ба дасти "Шӯрои инқилобӣ" гузашт. Ин ҳокимиятро роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ дастгирӣ намуданд.

Артиш зери фармондехии генерал Сухарто қӯшунҳои камшумори дар ихтиёри "Шӯрои инқилобӣ" - буларо торумор кард. Бо сабаби он ки дар ин сӯиқасд роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ ва қисме аз аъзоёни ин ҳизб даст доштанд, дар тӯли якчанд моҳ даххо ҳазор аъзои ҲКИ парронда шуданд. Ҳизби Коммунистии Индонезия расман пароканда карда шуд. Конгресси Халқии Маслиҳати дар мамлакат паҳн намудани идеологияи марксистию ленинииро манъ кард.

Дар пахши "Шӯрои инқилобӣ" ва коммунистон генерал Сухарто нақши калон дошт. Аз ин рӯ, нуфузи Сухарто дар мамлакат ниҳоят баланд шуд. Бинобар ҳамин сабаб, Сукарно маҷбур шуд, ки ваколатҳои худро дар ҳокимияти иҷроия ба генерал Сухарто бидиҳад. Соли 1967 Конгресси Индонезия Сукарноро аз вазифаи сардори давлат сабукдӯш кард. Генерал Сухарто иҷрокунандаи вазифаи президентиро ба ӯҳда гирифт. Баъди як сол ӯ ба мӯҳлати 5 сол президенти Ҷумҳурии Индонезия интихоб шуд.

1. "Ҳаракати 30 сентябр" аз тарафи кадом нерӯҳои Индонезия ташкил карда шуд.
2. Дар бораи оқибатҳои "Ҳаракати 30 сентябр" нақл кунед.
3. Дар бораи нақши Сухарто дар барҳам задани режими Сукарно чиҳо гуфта метавонед?

**СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҲУКУМАТИ СУХАРТО.** Конгресси Индонезия дар қонуну қарорҳои худ сиёсати хориҷии Индонезияро ҳамчун сиёсати "соҳибистиқлол ва фаъолона бар зидди империализм ва мустамликадорӣ дар ҳамаи шаклу зуҳуротишон, ки иштирок дар муқаррар намудани тартиботро дар назар доштанд ва ба истиқлолият, сулҳ ва адолат асосёфта" қаламдод кардаast. Вале тағйиротҳои сиёсии дохилие, ки дар Индонезия соли 1965 ва баъди он ба амал омаданд, бетарафгӯӣ ба вобастагии иқтисодиаш ба мамлакатҳои бузурги Ғарб ва интихоби роҳи сиёсати хориҷии Индонезия таъсир расониданд.

Аз нав барқарор кардани узвияти Ҷумҳурии Индонезия дар Созмони Милали Муттаҳид (узвияти Индонезия дар СММ дар рафти аз нав тобеи Голландия шудани он канда шуда буд) ва мӯътадил гардидани муносибатҳои Индонезия бо Малайзия ва Сингапур (Сингапур аз ҳайати Малайзия ҷудо шуда буд) аз муваффақиятҳои ҳукумати Сукарно мебошанд. Ҳамкорӣ бо ин давлатҳо ба Индонезия имконият дод, ки аз мамлакатҳои Ғарб ёрии иқтисодӣ бигирад.

Гап дар бораи он меравад, ки моҳи августи соли 1963 собиқ мустамликаҳои Британияи Кабир - Малайӣ, Сингапур, Сабаҳ, Саравак ва Бруней, ки бо Индонезия ҳамҳудуд буданд, дар Федератсияи Малайзия муттаҳид шуданд. Ин федератсия дар зери таъсири Британияи Кабир буда, нисбати Индонезия сиёсати душманона мебурд. Аз ин рӯ, он вақт ҳукумати Сукарно торумор кардани Федератсияи Малайзияро ба миён гузошт. Бо сабаби он ки Малайзия узви ғайридоимии Шӯрои Амнияти СММ интихоб гардид, Индонезия моҳи январи соли 1965 намоишкорона аз узвияти СММ баромад.

1. Моҳият ва мақсади сиёсати хориҷии Ҳукумати Сухарторо дар чиҳо мебинед?
2. Чаро Индонезия соли 1965 аз Созмони Милали Муттаҳид баромад?
3. Магар Индонезия ба истиқлолияти воқеӣ соҳиб шуд?
4. 5 масъалаи муҳимтарини "Ҷабҳаи Миллӣ"-ро ном бурда, онҳоро шарҳ диҳед.

# § 21. ЗАНҶИРИ МУСТАМЛИКАВИРО ШИКАСТАНИ ҲИНДУСТОН

**ВАЗЪИ ДОХИЛӢ.** Шикасти Олмони фашистӣ ва иттифоқчиёни он, аз он ҷумла, Ҷопони ҷангҷӯй ба болоравии босуръати ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ, хосатан дар Ҳиндустон ҳам сабаб шуд.



*Расми 49.* ***Муҳандас Карамчанд Ганди*** *(1869-1948).*

Дар давраи мустамликавӣ Ҳиндустон ба мулки кишоварзии метрополия табдил ёфт. Дар солҳои ҷанг соҳаи кишоварзии Ҳиндустонро бӯҳрон фаро гирифт, хусусан музофотҳои Бомбай, Мадрас, князиҳои Ҳайдаробод ва Майсур, Ҳиндустони Марказӣ ва Бангоҷаро. Ин бӯҳрон кишоварзонро қашшоқ кард. Истеҳсоли ғалладона кам шуд. Аз ин рӯ, корхонаҳои зиёди коркарди маҳсулоти зироаткорӣ баста шуда, дар натиҷа кормандони онҳо бекор монданд.

2 миллион аскари Ҳиндустон, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иштирок карда буданд, баъди ҷанг ба хонаҳояшон ҷавоб дода шуданд, вале онҳо ҳам бекор буданд.

Зиддият дар байни Англияи мустамликадор ва Ҳиндустони мустамлика нихоят шиддат ёфт. Шумо, хонандагони гиромӣ, ин ҳолатро ҳангоми омӯзиши таърихи умумӣ дар синфи 9 низ мушоҳида карда будед. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ низ халқи Ҳиндустон барои аз зулми мустамликавӣ халос шудан мубориза мебурд.

Ба муборизаи зидди империализми англис аксарияти ҳизбҳои миллии Ҳиндустон бархостанд. Ҷузъи аз ҳама фаъоли онҳо Конгресси Миллии Ҳиндустон буд. Ин ҳизби сиёсӣ дар амал ба тамоми ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Ҳиндустон роҳбарӣ мекард. Сарфи назар аз ин, на ҳамаи ҳизбҳои сиёсии мамлакат дар фикри ягона буданд. Масалан, Лигаи Мусулмонӣ масъалаи таъсиси давлати мустақили Покистонро ба миён гузошта буд.

Ҳаракати озодихоҳонаи халқҳои Ҳиндустон усули худро дошт, ки онро Махатма Карамчанд Ганди пешниҳод карда буд. Ин усул мубориза "бидуни истифода аз қувва" номида шудааст. Усули мазкури муборизаро буржуазияи миллии Ҳиндустон дар мубориза барои ба даст овардани истиқлолияти мамлакат ва расидан ба мақсадҳои сиёсии худ самаранок истифода мебурд. Дар ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон мақоми коргарон, кишоварзон, косибон ва зиёиён калон аст. Аксари онҳо ғояи истиқлолиятхоҳии Конгресси Миллии Ҳиндустонро дастгирӣ мекарданд.

Дар баробари ин, дар Ҳиндустон ҳизбҳои камшуморе ҳам арзи вуҷуд доштанд, ки тарафдори дар ҳолати мустамликавӣ мондани Ҳиндустон буданд. Дар байни онҳо заминдорони калон, баъзе ашрофон ва як қисми буржуазияи компрадор

(миёнарав) буданд. Вале онҳо фоизи ниҳоят ками аҳолии Ҳиндустонро ташкил мекарданд.

1. Дар гурӯҳҳои хурд масъалаи оқибатҳои ҳолати мустамликавии Ҳиндустонро мавриди баҳс қарор диҳед.
2. Кадом далелҳо дар бораи бедоршавии босуръати ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд?

**ШӮРИШИ СОЛИ 1946.** Бо сабабҳои дар боло зикршуда ба ҳаракати зиддиимпериалистӣ артиш ва флот низ ҳамроҳ шуд. Охирҳои соли 1945 - аввали 1946 як қисми хизматчиёни ҳарбӣ ба хонаҳояшон чавоб дода нашуданд. Вазъи умумии аскару афсарҳо онқадар хуб набуд. Дар артиш аз назари мансубияти миллӣ таҳқир чой дошт. Онҳое, ки миллаташон англис буд, нисбат ба миллатҳои маҳаллӣ аз чиҳати моддӣ беҳтар таъмин карда мешуданд. Ин зуҳуроти манфӣ ба норозигии аскарони ҳиндӣ ва ошӯбҳо сабаб шуданд. Соли 1946 шӯриши зиддиимпериалистии маллоҳони флоти баҳрии Ҳиндустон бо ҳамин сабаб ба амал омад.

Моҳи феврали соли 1946 дар Бомбай маллоҳони киштии "Талвар" ошӯб бардоштанд. Баҳонаи ин ошӯб ба аскарони баҳрнавард додани биринчи кумдор буд. Ба "Талвар" 12 пойгоҳи ҳарбии наздисоҳилӣ низ ҳамроҳ шуд. Англисҳо хостанд, ки бар зидди шӯришгарон қӯшун истифода баранд, вале аскарони ҳиндӣ аз паррондани ҳамватанони худ рӯй тофтанд. Маллоҳон манзилгоҳҳои (казармаҳои) ҳарбиро ишғол намуданд. Қӯшунҳои англисӣ онҳоро тирборон карданд. Адмирал Голфри ба маллоҳон пешниҳод кард, ки таслим шаванд.

Кумитаи маллоҳони ҳарбӣ ба фармондеҳӣ талабҳои зеринро пешниҳод кард: маҳбусони сиёсӣ озод ва қӯшунҳои Англия аз Ҳиндустон баровар да шаванд. Баъди 2 рӯз дар бандарҳои асосии Ҳиндустон корпартоӣ ва намоишҳои серодам барои дастгирии шӯришгарон ба амал омаданд. Маллоҳони киштиҳо дар Калкутта, Карачи, Визагапатама ва Мадрас бо шӯришгарон пайвастанд. Дар Бомбай бошад, маллоҳонро аскарони нерӯҳои ҳавоӣ дастгирӣ карданд. Дар кӯчаҳои шаҳр задухӯрд ба амал омад.

Кумитаи Маллоҳони Шӯришгар (КМШ) қарор кард, ки шӯриш қатъ карда шавад. Манзилгоҳҳои ҳарбӣ ба нерӯҳои мустамликадорон супорида шуданд. Ин иқдом ба куштори шӯришгарон табдил ёфт. Аз ин рӯ, шӯриш аз нав авҷ гирифта, он 5 рӯз давом кард. Шӯриш дар шаҳрҳои Бомбай, Калкутта, Карачи ва Мадрас махсусан тезу тунд сурат гирифт. Маъмурияти мустамликадори ин шӯришро пахш кард. Танҳо дар шаҳри Бомбай дар рӯзҳои шӯриш қариб 300 нафар кушта ва 1500 нафар захм бардоштанд.

Шӯриш шикаст хӯрд. Ҳукуматдорони Англия ба КМҲ ваъда доданд, ки ба иштирокчиёни шӯриш ҷазо намедиҳанд. Вале ваъдахилофӣ карда, онҳоро ба урдугоҳҳои консентратсионӣ партофтанд.

Шӯриши маллоҳон нишон дод, ки ҳукмронии Британияи Кабир дар Ҳиндустон ба бӯҳрон дучор шудааст. Дар рафти шӯриш ҳамгироии артиш бо халқ ба амал омад. Ҷараёнҳои гуногуни сиёсию миллӣ ва динии Ҳиндустон дар зери парчами ҳаракати миллию озодихоҳӣ боз ҳам зичтар муттаҳид шуданд.

1. Сабабҳо ва натиҷаҳои шӯриши маллоҳони Ҳиндустонро муайян намоед.
2. Кадом далелҳо дар бораи бӯҳрони низоми мустамликадории Британияи Кабир дар Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд?

Баъди шӯриши соли 1946 корпартоиҳо афзуданд. Дар сар то сари Ҳиндустон бештар аз 1800 корпартоӣ ба амал омад. Корпартофтагон талаб мекарданд, ки ба Ҳиндустон истиқлолияти пурра дода ва режимҳои дар музофотҳобуда барҳам зада шаванд. Дар баробари ин талаб муборизони роҳи озодӣ ба мустамликадорон талабҳои дигари сиёсию иҷтимоӣ низ пешниҳод намуданд.




То соли 1947 Конгресси умумиҳиндустонии иттифоқҳои касаба (КУИК) дар сафҳои худ то 730 ҳазор аъзоро муттаҳид мекард. Вале дар ин иттифоқи касаба оид ба масъалаи корпартоӣ назари ягона набуд. Аз ин сабаб он ба ду қисм тақсим шуд. Як қисми он, ки дар зери таъсири Конгресси Миллии Ҳиндустон буд, аз КУИК баромада, Конгресси миллии иттифоқҳои касабаи Ҳиндустонро таъсис дод. Он корпартоиро ҳамчун воситаи мубориза бар зидди соҳибкорон маҳкум карда, даъват намуд, ки дар саноат бо соҳибкорон муносибатҳои мусолиҳатомез ба роҳ монад.

Муборизаи кишоварзон бар зидди истисмори империализми Англия вусъат ёфта, ҳатто ба бархӯрдҳои мусаллаҳона табдил меёфт. Кишоварзон талаб мекарданд, ки иҷорапулӣ кам, қарзҳо аз эътибор соқит ва ӯҳдадориҳои феодалӣ барҳам зада шаванд. Кишоварзон ҳам дорои ташкилоти худ буданд, ки он "Иттифоқи умумиҳиндустонии кишоварзон" ном дошт. Ҳаракати кишоварзон қариб ҳамаи музофотҳои Ҳиндустонро фаро гирифт.

Дар аксар минтақаҳое, ки музофот ном бурда мешуданд, сохти феодалӣ ҳукмрон буд. Дар он ҷойҳо мубориза бар зидди сохти феодалӣ пурзӯр шуд. Маҳз мустамликадорони англис ин режимҳоро ҳифз мекарданд, чунки ягонагии Ҳиндустонро дар заифӣ нигоҳ дошта, сафҳои муборизони зидди империалистиро заиф мекарданд. Ба муборизаи зиддифеодалӣ дар музофотҳо ва вилоятҳо зиёиён ва коргарони маҳаллӣ пайрӯи пешқадам буданд. Муборизони зиддифеодалӣ талаб мекарданд, ки дар музофотҳо ҳукуматҳои масъулиятнок таъсис дода шуда, имтиёзҳои ҳокимон ва заминдорон бекор ва вазъи зиндагии заҳматкашон беҳтар карда шавад.

?

1. Ҷопони таслимшударо чӣ хел дарёфтед?
2. Дар бораи вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҷопони баъдиҷангӣ маълумот диҳед.
3. Оё мавқеи ИМА нисбати Ҷопон бетағйир монд?



*Расми 46. Тсузима Фудзи, яке аз муқаддасоти Аябэ (Ҷопон)*

Бо шартҳои мазкур ба имзо расидани созишномаи сулҳи Сан-Франсиско дар байни роҳбарияти Ҳизби Сотсиалистии Ҷопон мухолифатро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа ин ҳизб ба ду ҳизби мустақил тақсим шуд. Онҳо ба иттифоқҳои касабаи сернуфузтарини Ҷопон – Соҳиё такя мекарданд. Соҳиё талаб кард, ки қарордодҳо ва созишномаҳои ҳарбии бо ИМА ба имзорасида аз эътибор соқит карда ва пойгоҳҳои ҳарбии Америка дар Ҷопон барҳам дода шаванд.

1. Дар Конфронси байналхалқии Сан-Франсиско давлатҳои аъзои иттиҳоди зиддифашистӣ кадом мавқеъро ишғол намуданд? Ин конфронс манфиатҳои кадом давлатро ифода мекард?
2. Мазмун ва мақсадҳои созишномаи сулҳи Сан-Франсиско бо Ҷопонро баён намоед.
3. Созишномаи сулҳи Сан-Франсиско Ҷопонро ба кадом ҳолат гузошт?
4. Оё дар Ҷопон ҳама ба шартҳои созишномаи сулҳи мазкур розӣ буданд?

**"МӮЪҶИЗАИ ҶОПОН".** Иштироки ИМА дар ҷанги Корея ба Ҷопон фоидаовар буд. Ҳаҷми боркашонӣ аз тариқи баҳр, талабот ба лавозимоти ҳарбӣ ва таъмири техникаи ҳарбӣ дучанд афзуд. Ин буд, ки маблағгузорӣ ба супоришҳои ҳарбӣ ба Ҷопон зиёд шуд. Даромад аз супоришҳои ҳарбӣ дар аввали ҷанг аз 151 то 824 милион доллар ва то охири соли 1952 зиёда аз 1 милиард долларро ташкил намуд. Ин ба Ҷопон имконият дод, ки сармоягузориро ба соҳаҳои асосии иқтисод аз нав ба роҳ монад. Сармоягузориро ба соҳаҳое зиёд кунад, ки ба он бештар эҳтиёҷ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, дар саноат таҷҳизоти кӯҳнаю фарсудаиро ба таҷҳизот ва технологияи нав иваз намуда, ба имконияти бештари ба Ҷопон ворид сохтани ашёи хом аз мамлакатҳои хориҷӣ ва ба болоравии саноати Ҷопон мусоидат карда шуд.

Баъди ҷанги Корея супоришҳои ҳарбии ИМА ба Ҷопон кам шуд. Ҷусури онро ёмбарҳо ва қарзҳои хориҷӣ баровард. 77 фоизи ин маблағ аз ИМА ворид гардид. Қарзҳои дарозмуддат аз ҷониби Бонки содиротию воридотии ИМА ва Бонки ҷаҳонии азнавбаркароркунӣ ва рушд дода мешуд. Онҳо дар солҳои 1953-1959 қарзҳои мақсаднок доданд, ки аксарияти он ба рушди соҳаҳои асосии иқтисоди Ҷопон, масалан, электроэнергетика ва филизоти сиёҳ харҷ карда шуд. Дар ин замина масъалаи молияи Ҷопон низ танзим ва вазни қиёсии пулҳои когазии ҷопонии дар муомилотбуда кам карда шуд. Ин тадбирҳо имконият

ки манфиатҳои ҳиндуҳоро ифода мекарданд, пеш аз ҳама, КМҲ пешниҳоди англисҳоро қабул накарданд. Ин пешниҳод дар Ҳиндустон зиддият ва вазъи фавқулоддаро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, ҳукуматдорони мустамликавӣ маҷбур шуданд, ки ба Конгресси Миллии Ҳиндустон гузашт кунанд. Раиси КМҲ ҳуқуқ гирифт, ки номзадҳоро шахсан ба вазифаҳои вазирӣ пешниҳод намояд. Ҳамин тариқ, КМҲ моҳи августи соли 1946 ҳукумати муваққатӣ таъсис намуд, ки ба он Ҷавоҳирлаъл Неҳру роҳбарӣ кард. Лигаи Мусулмонон ба ин ҳукумат дохил нашуда, эълон дошт, ки ба "мубоpизаи бевосита баҳри Покистон" шурӯъ менамояд. Чӣ тавре ки мушоҳида кардед, бо ҳамин муносибатҳои ҳиндуҳо ва мусулмонҳо ба марҳалаи тезу тунд даромад.

Мубориза барои истиқлолияти Ҳиндустон оғози соли 1947 ба марҳалаи ниҳоии худ расид. Мустамликадорони англис ба ҷуз додани истиқлолият ба Ҳиндустон илоҷи дигар надоштанд. Вале дар баробари ин хоҳиши мусулмонҳои Ҳиндустонро дар ин роҳ ба назар нагирифта ҳам наметавонистанд. Нахуствазири Англия Эттли дар бораи Ҳиндустон бо изҳороти нав баромад кард. Ӯ гуфт, ки ҳокимият "ба дасти ҳиндӣ" - ҳукуматҳои минтақаҳо ва музофотҳо дода мешавад. Баҳори соли 1947 ноиби короли навтаъйиншудаи Маунбэттен ба Ҳиндустон омад. Мувофиқи нақшаи эълонгардидаи ӯ Ҳиндустон бояд ба ду давлат тақсим карда мешуд, ки онҳо ҳуқуқи доминионҳои Англияро мегирифтанд. Ҳарду ҳизби сиёсии Ҳиндустон ҳам нақшаи Маунтбэттенро қабул карданд. То миёнаҳои моҳи августи соли 1947 тақсимкунии мамлакат ба ду доминион анҷом дода шуд.

Ҳамин тариқ, истиқлолияти Покистон 14 август ва истиқлолияти Ҳиндустон 15 августи соли 1947 эълон карда шуд. Бо ҳамин ҳукмронии Англия дар Ҳиндустон ба шикасти маҳз дучор шуд.

Ҷараёни рушди Покистон дар мавзӯи 23 мавриди омӯзиш қарор мегирад.

**?**

1. Барои аз даст надодани Ҳиндустон Англия аз кадом роҳу воситаҳои истифода бурд?
2. Мавқеи КМҲ ва Лигаи Мусулмононро дар масъалаи истиқлолияти Ҳиндустон иброз доред.
3. Ноиби король Уэйвелл кадом лоиҳаи интихобот ба парлумони Ҳиндустонро пешниҳод намуд?
4. Дар бораи ҷараёни истиқлолият ба даст овардани Ҳиндустон нақл кунед.

**ТАҲАВВУЛОТИ СОЛҲОИ 1947-1949.** Ҷараёни воқеаҳои баъд аз эълони истиқлолияти Ҳиндустон хеле мураккаб ва баъзан ҳатто фоҷеабор буданд. Ҷудошавии Ҳиндустон ба ду давлат мушкилоти зиёди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Тақсими мамлакат ба ду давлат аз рӯи мансубияти динӣ ба амал бароварда шуда, робитаҳои иқтисодӣ, ҳаёти миллӣ ва ҳудудҳои онҳо ба назари эътибор гирифта нашуданд. Бо ҳамин сабаб, манбаи ашёи хом дар як давлат корхонаи коркарди он дар давлати дигар, заводҳои алоҳида дар як давлат ва манбаҳои энергетикӣ дар давлати дигар монданд.

Империалистони англис дар байни Ҳиндустон ва Покистон тухми низоъ мекоштанд. Масалан, Англия дар Ҳиндустон режимҳои иртиҷоиро дастгирӣ мекард. Англисҳо кӯшиши ҳокими музофоти Ҷунагардро оид ба пайвастан ба Покистон дастгирӣ мекарданд. Пеши роҳи ин иқдоми ҳокими мусулмонро артиши Ҳиндустон гирифт, чунки дар ин музофот аксарияти аҳолӣ ҳиндӣ буд. Ё

ки мисоли дигар: ҳукуматдорони Англия ба маҳараҷи музофоти Ҷамму ва Кашмир фишор оварда, онро маҷбур мекарданд, ки музофоти тобеи ӯ ба ҳайати Покистон дохил карда шавад.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• Тирамоҳи соли 1947 қӯшунҳои Покистон ба Кашмир зада даромаданд. Маҳараҷ эълон кард, ки Ҷамму ва Кашмир ба ҳайати Ҳиндустон дохил мешаванд. Бо хоҳиши маҳараҷ ба Кашмир артиши Ҳиндустон даровarда шуд, то ки артиши Покистон зада гардонида шавад.

• Моҳи декабри соли 1947 ҳукумати Ҳиндустон ба Шӯрои Амнияти СММ муроҷиат кард, ки масъалаи Кашмирро баррасӣ намояд. Вале он ҳал ношуда монд.

• Дар байни ҳиндуҳо ва мусулмонҳои минтақаҳои гуногуни Ҳиндустон ва Покистон хунрезиҳо давом карданд. Гурезаҳо беист аз Покистон ба Ҳиндустон ва аз Ҳиндустон ба Покистон фирор мекарданд, то ки аз куштор наҷот ёбанд.

• 30 январи соли 1948 М.К. Гандии 70-сола аз тарафи ҷамоаи динию миллатгаро ба қатл расонида шуд.



*Расми 51. Ватандӯстони Ҳиндустон ба мустамликадорон муқовимат мекунанд*

1. Оё Англия метавонист ба Ҳиндустон истиқлолият надиҳад?
2. Тақсими Ҳиндустон ба ду давлати соҳибистиқлол чӣ мушкилиҳоро ба бор овард?
3. Дар бораи оқибатҳои тақсимшавии Ҳиндустон ба ду давлат дар мавриди гуногунии динӣ далелҳо оварда, исбот намоед, ки вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҳиндустон аз ваҳдат ва тобеият ба ҳокимияти марказӣ дур буд.

## § 22. ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР РОҲИ ТАРАҚҚИЁТ

**ТАҒЙИРОТИ МАЪМУРӢ.** Аз охирҳои соли 1948 сар карда дар Ҳиндустон ҳаракат баҳри тақсими нави маъмурӣ дар асоси умумияти забонии ин ва ё он маҳалу минтақа пурзӯр шуд. Дар музофоти Мадрас талаб ба миён гузошта шуд.

ки иёлати нави алоҳидаи Андхара ташкил карда шавад. Сабаби ин иқдом он буд, ки дар минтақаи Телингени Ҳайдаробод қавми талугу сукунат дошт. Дар князии Траванкур ва Кочин ҳаракат барои ҳамаи қаламрави сукунати қавми малаялро дар иёлати ягонаи Керала муттаҳид кардан ба амал омад. Дар Махараштра, яъне дар қаламрави Бомбай, ки маратҳо сокин буданд, ҳанӯз соли 1945



*Расми 52. Намуди яке аз кӯчаҳои шаҳри Калкутта.*

Конфедератсияи Махараштра ташкил ёфта буд. Акнун бошад, ҳаракат барои таъсиси музофоти Гуҷарат, ки навоҳии сукунати гуҷаратҳоро фаро гирифта буд, низ вусъат ёфт. Ба ҳукумати Ҳиндустон лозим омад, ки ин мушкилотро ҳал намояд.

Дар тақсимоти маъмурии Ҳиндустон баъзе тағйиротҳои дигар ҳам ба амал омаданд. Масалан, музофотҳои хурд ба қаламрави музофотҳои ба онҳо ҳамҷавор ҳамроҳ карда шуданд. Вале ҳокимони ин мулкҳо заминҳои худро аз даст надоданд ва ҳукумат ба ин ҳокимон нафақаи калон ҳам муқаррар кард. Музофотҳое, ки аз гурӯҳҳои сарҷамъи халқиятҳо иборат буданд, ба иттифоқи музофотҳо муттаҳид карда мешуданд. Музофотҳои калон ва ҳамаи дигар музофотҳо ба иёлот табдил дода шуданд.

Дар натиҷаи ин тағйиротҳо дар Ҳиндустон музофотҳо барҳам дода шуда ва ҳокимияти марказӣ бар маҳалҳо мустаҳкамтар гардид.

1. Чаро Ҳиндустон аз ноҳияҳои хурди маъмурӣ, аз он ҷумла музофотҳои хурд иборат буд?
2. Дар бораи тағйиротҳои нави маъмурии Ҳиндустон ва аҳамияти онҳо фикри худро баён доред.

**ҲАЁТИ СИЁСӢ.** Солҳои 1948-1949 халқ ва аҳзоби сиёсӣ лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Ҳиндустонро муҳокима карданд. Дар он оид ба милликунонии корхонаҳои хориҷиён фикр баён карда шуда буд. Дар натиҷаи муҳокима пешниҳоди номбурда бо ниҳонлоли "ҷуброни одилатиок" иваз карда шуд. Муқаррар карда шуд, ки хориҷиён метавонанд дар корхонаҳою ширкатҳои дар Ҳиндустон бунёдкардашуда камтар аз нисфи саҳмияҳоро дошта бошанд.

Масъалаи ниҳоят муҳими Ҳиндустон муносибат бо Иттиҳоди Британии Миллатҳо буд. Ҳукумати Конгресси Миллии Ҳиндустон қарор кард, ки Ҳиндустон дар ҳайати ин иттиҳод мемонад, сарфи назар аз он, ки ин вақт дар мамлакат ҳаракат баҳри баромадан аз он вусъат ёфта буд.

Ҳукумат ва нерӯҳои сиёсӣ қарор доданд, ки Ҳиндустон ҷумҳурӣ эълон карда шавад. Маҷлиси Муассисон Конститутсияи Ҳиндустонро тасдиқ кард. Конститутсияи Ҷумҳурии Ҳиндустон 26 январи соли 1950 ба эътибор даромад. Ин конститутсия аз конститутсияҳои қаблӣ, ки Англия барои Ҳиндустон "эҳдо" карда буд, фарқи калон дошт. Мақсади он "конститутсияҳо" қонунигардонидани мустамликадории Британия Кабир бар Ҳиндустон буд. Конститутсияи Ҷумҳурии Ҳиндустон бошад, мамлакатро бо роҳи истиқлолият ва демократӣ пеш мебурд.

**НУҚТАҲОИ МУҲИМИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН**

- Ҳиндустонро «Ҷумҳурии соҳибистиқлоли дунявӣ» эълон кард.
- Озодиҳои демократиро эълон намуд.
- Ҳуқуқи умумии интихоботиро ҷорӣ кард.
- Дар Ҳиндустон сохти кастагии таҳқиромезонаро барҳам дод.
- Ғуломдориро дар мамлакат манъ кард.
- Дахлнопазирии моликият, аз он ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод.
- Корҳаридаӣ ва намудҳои дигари меҳнати маҷбуриро манъ кард.
- Дар ҳайати Иттиҳоди Британии миллатҳо мондани Ҷумҳурии Ҳиндустонро ба ҳукми қонун даровард.

Охирҳои соли 1951-аввали 1952 дар Ҳиндустон интихоботи нахустини умумӣ баргузор гардид. Дар он Конгресси Миллии Ҳиндустон, Ҳинду Маҳасабҳа, Ҳизби Коммунистӣ ва аҳзоби дигар ширкат варзиданд. Дар байни онҳо обрӯи КМҲ ниҳоят баланд буд, чунки дар ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҳиндустон ва иқломҳои дигари ба манфиати халқҳои Ҳиндустон равонкардашуда хизматҳои арзанда ба ҷо оварда буд. Ҳар яке аз ин ҳизбҳо (ё дар блокҳои интихоботӣ муттаҳид шуда) барномаи пешазинтихоботии худро ба интихобкунандагон пешниҳод намуданд. Ба натиҷаҳои ниҳоии интихобот унсурҳои динӣ, кастагӣ ва миллӣ таъсир мерасониданд.

Дар интихоботи мазкур КМҲ бо 74% ҷойҳоро дар парлумон ва 66% ҷойҳоро дар маҷлисҳои қонунгузори вилоятҳо ба даст дароварда, ғолиб баромад. КМҲ бо роҳбарии Ҷавоҳирлаъл Неҳру Ҳукумати Ҳиндустонро ташкил намуд. Ғайр аз интихоботи номбурда солҳои 1957, 1962 ва 1967 - интихоботҳои умумӣ ба Палатаи халқии парлумони мамлакат ва маҷлисҳои қонунгузори вилоятҳо баргузор гардиданд. Дар интихоботи аввал - 193 миллион интихобкунандагон ширкат варзиданд. Дар ҳамаи интихоботҳои номбурда Конгресси Миллии

Ҳиндустон ғолиб баромад. Ҳар бор ба ҳукумат намояндаи ин ҳизб роҳбарӣ мекард.

Ҳукумати Ҷ. Неҳру сиёсати мустаҳкам кардани истиқлолияти мамлакат ва сиёсати мустақилонаи хориҷии Ҳиндустонро пеш бурда, инчунин ҳаёти сиёсии ҷомеаро аз унсурҳои демократӣ ғанӣ мегардонид.

Баъди соли 1964 вафот кардани Ҷ. Неҳру сиёсати дохилӣ ва хориҷии КМҲ ноустувортар шуд. Ҳукумат ва парлумони Ҳиндустон ба сармояи калони миллӣ ва хориҷӣ гузашт карда, аз танзими давлатии иқтисоди мамлакат даст кашиданд.

Дар дохили Конгресси Миллии Ҳиндустон мухолифатҳои усулӣ тавлид ёфтанд. Ин буд, ки гурӯҳи алоҳида аз ин ҳизб баромада, ҳизбҳои нав ташкил намуданд, аз он ҷумла, Конгресси Бенгал, Конгресси Бхаратия кранти дали Керал дар Утар Прадеш, Ҷана конгресс дар Орисс ва аҳзоби дигар.

1. Ба фикри шумо сохти сиёсии Ҳиндустон ба кадом шакли идоракунии давлат мансуб аст?
2. Дар бораи ҷараёни ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Ҳиндустони солҳои 50-ум ва 60-ум мисолҳо биёред.
3. Исбот кунед, ки бо кадом сабабҳо Конгресси Миллии Ҳиндустон дар тӯли солҳои зиёд дар сари ҳокимият буд?
4. Ҷавоҳирлаъл Неҳру дар Ҳукумати Ҳиндустон чи вазифа дошт?

**РУШДИ ИҚТИСОДӢ.** Баъди эълони истиқлолият иқтисоди Ҳиндустон дар шароити хеле вазнин қарор дошт. Саноати мамлакат мустақилона вуҷуд дошта наметавонист. Он ба таҷҳизот ва технологияи хориҷӣ сахт вобаста буд. Соҳаҳои муҳими иқтисод, аз он ҷумла саноати ангишт, нафт, резинбарорӣ, маснуоти ҷутӣ ва чой қариб пурра дар зери назорати сармояи хориҷӣ буданд. Ин ҳолат ба давлатҳои хориҷӣ имконият медод, ки дар иқтисоди Ҳиндустон мавқеи ҳукмронро дар ихтиёри худ нигоҳ доранд. Аз ҳамин сабаб, бартараф кардани заъфи саноат вазифаи муҳимтарини Ҳукумати Ҳиндустони соҳибистиқлол буд. Ҳиндустон ба саноати вазнин эҳтиёҷи калон дошт. Он ба Ҳиндустон истиқлолияти воқеии иқтисодӣ ва сиёсӣ дода метавонист. Вале ин кишвар дар ин марҳала ҳанӯз чунин мутахассисон ва асоси илмию техникие надошт, ки ба воситаи онҳо аз вобастагии давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пурзӯри ҷаҳон озод шуда тавонад.

Роҳи ягона барои аз ақибмондагии иқтисодӣ баровардани мамлакат барои Ҳиндустон тавлиди сармоя ва инҳисори давлатӣ буд. Давлат барои рушди саноат ва соҳаҳои дигари инфраструктураи иқтисодӣ ба маблағгузорӣ шурӯъ намуд. Бояд гуфт, ки дар баробари корхонаҳои саноатӣ ва ширкатҳои инҳисори давлатӣ корхонаҳо ва ширкатҳои хусусӣ низ мавҷуд буданд. Вале бунёди саноати миллӣ аз тарафи давлат роҳи аз ҳама самаранoктарини пешрафти иқтисодии Ҳиндустон буд.

Сектори давлатӣ соҳаҳои зерини иқтисоди Ҳиндустонро дар бар мегирифт: 1) корхонаҳое, ки қаблан ба англисҳо тааллуқ доштанд; 2) корхонаҳои милликунонидашуда, ба монанди ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва киштигардӣ, саноати ангишт, баъзе корхонаҳои бофандагӣ ва ғайра; 3) корхонаҳое, ки давлат сохта, дар зери назорати худ нигоҳ медошт.

Сектори давлатӣ ба нақшаларории нишондиҳандаҳои онҳоро дар назар дорад. Аз ин рӯ, дар Ҳиндустон барои солҳои 1951-1955 барномаи 5-солаи якуми рушди



*Расми 53.* ***Индира Ганди.***

иқтисод ва ичтимоъи Ҳиндустон қабул карда шуд, ки дар он ба кишоварзӣ ва сохтмони инфраструктураи обёрию энергетикӣ диққати калон дода шуда буд. Иҷрои ин барнома иқтисоди Ҳиндустонро то як дараҷа пеш бурд. Соли 1966 парлумони Ҳиндустон барномаи 5-солаи дуюми рушди иқтисодию ичтимоии Ҳиндустонро қабул кард. Дар он вазифаи аввалиндараҷа сохтани корхонаҳои давлатии саноати вазнин дар назар дошта шуда буд. Дар натиҷаи иҷрои нишондиҳандаҳои барномаи ин 5-сола роҳҳои оҳани нав сохта шуданд, хатҳои сайри ҳавопаймоҳо зиёд шуд, саноати ҳарбӣ, ҳастаӣ, мошинсозии вазнин, электроэнергетика, саноати ангишт ва нафт ба сектори давлатӣ дохил карда шуданд. Ҳукумат ният дошт, ки давлат дар бунёди саноати арзиз, пебобҳои коркарди маъдан, истеҳсоли қатрон, когаз, наклиёти автомобилӣ ва баҳрӣ, истеҳсоли ашёи хоми кимиёвӣ бештар саҳм бигирад. Соҳаҳои дигари саноати Ҳиндустон, ки дар ихтиёри сектори хусусӣ буданд, фаъолияти худро дар зери назорати давлат пеш мебурданд.

Барои иҷрои бомуваффақияти барномаи 5-солаи дуюм Ҳиндустон бо Иттиҳоди Шӯравӣ, Англия, Ҷумҳурии Федералии Олмон ва давлатҳои дигар ҳамкории иқтисодӣ дошт.

Масъалаи замин дар Ҳиндустони соҳибистиқлол аз муҳимтарин масъалаҳои рушди иқтисодӣ буд. Муносибатҳои феодалӣ дар деҳот аксар кишоварзонро камбоқ кунонида буданд. Аз ин рӯ, Комиссияи ба нақшадарории Ҳукумати Ҳиндустон пешниҳод кард, ки самтҳои ислоҳоти замин чунин муайян карда шаванд: 1) барҳам задани миёнаравҳои байни давлат ва заҳматкашон; 2) ислоҳоти низоми иҷорагирӣ, дар ҳамин асос муқаррар намудани иҷорапулии тағйирёбанда (вобаста ба қурби асъори миллӣ); 3) додани ҳуқуқ ба иҷорагир барои харидории замини иҷора дар зарфи 5 сол; 4) муқаррар намудани ҳудуди баланди соҳиб будан ба замин; 5) азнавсозии кишоварзӣ бо роҳи ҳамроҳ намудани мулкҳо бо мақсади роҳ надодан ба қитъаҳои хурд-хурд тақсимшавии замин; 6) таъсиси хоҷагиҳои кооперативӣ.

Дар асоси ҳамин нишондодҳо дар Ҳиндустон ислоҳоти замин ба амал бароварда шуд. Дар натиҷаи ин соҳаи кишоварзӣ то як дараҷа пеш рафт ва аҳволи зиндагии кишоварзон рӯ ба беҳбудӣ ниҳод.

Нисбати сармояи хориҷӣ дар Ҳиндустон ҳукумат сиёсати милликунониро пеш гирифт. Соҳаҳои муҳими иқтисоди дар дасти хориҷиёнбуда миллӣ кунонида

шуданд, аз он ҷумла Бонки империӣ, кори суғурта ва аксар корхонаҳои истехсолоти кӯҳӣ. Ҳукумат барои фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ дар Ҳиндустон шароити нокулай фароҳам овард. Бо ҳамин сабаб 98 ширкати хориҷӣ мавҷудияти худро аз даст дод. Ин раванд дар миёнаи дуюми солҳои 50-ум низ идома дошт. Як қисми дороии хориҷиён ба моликияти ширкатҳои хусусӣ ва ё давлатии Ҳиндустон мубаддал гардиданд.

Чорабиниҳои суботкоронаи иктисодӣ дар солҳои 50 ва 60 имконият доданд, ки Ҳиндустон ба истиклолияти иктисодии худ ноил шавад.

1. Чаро иктисоди Ҳиндустон ақибмонда буд? Оё ба ин ҳолат сохти мустамликавӣ ва сармояи хориҷӣ сабаб шуда метавонистанд?
2. Дар бораи дар иктисоди Ҳиндустон ба сектори давлатӣ аҳамияти калон додани ҳукумат далелҳо биёред.
3. Дар гурӯҳҳо тақсим шуда, аз тариқи баҳс сохти иктисодии Ҳиндустонро муайян намоед.
4. Оё сектори давлатӣ ба пешрафти иктисоди Ҳиндустон монеа эҷод намекард?

**МАСЪАЛАИ ИҶТИМОӢ.** Дар баробари ислоҳоти иктисодӣ ҳукумати Ҳиндустон дар соҳаи иҷтимоӣ низ ислоҳот ба амал баровард. Бо қонуни махсус ҳуқуқҳои инсонии табақаи аз ҳама поёни ҷомеа - маҳавҳо (шудра) барқарор карда шуд. Қонунҳое қабул гардиданд, ки ҳуқуқи занон бо мардон баробар шуд.

Масъалаи маҳви бесаводӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини Ҳиндустон буд. Дар баъзе иёлот таълими ройгони ибтидоӣ ҷорӣ карда шуд. Ба тайёркунии мутахассисони соҳаи техникӣ барои мамлакат аҳамияти калон дода шуд. Ҳиндустон ба чунин кадрҳо барои саноати рӯй ба тараққӣ эҳтиёҷи калон дошт. Барои ҳамин донишгоҳҳои сершумори техникӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ таъсис ёфтанд. Дар соҳаи тандурустӣ низ чораҳои муҳими самарабахш андешида шуданд.

**Якпорчагии мамлакат.** Дар қаламрави Ҳиндустон то охири соли 1961 мустамликаи португалии Гоа вуҷуд дошт, ки худ аз Гоа, Диу ва Дамана таркиб ёфта буд. Мустамликадорони португалӣ намехостанд, ки талаби Ҳиндустонро қонеъ карда, ин мулкҳои таърихан аз они Ҳиндустонбударо ба соҳибаш баргардонанд. Дар ин масъала Португалияро ҳукуматҳои ИМА ва Англия пуштибонӣ мекарданд.

Халқи Гоа, барои пайвастан ба Ҳиндустон бар зидди мустамликадорони Португалия мубориза мебурданд. Ҳукумати Португалия шумораи артиши худро дар ин мустамлика то чанде зиёд мекард ва ба чанд игвои зидди Ҳиндустон низ даст зад. Аз ин рӯ, 18 декабри соли 1961 артиши Ҳиндустон ба қаламрави Гоа, Диу ва Дамана даромаданд. Дар зарфи якчанд рӯз артиши Ҳиндустон бо ёрии фидоиёни Гоа бар артиши португалӣ ғалаба ба даст овард. Ҳамин тариқ, Гоа, Диу ва Дамана ба Ҳиндустон ҳамроҳ карда шуданд.

1. Чорабиниҳои иҷтимоӣ барои Ҳиндустони соҳибистиқлол чӣ аҳамият доштанд?
2. Ба ёд биёред, ки Португалия дар қаламрави Ҳиндустон кай мустамликаҳои аввалини худро таъсис дода буд?
3. Дар бораи аз Португалия кашида гирифта, ба Ҳиндустон ҳамроҳ карда шудани мулкҳои мустамликавии португалии Гоа, Диу ва Дамана нақл кунед.

**СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҲИНДУСТОН.** Баъди истиқлолият ба даст овардан Ҳиндустон дар масъалаҳои байналхалқӣ ба мақоми баланд соҳиб шудан мегирад. Сиёсати хориҷии Ҳиндустон зиддиимпериалистӣ ва зиддимустамликавӣ буд. Ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон сарвари онвақтаи мамлакат Ҷавоҳирлаъл Неҳру таъсири беандоза калон мерасонид. Ҳукумати Ҳиндустон дар сиёсати хориҷӣ принсипи ҳамзистии осоиштаро пешниҳод кард. Бо ташаббуси Ҷ. Неҳру Конфронси байналхалқии Бандунг баргузор гардид. Ин конфронс паймонҳои ҳарбии навтаъсисро маҳкум кард. Ҳиндустон дар мӯътадил гардонидани шиддати вазъият дар нимҷазираи Ҳиндустон нақши калон бозид. Ҳукумати Ҷ. Неҳру талаб кард, ки ҳамагуна низоъҳои минтақавию маҳаллӣ бас карда, сулҳи умум ва мустаҳкам ба даст оварда, артиши хориҷӣ аз қаламрави давлатҳои дигар бароварда шавад.

1. Муайян намоед, ки Ҷумҳурии Ҳиндустон ба қатори кадом давлатҳо - давлатҳои дорои сиёсати иртиҷоии хориҷӣ ва ё сулҳҷӯёна дохил аст.
2. Сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон чӣ дода метавонист?
3. Аз мавзӯъ хулосаи умумӣ бароред.

## § 23. ПОКИСТОН АЗ ТАЪСИСЁБӢ ТО ТАҚСИМШАВӢ БА ДУ ДАВЛАТ

**ТАЪСИСЁБИИ ДАВЛАТИ ПОКИСТОН.** Чӣ тавре ки дар мавзӯи 21 ҳам гуфта будем, мустамликадорони Англия ба ҷуз ба истиқлолияти Ҳиндустон розӣ шудан илоҷи дигар надоштанд. Вале бо ҳар роҳ мехостанд, ки дар Ҳиндустони соҳибистиқлол мавқеъ дошта бошанд. Конгресси Миллии Ҳиндустон истиқлолияти Ҳиндустонро дар якпорчагӣ тасаввур мекард. Лигаи Мусулмонон бошад, барои таъсиси давлати Покистон мубориза мебурд. Нақшаи Петик Лоуренси англис, ба Ҳиндустон дода шудани ҳуқуқи доминионро дар назар дошт.

Моҳи августи соли 1946 дар зери роҳбарии Ҷ. Неҳру Ҳукумати Муваққатии Ҳиндустон ташкил карда шуд. Баъди ду моҳ роҳбари Лигаи Мусулмонон Муҳаммадалии Ҷиноҳ изҳор дошт, ки созмони ӯ розӣ аст дар Ҳукумати Муваққатӣ иштирок намояд. Ба ҳукумат аз Лигаи Мусулмонон Лаёқат Алихон, И. Чудригар, А. Ништар, Ғазанфар Алӣ ва Ҷ. Мондал дохил шуданд. Нахуствазири Англия Эттли дар Палатаи ҷамоаҳо баромад карда, изҳор дошт, ки Англия ҳокимиятро ба ҳиндуҳо на дертар аз моҳи июни соли 1948 месупорад. Вале пешгӯии ӯ рост набаромад.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

• 3 июни соли 1947 эъломияи Ҳукумати Англия бо номи "Қонун дар бораи истиқлолияти Ҳиндустон" интишор гардид. Мувофиқи он Ҳиндустон бояд бо ду қисм - Ҳиндустон ва Покистон тақсим карда, ба онҳо ҳуқуқи доминион дода мешуд.

• Аз 6 то 16 июли соли 1947 райпурсӣ барои гирифтани мақоми доминион гузаронида шуд, ки он натиҷаи мусбат дод. 14 август Покистон ва 15 августи соли 1947 Иттифоқи Ҳиндустон таъсис ёфт.

• Қаламрави Покистон - Покистони Ғарбӣ, Музофоти Шимолу Ғарбии Наздисарҳадӣ, Синд, Балучистон, Панҷоби Ғарбӣ, князиҳои Бахевалпур, Хайрпур, Калат, Харан, Мекран, Ласбела, Читрал, Дир, Сват, Амо, Пхулро ва Покистони Шарқӣ - Бангола ва округҳои Силхет ва Ассамро дар бар мегирифт.

• Дар Покистони Шарқӣ 98 фоизи аҳолӣ-ро банголагиҳо ташкил менамуданд. Ассаму бирмагиҳо тахминан 250 ҳазор нафар буданд. Дар Покистони Ғарбӣ - панҷобиҳо, пуштунҳо, синдҳо ва балуҷҳо сокин буданд. Ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳои миллӣ забони худро доранд.

• Ислом дини давлатии Покистон эълон карда шуд.

1. Дар бораи шартҳои тарафҳои манфиатдор дар масъалаи истиқлолияти Ҳиндустон фикру андешаи худро изҳор доред?
2. Кай истиқлолияти Покистон эълон карда шуд?
3. Дар бораи қаламрав ва ҳаёти миллии аҳолии Покистон маълумот диҳед?
4. Музофотҳо, қаламравҳои хурд ва шаҳрҳои калонтарини Покистонро аз харита нишон диҳед?



*Расми 54.* ***Қасри Асамблеяи Халқӣ дар Лоҳур (музофоти Панҷоб).***

**ВАЗЪИ ИҚТИСОДИИ ПОКИСТОН.** Истиқлолият иқтисоди Покистонро ба бӯҳрони шадид рӯ ба рӯ кард. Ширкатҳои англисӣ дар иқтисоди Покистон ҳукмронӣ мекарданд. Истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти нафтӣ дар ихтиёри "Бирма ойл компани" ва "Атток ойл компани", ангишт дар ихтиёри "Пауэл Дафрин" ва "Империал кемикл индустри" буданд. Низоми пулию қарзӣ низ дар дасти англисҳо буд.

Қариб 90 фоизи сармояи бонкӣ дар ихтиёри бонкҳои "Ллойд банк", "Гриндлей банк" ва бонкҳои дигари англисӣ буд. 80 фоизи содироти Покистонро "Роял бразерс", "Волкорт бразерс", "Робертс", "Гид компани" ва "Империал табакко" ном ширкатҳои англисӣ дар зери назорати худ нигоҳ медоштанд. Дар суғуртаи Покистон низ сармояи Англия ҳукмронӣ мекард.

Саноати Покистон танҳо аз 15 то 20 фоизи талаботи харидоронро қонеъ карда метавонист. Нақлиёти роҳи оҳан барои кашонидани борҳои ҳарбӣ мувофиқ набуд. Шоҳроҳҳо ҳам ба талаботи иқтисоди миллӣ мувофиқат намекарданд.

Соҳаи кишоварзии Покистон дар ҳолати таназзул буд. Заминҳои киштбоб асосан дар дасти заминдорон буда, аксари аҳолӣ ё камзамин ва ё тамоман безамин буданд. Онҳо аз заминдорон иҷора мегирифтанд. Соҳибони замин кадом вақте ки мехостанд, заминро бармегардониданд. Дар кишоварзӣ меҳнати маҷбурии ройгон низ вуҷуд дошт.

Ҳодисаи зӯран аз дасти заминдорон кашида гирифтани заминҳо тез-тез рӯй медод. Масалан, дар Покистони Шарқӣ деҳқонони безамин дар созмонҳо муттаҳид шуда, заминҳоро аз заминдорон кашида гирифта, дар байни худ тақсим мекарданд.

Дар кишоварзӣ баъзе навгониҳои ҳуқуқӣ амалӣ гардиданд. Қонунҳое, ки бо мақсади ислоҳоти замин қабул карда шуданд, ҳаҷми заминдориро дар Покистони Шарқӣ маҳдуд карданд.

Хуллас, иқтисоди Покистон дар ҳолати заиф қарор дошт. Ҳукумат ҷидду ҷаҳд ба харҷ медод, ки онро рушд бахшад, ва манфиатҳои миллӣ мувофиқ кунонад.



*Расми 55. Осорхонаи ба номи Муҳаммадалии Ҷиноҳ дар Лоҳур (музофоти Панҷоб).*

1. Аз далелҳо истифода бурда, бигӯед, ки иқтисоди Покистонро бо кадом роҳҳо ба низому рушд даровардан мумкин буд?
2. Кадом ширкатҳои хориҷиёнро медонед, ки соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди Покистонро дар ихтиёри худ нигоҳ медошт?
3. Дар бораи вазъи кишоварзии Покистон чиҳо гуфта метавонед?

**ВАЗЪИ ЯКПОРЧАГИИ ПОКИСТОН.** Баъди истиқлолият эълон кардани Покистон масъалаи Кашмир тезу тунд шуд. Дар ин қаламрав 4 милион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард, ки 77,1 фоизаш мусулмон буд. Вале дар Ҷамму ҳиндуҳо зиёдтар буданд ва мехостанд, ки бо Ҳиндустон пайванданд. Бархурди аввалин дар байни Ҳиндустон ва Покистон барои Ҷамму ва Кашмир соли 1947 ба амал омад. Дастаҳои пуштун бо роҳбарии Акбархон ба Кашмир зада даромада, онро ишғол намуд. Покистон Ҷамму ва Кашмирро "Озод Кашмир" эълон намуд. Муҳаммад Иброҳим сардори ҳукумати "Озод Кашмир" таъйин шуд.

Қавми ҳиндии Кашмир барои дар ҳайати Ҳиндустон мондани Кашмир чораҳои ҷавобӣ андешид. Маҳараҷи Кашмир ба ҳукумати Ҳиндустон мурочиат кард. Ӯ ба санаде дар бораи ба Ҳиндустон дохил шудани Кашмир низ имзо гузошт.

Дере нагузашта ба пойтахти Кашмир Сринагар тавассути тайёраҳо қӯшун фуроварда шуд. Покистон ҳам нерӯҳои ҳарбии худро ба Сринагар даровард. Ин бархӯрди ҳарбии Ҳиндустон ва Покистон қариб як сол давом кард. Масъалаи Ҷамму ва Кашмир он вақт ҳал нашуд. Ин низоъи Ҳиндустон ва Покистон минбаъд ҳам давом кард. Дар ин роҳ даҳҳо ҳазор одамон ҳалок гардиданд, лекин он то имрӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст.

1. Асоси низоъи Покистон ва Ҳиндустон дар масъалаи Ҷамму ва Кашмир дар чӣ ифода ёфтааст?
2. Бархӯрди солҳои 1947-1948-ро дар байни Покистон ва Ҳиндустон шарҳ диҳед.
3. Ба фикри шумо оё роҳҳои ҳалли масъалаи Ҷамму ва Кашмир вуҷуд дорад? Дар гурӯҳҳои худ муҳокима карда, онҳоро пешниҳод намоед.

**ИДОРАИ ПОКИСТОН.** Покистонро баъд аз истиқлолият эълон намудани он генерал-губернатор идора мекард. Ҳуқуқҳои ӯ номаҳдуд буданд. Ҳам қонунҳо мебаровард ва ҳам вазифаҳои Маҷлиси Муассисонро ба ӯҳда дошт. Интихоботи ин маҷлис ҳанӯз соли 1946, яъне пеш аз эълони истиқлолияти Покистон доир гардида буд.

Баъди эълони истиқлолият ҳам Покистон дар асоси "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон"-и соли 1935 идора карда мешуд. Маҷлиси Муассисон қариб ҳеҷ ваколати қонунгузорӣ надошт. Он қонунҳоеро қабул мекард, ки дар асоси қонуни номбурда қабул карда шуда буданд. Қонунҳое, ки Маҷлиси Муассисон қабул мекард, аслан қонунҳои мавҷударо шарҳу эзоҳ медоданд.

Мақоми Англия дар Покистон ҳанӯз ҳам баланд буд. Садҳо мансабҳои роҳбарии давлатӣ дар дасти англисҳо буданд.

Ягонагии Покистон ва тобеияти ҳамаи музофоту ноҳияҳо ба ҳокимияти марказии мамлакат заиф буд. Масалан, вилоятҳо ҳатто дастаҳои мусаллаҳи худро доштанд. Сатҳи тараққиёти музофоту вилоятҳо ҳам гуногун буд. Дар вилояти Читра то ҳол соҳти ғуломдорӣ вуҷуд дошт.

Генерал-губернатори аввалини Покистон Муҳаммадалии Ҷиноҳ буд. Вазифаи сарвазирро то соли 1951 Лаёқатхон ба ӯҳда дошт.

Лигаи Мусулмонон ҳизби ҳукмрони Покистон буд. Он вақт ба ин ҳизб ягон нерӯи сиёсии дигар рақобат карда наметавонист.

Соли 1948 Қоиди Аъзам Муҳаммадалии Ҷиноҳ (дар Покистон ӯро ҳамин тавр ном мебаранд) вафот мекунад ва генерал-губернатори Покистон намояндаи Покистони Шарқӣ Хоча Низомиддин таъйин мешавад, ки миллаташ бангол буд. Бояд гуфт, ки таъйинот ба вазифа он вақт дар дасти ҳукумати Англия буд.

1. Дар Покистон ҳокимият дар дасти кадом ҳизб буд?
2. Генерал-губернаторҳои Покистонро ном баред.
3. Оё ҳамаи музофоту вилоятҳои Покистон дар як сатҳи тараққиёт қарор доштанд ва онҳо чӣ тавр идора карда мешуданд?

**ПОКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 50-УМ.** Он вақт мушкилиҳои иқтисодии Покистон хеле зиёд буданд. Хушксолии солҳои 1951-1953 аҳволи иқтисодии Покистонро боз ҳам бадтар кард. Аз сабаби болоравии нархҳо ва паст будани музди меҳнат корпартоиҳои оммавӣ ба амал омаданд. Тиҷорати Покистон бо давлатҳои хориҷӣ суст пеш мерафт. Он танҳо бо Чин ва ИМА арзи вуҷуд дошт. Аз Покистон ба ин давлатҳо асосан ашёи хом содир карда мешуд.

Бо сабаби пастии сатҳи зиндагӣ мардуми Покистон аз ҳукумати Лигаи Мусулмонон норозигӣ баён мекарданд. Аз заифии иқтисоди Покистон давлатҳои хориҷӣ самаранок истифода мебурданд. Барои мавқеъ дар Покистон Англия ва ИМА бо ҳамдигар рақобат мекарданд. Ҳар кадоми ин давлатҳо дар байни сиёсатмадорони баландмансаби Покистон такягоҳи худро дошт. Англия ба генерал-губернатор Лаёқат Алихон, ИМА бошад, ба генерал Акбархон нисбати генерал-губернатор дар оппозитсия будан такя мекард.

Лаёқат Алихон фармуд, ки Акбархон ба ҳабс гирифта шавад. Бо ҳамин ӯ бар зидди нерӯҳои оппозитсионии ҷонибдори Америко таъқибот/зӯроварӣро оғоз кард. Сардабири нашрияи "Покистон таймс" Аҳмад Файз Аҳмад ва дигарон ба ҳабс гирифта шуданд. Акбархон ба мӯҳлати 12 сол бадарға ва 11 афсари баландрутба аз 3 то 7 солӣ ба ҳабс маҳкум карда шуданд.

Баъди дору гирҳо ва ба суд кашидани сарварони нерӯҳои оппозитсионӣ соли 1951 дар мамлакат интихобот баргузор гардид. Дар он Лигаи Мусулмонон 52 фоиз, Лигаи Халқӣ-Исломии ба номи Ҷиноҳ 18,3 фоиз ва Озод Покистон Партӣ ҳамагӣ 2 фоиз овоз гирифт.

Тобистони ҳамон сол Лаёқат Алихон ба ИМА сафар кард. Аз ҳамон вақт сар карда дар сиёсати хориҷии Покистон Америко мақоми аввалро касб кард. Лаёқат Алихон 16 октябри соли 1951 дар Равалпинди кушта шуд. Сардори ҳукумати нав Хоча Низомиддин ва генерал-губернатори Покистон Ғулом Муҳаммад таъйин гардид.

Ҳанӯз соли 1950 лоиҳаи Конститутсияи Покистон ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шуд. Аҳли демократии мамлакат ҷонибдори ин лоиҳа буд. Конгресси Миллии Покистон, ки нерӯи сиёсии ҳиндуҳо буд, лоиҳаи конститутсияи мазкурро ба зери танқиди сахт гирифт. Лигаи Мусулмонон бар он ақида буд, ки Покистон дар асоси федералӣ ҷумҳурии демократии дунявӣ эълон карда шавад. Муллоҳо ва уламои исломӣ аз лоиҳаи конститутсия норозӣ буданд. Онҳо намехостанд, ки Покистон

чумҳурии дунявӣ бошад. Андешаи онҳо дар байни халқ ҳамовозии бузургро ба вучуд овард. Аз ин рӯ, Мачлиси Муассисон маърӯзаи Комиссия оид ба конститутсияро қабул накарда, барои дида баромадани лоиҳаҳои дигари аз чониби иерӯҳои гуногун пешниҳодшуда қарор қабул кард. 33 уламои машҳури Карочи барои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Покистон чамъ омаданд. Нусхаҳои гуногуни лоиҳаи Конститутсияи Покистон дар зарфи 3 моҳ қариб ба 1000 адад расид.

Ниҳоят 29 феврали соли 1956 Мачлиси Муассисони Покистон Конститутсияи мамлакатро қабул кард ва онро президенти мамлакат тасдиқ намуда, ба эътибор даровард.

Қабули конститутсия мухолифатро дар байни гурӯҳҳои ҳукмрон аз байн набардошт. Дар бораи моҳияти давлати Покистон баҳсу мунозираҳо боз ҳам зиёдтар шуданд. Покистон давлати дунявӣ эълон шуда бошад ҳам, ҳаёти сиёсии мамлакат дар асоси меъёрҳои исломӣ сурат мегирифт.

Конститутсияи Покистон аз 13 қисмат, 234 модда ва 6 замима иборат буд. Он ҳокимияти олиро дар мамлакат ба президент ва парлумони якпалатагӣ дода буд. Президенти мамлакатро коллегияи махсуси аз ҳисоби Мачлиси Муассисон ва мачлисҳои музофотҳо таъиншуда интихоб мекард.

Президент ҳуқуқ дошт, ки Мачлиси миллӣ ва ичлосияҳои онро даъват намояд, ё ки пеш аз мӯҳлат онро пароканда карда, интихоботи нав таъйин намояд. Ташкили ҳукумат ва ё ба истеъфо фиристодани он низ дар ихтиёри ӯ буд.

Ҳокимияти ичроияро пурра сарвазир ихтиёрдорӣ мекард. Бинобар ин сабаб президент то як дарача ба ӯ вобаста буд. Президент ҳуқуқи дар мамлакат эълон намудани вазъи фавқулодда ва рад кардани қонунҳоро дошт. Президенти мамлакат Искандар Мирзо интихоб гардид.

Баъд аз қабули конститутсия вазъияти мамлакат дар ҳарду қисмати Покистон ноором буд. Дар Покистони Шарқӣ дар натичаи интихобот ба Ассамблеяи қонунгузор блоки чумҳуриятхоҳон ғалаба карда, аз 306 ваколатнома 189-тои онро ба даст даровард. Дар асоси ин интихобот ҳукумати эътилофии "Авами Лиг" таъсис ёфт. Лигаи Мусулмонон натанҳо дар Покистони Шарқӣ, балки дар Покистони Ғарбӣ ҳам мавқеи худро аз даст дод.

Дар шароити ноустувори вазъи ҳокимияти марказӣ фармондеҳи артиши Покистон генерал Муҳаммад Аюбхон шаби 7 октябри соли 1958 табаддулоти ҳарбӣ ба амал бароварда, Конститутсияро аз эътибор соқит эълон карда, ваколатҳои президентиро ба дасти худ гирифт. Ҳукумати Муҳаммад Аюбхон фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро манъ ва роҳбарони ҳаракатҳои сиёсию ичтимоиро ба ҳабс гирифт.

Дар баробари ин режими ҳарбии М. Аюбхон баҳри мустаҳкам кардани ҳокимияти худ як қатор тадбирҳо андешид. Ислоҳоти заминро гузаронид. Низоми "чигардорӣ" (имтиёзҳои заминдорон)-ро бекор кард. Мувофиқи ин ислоҳот дар Покистони Ғарбӣ як кас набояд аз 500 акр замини обӣ ва 100 акр замини лалмӣ дошта бошад. Ислоҳоти замин шумораи деҳқонони аз давлат норозиро хеле кам кард. Дар саноат, тичорат, андоз ва соҳаҳои дигар низ ислоҳот ба амал бароварда шуд. Маблағгузории хоричӣ асосан ба саноат равона карда мешуд.

Иёлоти Муттаҳидаи Америко оҳиста-оҳиста Англияро аз Покистон фишор дода бароварда, онро ба зери нуфузи худ медаровард. Артиши Покистонро мусаллаҳ кард. Покистонро ба иттифоқҳои ҳарбии СЕАТО ва СЕНТО ворид

сохт. Муносибатҳои Покистон бо Ҳиндустон дар заминаи даъво барои Ҷамму ва Кашмир ҳамон тавр тезу тунд мондан гирифтанд.

1. **Ҳолати иқтисодии Покистонро дар солҳои 50-ум чӣ хел дарёфтед?**
2. **Нуктаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ ва сиёсати хориҷии Покистонро баён намоед.**
3. **Кадом ҷиҳатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Покистон ба шумо маъқул шуданд?**
4. **Кадом далелҳо дар бораи ноустувории ҳаёти сиёсии Покистон шаҳодат медиҳанд?**

**ВАЗЪИ ПОКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 60-УМ.** Муҳаммад Аюбхон 8 июни соли 1962 дар мамлакат вазъи ҳарбиро бекор карда, Конститутсияи нави Покистонро ба эътибор даровард, ки онро машварати интихобкунандагон тасдиқ карда буд. Моҳи январи соли 1965 Муҳаммад Аюбхон бо ҳамин роҳ президенти Покистон эълон карда шуд.



*Расми 56. Нахуствазириояндаи Покистон **Беназир Бхутто** дар гирдиаҳамой баромад мекунад.*

Масъалаи Ҷамму ва Кашмир дар байни Покистону Ҳиндустон ҳар сари чанд вақт бархӯрдҳои мусаллаҳонаро ба вуҷуд меовард. Баҳори соли 1965 дар маҳаллаи Кач, ки дар минтақаи сарҳадии Покистони Ғарбӣ ва Ҳиндустон воқеъ аст, ҷанг сар шуд. Дар Кашмир бархӯрди ҳарбӣ ба амал омад. Моҳи январи ҳамон сол вохӯрии сарвазири Ҳиндустон Лаъл Баҳодур Шастри ва президенти Покистон М. Аюбхон дар шаҳри Тошкент баргузор гардид. Онҳо масъалаи Кашмир ва муносибатҳои дигари байнидавлатиро баррасӣ карданд. Ин вохӯрӣ ба қатъ гардидани муқовимати ҳарбии тарафҳо мусоидат кард.

Дар охирҳои соли 1968 -- аввали 1969 бо сабаби вазнинии вазъи зиндагии коргарону кишоварзон, мавҷудияти ҳокимияти диктатории М. Аюбхон ва андозҳои иловагӣ корпартоиҳои оммавӣ ба амал омаданд. Дар баъзе ҷойҳо коргарон корхонаҳоро ба даст медаровrouted. Ба корпартофтагон хизматчиён ва донишҷӯён ҳамроҳ шуданд. Ҳукумати М. Аюбхон бар зидди корпартофтагон таҳдиду зӯровариро ба кор бурд, вале он натиҷаи баръакс дод. Ҳаракати зиддиҳукуматӣ боз ҳам васеъ ва шадидтар шуд. Дар чунин шароит президент М. Аюбхон ваколатҳои худро аз эътибор соқит карда, ҳокимиятро ба фармондеҳии артиш супорид. Генерал А.М. Яҳёхон президенти мамлакат шуда, дар кишвар ҳолати ҳарбӣ эълон кард. Конститутсияро бекор ва Маҷлиси Миллию маҷлисҳои қонунгузори музофотҳоро пароканда кард.

**ЭЪЛОНИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ БАНГЛАДЕШ.** Моҳи декабри соли 1970 дар Покистон аввалин маротиба интихоботи бевоситаи парлумонӣ ва маҷлисҳои қонунгузори музофотҳо доир гардиданд. Дар ҳарду интихобот ҳам Лигаи

Мусулмонон пирӯзӣ ба даст овард. Баъди интихобот Лигаи Халқии Покистони Шарқӣ талаб кард, ки ба Покистони Шарқӣ дар ҳайати Ҷумҳурии Исломии Покистон мухторияти васеъ дода шавад. Вале режими Яҳёхон ин талабро иҷро накард. Баракс, ҷавобан ба ин талаб Яҳёхон фаъолияти Лигаи Халқиро манъ кард ва роҳбари он Муҷибур Раҳмон ва чанде аз сарварони дигари ин ҳизбро ба ҳабс партофт. Дар Покистони Шарқӣ аз ҷониби Муҳаммад Яҳёхон зӯроварӣ оғоз шуд.

Ҳазорон нафар банголагиҳо баҳри наҷот аз ватан фирор карданд, ё ки ба ҳайати "Мукти бахинӣ" ("Нерӯҳои озодибахш") дохил шуда, силоҳ ба даст гирифтанд. Мубориза бар зидди нерӯҳои ҳарбии ҳукумати марказии Покистон торафт пурзӯртар мешуд. Ва, ниҳоят, 26 марти соли 1971 Ҷумҳурии Халқии Бангладеш эълон карда шуд.

**1. Аз назари шумо калом ҷиҳатҳои сиёсати дохилии Муҳаммад Айюбхон хилофи манфиатҳои халқи Покистон буданд? Калом корҳои ӯ ба шумо маъқул аст ва ё, баракс, ба шумо маъқул нестанд?**

**2. Сабабҳои муборизаи мусаллаҳонаи халқи Покистони Шарқиро баён созед. Дар натиҷаи ин мубориза оё халқи Покистони Шарқӣ ба игои муваффақият ноил шуд?**

## §24. АФҒОНИСТОН БА ОЯНДАИ ХЕШ УМЕД МЕБАНДАД

**МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вазъи умумии Афғонистон таъсири манфӣ расонид. Он ба ивазшавии кабинети вазирон сабаб шуд. Соли 1946 ба кабинети нав амаки шоҳ Шоҳмаҳмуд сарварӣ кард.

Афғонистон баъди ҷанг ҳам мамлакати кишоварзӣ мондан гирифт. Аз чор се ҳиссаи замини киштбоб дар дасти заминдорон буд. Онҳо заминҳои худро ба деҳқонони камзамин ва безамин ба иҷора медоданд. Чорводорони калон бошанд, қисмати зиёди чарогоҳҳоро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Содироти маҳсулоти чорводорӣ ва зироатпарварӣ манбаи асосии пардохти молҳои воридоти хориҷӣ буд. Тиҷорат дар дасти сармоядорон буда, аз имтиёзҳои калон бархурдор буданд. Истеҳсолоти косибӣ дар таъмини рӯзгори мардум мақоми баланд дошт. Вале содироти молҳои хориҷӣ ба ин соҳаи иқтисод зарбаи сахт мезад. Аз ин рӯ, истеҳсолоти косибӣ дар ширкатҳо муттаҳид шуда, муносибатҳои иқтисодиро бо мамлакатҳои империалистӣ то як дараҷа ба нафъи худ ҳал мекарданд. Сарфи назар аз он, ки ҳукумат содиротро ҳавасманд менамуд, вазни қиёсии он алҳол хеле паст буд. Суръати тавлиди саноат ва рушди он дар сатҳи паст қарор дошт.

Чӣ тавре ки пай бурдед, вазъи иқтисодии Афғонистон ҳанӯз ба талаботи рӯзафзуни кишвар ҷавоб дода наметавонист. Ин ҳолат ба сатҳи иҷтимоии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонид.

Ба бозор харҷӣ бештар воридшавии соҳаи зироатпарварӣ ва чорводорӣ ҷараёни муфлисшавии як қисми кишоварзонро метезонид. Аҳволи иҷоракорон торафт вазнин мешуд, чунки заминдорон замини худро ба иҷорагирон бо шартҳои вазнин пешниҳод мекарданд. Заминҳои кишт сол то сол ва муттасил ба ихтиёри заминдорони калон мегузаштанд. Танҳо як қисми ками заминдорон ба усули сармоядории ташкили меҳнат гузашта буданд.



*Расми 57. Нақби нақлиётӣ дар аъбаи Саланг*

Саноати Афғонистон акнун тавлид меёфт. Шумораи коргарони он каме зиёдтар аз 3 ҳазор нафарро ташкил мекард.

Гарчанде ки дар иқтисод баъзе тағйиротҳо пайдо шуданд, вале бо вуҷуди ин онҳо моҳияти оммавӣ касб накарданд. Ҳукумат худ низ ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ кам аҳамият медод. Тафаккури мулку заминдорӣ ба он халал мерасонид. Аз ҳамин сабаб ҳукумати Шоҳмаҳмуд дар байни халқ мавқеи худро аз даст дод. Дар чунин шароит моҳи сентябри соли 1953 кабинети вазирон истеъфо рафта, ба он писари амаки шоҳ Муҳаммад Довуд роҳбар таъйин шуд. Ӯ роҳи нав - бо ёрии давлат ба рушди иқтисодии мамлакат муваффақшавиро пеш гирифт.

Сарвазири нав Муҳаммад Довуд дар иқтисод чанде навгониҳоро татбиқ намуд. Баъзе соҳаҳои онро ба зери назорати давлат ворид кард, аз он ҷумла тиҷорати хориҷӣ, низоми қарздиҳӣ, бонкҳои нав, кооперативҳои қарздеҳ ва сохтмони роҳҳоро, ки дар тавлиди он давлат иштирок мекард.

Яке аз чораҳое, ки пешрафти иқтисодии мамлакатро таъмин карда метавонист, қабули нақшаи 5-солаи якуми рушди иқтисодии мамлакат барои солҳои 1956-1961 буд. Дар он диққати асосӣ ба энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, обёрӣ ва маорифу хизматрасонии тиббӣ дода шуда буд. Ин солҳо дар соҳаи иҷтимоӣ низ баъзе тахаввулот ба амал омаданд. Масалан, ҳукумат қароре қабул кард, ки мувофиқи он фаранҷӣ пӯшидани занҳо шарт набуд.

**1. Вазъи иқтисодии Афғонистонро дар кадом ҳолат эҳсос намудед?**
**2. Дар бораи вазъи иҷтимоии мамлакат далелҳо биёред.**
**3. Сабабҳои иваз шудани ҳукуматҳои Афғонистон ва ба он раис таъйин кардани хешовандони шоҳ дар чӣ ифода ёфта буданд?**
**4. Дар барномаи 5-солаи якуми рушди Афғонистон ба кадом масъалаҳои ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода шуда буд?**

**ВАЗЪИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АФҒОНИСТОН.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакатҳои империалистӣ ва, пеш аз ҳама, Иёлоти Муттаҳидаи Америко барои ба Афғонистон роҳ ёфтан ҷидду ҷаҳди зиёд ба харҷ медод. Мавқеи худро дар тиҷорати хориҷии Афғонистон истифода бурда, ба он созишномаи ширкати америкоии "Моррисон - Надсен"-ро дар бораи сохтани шабакаи обёрӣ ва роҳҳои мамлакат ба имзо расонид. Вале ин ширкат то мӯҳлати дар қарордод муайяншуда - соли 1949 сохтмони ин иншоотҳоро ба итмом расонида натавониста, барои анҷом додани онҳо маблағҳои нав тақозо кард. Ҳукумати Афғонистон маҷбур шуд, ки аз ИМА вомбарг қарз бигирад. Ин вомбарг 39,5 милион долларро ташкил намуд. Қарзи нав ба Афғонистон зарари калон расонид. Баъди аз худ кардани ин қарз ҳам сохтмони иншоотҳои қарордодӣ ба охир нарасиданд ва боз маблағи

иловагӣ лозим шуд. Ин вақт пӯсту пашми гӯсфанди қарокулии Афғонистон дар Амрико на онқадар ба фурӯш мерафт. Аз ин рӯ, аз фурӯши он дар Амрико Афғонистон асъори зиёд ба даст намеоварад. Ин омил мавқеи сармояи Амрикоро дар Афғонистон баланд кард.

Воқеаҳои таърихие, ки баъд аз ҷанг ва то соли 1960 дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеи воқеъ дар қитъаҳои Осиё ва Африқо рух доданд, ба нерӯҳои ватандӯсти кишвар боварӣ бахшиданд, ки Афғонистон ҳам метавонад сиёсати мустақилонаи хориҷиро пеш бибарад.

Манфиатҳои рушди мустақилонаи Афғонистон мубориза бар зидди мақсадҳои империализм ва сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷиро зарур гардонид. Асоси сиёсати хориҷии Афғонистони баъдиҷангӣ бетарафӣ буд. Аз соли 1946 ҳамчун узви СММ Афғонистон зидди империализм буда, барои ҳамзистии осоишта бо давлатҳои сохти сиёсиашон гуногун ва ҳамкории баробарҳуқуқи давлатҳо мубориза мебурд. Дар арсаи байналхалқӣ ҳукумати Афғонистон борҳо ҷонибдори манъи яроқи ҳастаӣ будани хешро иброз дошт.

Вале давлатҳои империалистӣ ва, пеш аз ҳама, ИМА ва Англия кӯшиш ба харҷ медоданд, ки Афғонистонро бо ҳар роҳу восита ба доираи сиёсати ҳарбию сиёсии таҷовузкоронаи худ ворид созанд. Барои ноилшавӣ ба ин мақсад онҳо аз низоъи байни Покистону Ҳиндустон дар масъалаи аҳолии пуштуиро истифода мебурданд. Мустамликадорони англис дар асри XIX як қисми минтақаи пуштунишини Афғонистонро зӯran ба ҳайати Ҳиндустони Британия ҳамроҳ карда буданд. Афғонистон бошад, ҷонибдори он буд, ки ба аҳолии навоҳии пуштунишин, ки аз соли 1947 боз дар ҳайати Покистон буд, ҳуқуқи худмуайянкунӣ дода шавад. Дар зери фишори хориҷиён ҳукумати Покистон иҷозат намедод, ки ба Афғонистон аз тариқи қаламрави худ мол ворид шавад.

Моҳи ноябри соли 1955 Ҷиргаи Калони дар Кобул ҷамъомада талаби пуштуҳо ва баланд кардани қобилияти мудофиавию истиқлолияти давлатии Афғонистонро дар мавриди амалиётҳои ҳарбии мамлакатҳои Ғарб дар Покистон дастгирӣ намуд. Мустамликадорон минтақаҳои пуштунишинро ба минтақаи амалиётҳои ҳарбии паймони таҷовузкори СЕАТО дохил намуданд. Музокироте, ки он солҳо дар байни Афғонистон ва Покистон оид ба масъалаи пуштун баргузор гардиданд, бе натиҷа анҷом ёфтанд.

**1. Исбот кунед, ки дар солҳои 1945-1958 Ҳукумати Афғонистон ҷидду ҷаҳд мекард, ки сиёсати мустақилонаи дохилӣ ва хориҷиро ба амал барорад.**
**2. Масъалаи пуштуҳоро дар сиёсати хориҷии Афғонистон шарҳ диҳед.**

**ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ.** Оғози солҳои 60-ум муносибатҳои Афғонистон ва Покистон аз нав тезу тунд шуданд. Дар байни онҳо муносибатҳои сафоратӣ қатъ гардид ва аз тариқи Покистон ба Афғонистон кашидани бор аз нав манъ карда шуд. Ин зуҳуроти манфӣ ба нерӯҳои ватандӯст ва истиқлолиятхоҳи ҷомеаи Афғонистон ва фаъолияти кабинети вазирон таъсир расонид. Маҳз бо ҳамин сабаб кабинети Муҳаммад Довуд мавриди фишор ва танқиди оппозитсия қарор гирифт. Низоъ табақаи ҳукмрони Афғонистонро низ дар бор гирифт. Мардум аз натиҷаҳои ислоҳоти эълонкардаи нахуствазир норозигӣ баён мекарданд. Ислоҳоти Муҳаммад Довуд дар амал як эълони хушку

ҳолис буду бас. Аз ин рӯ, моҳи марти соли 1963 кабинети Муҳаммад Довуд ҳам ба истеъфо рафт.

Ба ҷои ҳукумати Довуд кабинети Муҳаммад Юсуф омад. Ӯ дар кабинети вазирони қаблӣ вазири маъдан ва саноат буд. Муҳаммад Юсуф кӯшиш ба харҷ дод, то ки шиддати вазъиятро дар муносибатҳои байни Афғонистон ва Покистон паст кунад. Моҳи май соли 1963 ба воситаи миёнаравии шоҳи Эрон дар шаҳри Теҳрон вохӯрии намояндагони расмии онҳо баргузор гардид. Ин нишаст фоидабахш буд. Намояндагони Покистон ва Афғонистон ба санад дар бораи эҳёи муносибатҳои сафоратӣ ва тиҷоратию иқтисодии тарафайн ба имзо расониданд.

Баъзе давлатҳои империалистӣ мехостанд, ки Афғонистонро ба доираи манфиатҳои худ гирифтор кунанд, вале ба ин кор муваффақ нашуданд. Афғонистон аз сиёсати анъанавии бетарафии худ даст накашид. Ин буд, ки соли 1964 дар Конфронси байналхалқии мамлакатҳои ба паймонҳои ҳарбӣ ҳамроҳношуда дар шаҳри Қоҳира иштирок кард.

Дар солҳои 60-ум муносибатҳои дӯстонаи байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон ташаккул ёфтанд. Бо ёрии ИҶШС дар Афғонистон чандин корхонаи калон ва иншоотҳои дигар сохта ба истифода дода шуданд. Дар байни онҳо Канали Ҷалолобод, шоҳроҳҳои автомобилгарди Кушка-Ҳирот-Қандаҳор ва нерӯгоҳи барқии калонтарин дар Наглу ва ғайра буданд.

Дар низоми сиёсии Афғонистон низ тағйирот ба амал омад. Соли 1963 Конститутсияи Афғонистон бо мақсади васеъ кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз нав дида баромада шуд. Ин иқдом майлу хоҳиши мардуми Афғонистонро ифода мекард. Конститутсияи нави Афғонистон соли 1964 қабул карда шуд. Он сохти мутлақияти конститутсионии Афғонистонро тасдиқ намуд. Конститутсияи нав ба шоҳ ваколатҳои зиёд дод. Ӯ роҳбари олии ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ буд. Дар баробари ин Конститутсия ба палатаи поёнӣ, ё худ Ҷирга дар сиёсати давлат имтиёзи бештар дод. Масалан, Ҷирга ҳуқуқ гирифт, ки ба ҳукумат боварӣ ва ё нобоварӣ изҳор намояд.

Чизи муҳими дигаре, ки дар конститутсияи нав дида мешуд, ҳуқуқи таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ буд. Конститутсия овоздиҳии пинҳониро дар интихоботҳои парлумонӣ ва муассисаҳои намояндагии маҳаллӣ кафолат медод. Мувофиқи нишондоди конститутсияи нав соли 1965 дар таърихи мамлакат бори аввал қонуни интихоботӣ ба эътибор даромад. Он дар баробари мардон иштироки занонро низ дар интихоботи парлумонӣ кафолат дод.

?

1. Сабабҳои ба истеъфо рафтани кабинети Муҳаммад Довудро муайян кунед.
2. Вазъи байналхалқии Афғонистонро шарҳ дода, аз он хулоса бароред.
3. Дар бораи Конститутсияи нави Афғонистон чиҳо гуфта метавонед? Баъди қабули он дар сохти давлатдории Афғонистон чӣ гуна тағйирот ба амал омад?

**ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ.** Ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар Афғонистон рӯ ба боло рафт. Ҳаракати "Ҷавонони бедор" таъсис ёфт. Дар асоси ин ҳаракат гурӯҳҳои сиёсӣ ба шоҳи Афғонистон талабҳои демократӣ пешниҳод намуданд. Ҳаракатҳои сиёсӣ дар Афғонистон сол то сол ҷонноктар мешуданд, махсусан вақте ки ба интихоботи парлумонӣ тайёрӣ мерафт. Он ҷараёнҳои сиёсие, ки аз низоми интихоботи соли 1952 норозӣ буданд, дар шаҳри Кобул намоиши калон барпо намуданд. Барои ин иқдом иштирокчиёни гирдиҳамоӣ ба таъқиботи

макомоти кудратии давлат гирифтор карда шуданд.



Расми 58.
Муаллимаҳои деҳотӣ
аз Ҷалолобод.

Дар асоси Конститутсияи нави Афғонистон ва қонуни интихоботи соли 1965 интихоботи парлумонӣ баргузор гардид. Он нишон дод, ки фаъолияти мардум дар ҳаёти чамъиятию сиёсии мамлакат афзудааст. Барои 216 ваколатномаи вакилӣ ба Ҷиргаи халқӣ 1350 номзад пешниҳод гардида буд. Баъди ин интихобот Муҳаммад Юсуф аз шоҳ Муҳаммад Зоҳиршоҳ супориш гирифт, ки ҳайати ҳукумати худро пешниҳод намояд. Вале ӯ онҳоеро пешниҳод кард, ки аксарияташонро нерӯҳои сиёсӣ ва халқ дар ҳайати ҳукумат дидан намехостанд. Ба ин муносибат дар Кобул гирдиҳамоии калони мардум бар зидди Муҳаммад Юсуф баргузор гардид. Аз ҳамин сабаб М. Юсуф маҷбур шуд, ки ба истеъфо равад. Ба ҳукумати нав Муҳаммад Ҳошим Майвандвол раис таъйин шуд. Ҳукумати ӯ чидду чаҳди зиёд ба харч дод, ки таъсири худро дар байни оммаҳои васеи аҳолӣ афзун намояд, то ки амалӣ намудани тадбирҳо баҳри беҳбудии вазъи иқтисод ва ҳуқуқии ҷомеа осонтар гардад. Порлумони соли 1965 интихобшуда тасмим гирифт, ки дар мамлакат ислоҳоти иҷтимоиро амалӣ кунад, муносибати худро бо ҳукумат дуруст ба роҳ монад. Сарфи назар аз ин ниятҳо масъалаи мазкур дар ҷомеа мавзӯи баҳсу мунозираи тезу тунд қарор гирифт.

Ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ дар нимаи дуюми солҳои 60-ум боз ҳам баландтар шуд. Ин буд, ки шумораи зиёди рӯзномаҳои ғайриҳукуматӣ пайдо шуданд. Ба афкори чамъиятии мамлакат ҳафтавори "Халқ" таъсири калон мерасонид. Ин нашрия моҳи апрели соли 1966 барномаи сиёсиеро чоп кард. Муаллифони ин барнома ба ғояи сотсиализми илмӣ такя мекарданд. Баромадҳои ин нашрияро нашрияҳои дигар ба зери танқиди сахт гирифтанд. Аз ин рӯ, моҳи маи ҳамон сол нашри "Халқ" манъ карда шуд. Нашрияҳои дигар низ, ки дар саҳифаҳои худ нисбати сиёсати пешгирифтаи ҳукумат мақолаҳои танқидӣ чоп мекарданд, ба таъқибот гирифтор шуданд.

Навгонии дигаре, ки баъди қабули Конститутсияи Афғонистон дар ҳаёти чамъиятию сиёсии мамлакат ба миён омад, ин аз тарафи ҳукуматдорон кӯшиши ташкили аҳзоби сиёсӣ буд, ҳизбҳое, ки барномаашон ба барномаи ҳокимияти расмӣ мувофиқат кунад. Дар чараёни таъсиси чунин ҳизбҳо дар доираҳои ҳукмрони Афғонистон зиддиятҳо ба амал омаданд. Ҳукумат аз фаъол шудани афкори чамъиятӣ ба ташвиш афтод. Барои ҳамин қисмати муҳофизакор (консервативӣ)-и ҳукумат бар он ақида буд, ки бояд ба усулҳои қаблии идораи давлатӣ баргашт. Аз ин рӯ, онҳо тақозо карданд, ки аз ваъдаҳои конститутсионӣ даст кашида шаванд. Чунин сиёсат ҳукуматро беобрӯй кард. Бо ҳамин сабаб моҳи октябри соли 1967 нахуствазир Муҳаммад Ҳоким Майвандвол ба истеъфо рафт.

1. Кадом далелҳо дар бораи болоравии ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Афғонистон шаҳодат медиҳанд?
2. Сабабҳои тез-тез ивазшавии ҳукумати Афғонистонро зикр намоед.
3. Оё навгониҳои солҳои 60-ум дар Афғонистон ба сохти давлатӣ мухолиф набуданд?
4. Сабабҳои ба истеъфо рафтани нахуствазир Майвандволро дар чӣ мебинед?

## § 25. ЭРОН АЗ СОЛИ 1945 ТО "ИНҚИЛОБИ САФЕД"

**ҲАРАКАТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ.** Чӣ тавре ки шумо аз таърихи умумӣ дар синфи 9 сабақ бардоштед, дар Конфронси байналхалқии Теҳрон (соли 1943) сардорони се давлати иттифоқчӣ Ф. Рузвелт, И. Сталин ва У. Черчилл "Эъломияи се давлат дар бораи Эрон"-ро қабул карда буданд, ки иҷрои нишондодҳои он истиқлолияти баъдиҷангии Эронро таъмин мекард. Дар ин ҳуҷҷат аз ҷумла гуфта мешуд, ки "Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида, ИҶШС, Каролии Муттаҳида ва Ҳукумати Эрон ҳамфикранд, ки истиқлолияти пурра, соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии қаламрави Эрон нигоҳ дошта шавад". Вале баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ нишондодҳои Эъломияи Атлантика ва қарордори мазкур иҷро нагардиданд. Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Англия муттасил ба корҳои дохилии Эрон дахолат карда, истиқлолияти онро халалдор месохтанд. Дар баробари ин бояд гуфт, ки вазъи дохилии баъдиҷангии Эрон ноустувор буд. Нерӯҳои иртиҷоӣ дар мамлакат тартиботеро ҷорӣ мекарданд, ки аз он халқ азият мекашид. Махсусан кайфияти миллатҳои бонуфуз хуб набуд. Инро метавон дар мисоли Озарбойҷон ва Курдистони Эрон нишон дод. Ҳаракати ҷамъиятию сиёсии баъдиҷангӣ дар Эрон тамоми мамлакатро фаро гирифт.



*Расми 59. Шоҳи Эрон Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ бо ҳамроҳии малика.*

Дар Эрон нобаробарии миллӣ бараъло ба назар мерасид. Ҳукумати Эрон дар бораи ҳуқуқи халқҳои ғайриэронӣ ба фарҳанг, забон ва ҳифзи қадру қимати онҳо диққати даркорӣ намедод. Чунин муносибат озар-бойҷонихои Эронро водор сохт, ки барои ҳуқуқҳои худ мубориза баранд. Баҳори соли 1945 қисмати пешқадами ин халқ Ҳизби Демократии Озарбойҷонро таъсис намуд. Дар барномаи он талабот барои додани мухторият дар соҳаи фарҳанг ва идораи маҳаллии Озарбойҷони Эрон дар ҳайати Эрон, расман ҷорӣ намудани истифодаи забони озарӣ, дар бораи таъсиси анҷуманҳо ва ғайра инъикос ёфта буданд. Дере нагузашта ҲДО ба нерӯи бонуфузи Озарбоёҷони Эрон табдил ёфт. То охири ҳамон сол дар ҳайати он зиёда аз 70 ҳазор нафар аъзо буд. Соли 1945 интихобот ба Маҷлиси Озарбойҷон аз тариқи пинҳонӣ, бевосита ва умумӣ гузаронида шуда, баъд ҳукумати миллии Озарбойҷон таъсис дода шуд. Барномаи ҳукумат мустаҳкамкунии мухторияти Озарбойҷон ва амалӣ намудани як қатор навсозиҳои демократӣ ва ҳифзи моликияти хусусиро дар бар мегирифт. Дар баробари ин Ҳукумати навтаъсиси Озарбойҷон иброз дошт, ки Ҳукумати Эронро эътироф мекунад ва ҳамаи супоришҳои онро, ки ба мухторияти Озарбойҷон мухолиф нестанд, иҷро менамояд.

Ҳукумати Озарбойҷон артиш ва политсияи дар қаламрави Озарбойҷонбудаи Эронро халъи силоҳ кард. Онҳо ба ҳукумати Озарбойҷон итоат кунонида шуданд. Заминҳои давлатӣ ба кишоварзон ройгон тақсим карда шуданд.

Моҳи апрели соли 1946 Маҷлиси Озарбойҷон қонун дар бораи тақсими ҳосил дар байни кишоварзон ва заминдоронро қабул кард. Он нигоҳдории моликияти заминдорро бар замин низ дар назар дошт.

Дар натиҷаи қабули қонунҳою чораҳои фаврӣ кори фабрикаҳо беҳтар шуд. Фабрикаи қолинбофӣ ва устохонаҳои гуногуни косибӣ аз нав ба кор даровarda шуданд. Дӯкон ва артелҳо кушода шуданд. Рӯзи кории 8-соата муқаррар карда шуд. Дар бораи меҳнат ва суғуртаи иҷтимоӣ қонунҳо қабул карда шуданд.

Дар ҳамаи мактабҳо таҳсилро бо забони озарӣ ҷорӣ карда, он забони расмӣ эълон карда шуд. Мактабҳои нав, аз он ҷумла, Донишгоҳи Давлатии Озарбойҷон кушода шуд. Барои баровардани савод курсҳои маҳви бесаводӣ ташкил карда шуданд. Дар соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ободонӣ ҷидду ҷаҳди зиёд ба харҷ дода шуд.

Охирҳои соли 1945 дар Курдистони Шимолӣ Ҳизби Демократии Курдистон таъсис ёфт. Мақсади ин ҳизб мубориза бахри Курдистони мухтор ва демократӣ дар ҳайати Эрон буд. Демократҳои Курдистон дар шаҳри Моҳобод ҳукумати худмухтори худро ташкил намуданд.

Ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ дар дигар минтақаҳои Эрон низ арзи вуҷуд кард. Иттифоқҳои кишоварзон дар ҳама ҷо тавлид ёфтанд. Онҳо ба зиёд кардани ҳиссаи кишоварзон дар тақсими ҳосил ва бекор кардани андозҳои натуралӣ муваффақ шуданд.

1. Сабабҳои болоравии ҳаракати иҷтимоию сиёсии баъдиҷангиро дар Эрон баён кунед.
2. Дар Озарбоёҷон ва Курдистон ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ чӣ тавр сурат гирифт ва он ба кадом муваффақиятҳо ноил шуд?
3. Оё ҳаракати иҷтимоию сиёсии Эрон маҳдудияти миллӣ дошт?

**ИҒВОГАРИҲОИ ХОРИҶИЁН ВА ТАБАДДУЛОТИ ҚАВОМ.** Дар шароити мураккаби сиёсию иқтисодӣ ва фишори мамлакатҳои империалистӣ охири соли 1945 ҳукумати Ҳакимӣ фалаҷ шуда, ба истеъфо рафт ва ба ҷои он Аҳмад Қавом нахуствазир таъйин гардид. Ӯ эълон кард, ки дар мамлакат низому субот ва адолат ҷорӣ менамояд.

Ҳукумати Қавом низ ба фишори мамлакатҳои хориҷӣ тоб оварда натавонист. Аз ҳамин сабаб маҷбур буд, ки гузашт ва ё муросо кунад. 4 апрели соли 1946 дар Теҳрон дар бораи таъсиси ҷамъияти муштараки Шӯравию Эрон оид ба ҷустуҷӯю истифодаи конҳои нафт дар Эрони Шимолӣ қарордод ба имзо расонида шуд. Қавом мехост, ки вазъи дохилиро низ мӯътадил гардонад. Аз ин рӯ, бо Ҳукумати Озарбойҷон созишнома ба имзо расонид, ки дар он сохтори давлатӣ, парлумон ва дигаргунсозиҳои демократии Озарбойҷони Эрон эътироф карда мешуд.

Ин вақт дар Эрон вазъи кишоварзон хеле вазнин буд. Бе ҳалли масъалаҳои марбут ба замин вазъи иҷтимоии мардуми деҳотро беҳтар кардан амри муҳол буд. Аз ҳамин сабаб, ҳукумати Қавом эъломия дар бораи ба кишоварзон тақсим кардани заминҳои давлатӣ ва дар бораи 15 фоиз зиёд кардани ҳиссаи кишоварзон дар тақсими ҳосил аз ҳисоби ҳиссаи соҳибони заминро интишор кард. Ӯ инчунин

мардуми иртичопеша ва ҷосусони хориҷиёнро ба зери танқиди сахт гирифт. Қавом ваъда дод, ки дар мамлакат ислоҳоти демократӣ ба амал мебарорад. Қавом ният дошт, ки мавкеи сиёсии худро мустаҳкам кунад. Барои ҳамин Ҳизби Демократии Эронро таъсис намуд. Ин ҳизб бо мусоидати пулис ва жандармерия ба муқобили нерӯҳои дигари ҷамъиятию сиёсии мамлакат мубориза бурд. Ин далел гувоҳи он аст, ки ҳукумати Қавом рӯ ба иртиҷо овардааст.

Намояндагони Англия ва Амрико дар Эрон аҳли иртиҷопешаро ба пахши ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ игво андохта, дар ин кор ба онҳо мусоидат ҳам мекарданд. Амалдорони англисии Ширкати Нафти Эрону Англия (ШНЭА) Иттифоқи Қабилаҳои Хузистонро ташкил намуданд, ки он аз Эрон ҷудо шудани Хузистонро ба миён гузошт. Қабилаҳои Эрони Ҷанубӣ ва қабилаҳои дигарро аз силоҳ таъмин мекарданд. Киштиҳои ҳарбии англисӣ ба бандарҳои Абодон ва Хуррамшаҳр фиристонида шуданд. Ба замми ин якчанд дивизияи Англия, ки дар минтақаи Басра ҷойгир буданд, ба сарҳади Эрон наздик шуданд. Ҳукумати Қавом корпартоии умумии нафтчиёнро, ки дар корхонаҳои ШНЭА ба амал омад, ғайриқонунӣ эълон кард. Дар баробари ин Қавом ба даҳолати ширкатҳои англисӣ ба корҳои дохилии Эрон эътироз баён намуда, дар Хузистон ҳолати низомӣ эълон карда, корпартоиро тавассути нерӯи ҳарбӣ пахш намуд.

Тирамоҳи соли 1946 Қавом аз унсурҳои ҷиноятпеша дастаҳои мусаллаҳ ташкил намуда, ба муқобили нерӯҳое, ки ба ӯ муқобил буданд, ба ҳуҷум гузашт ва иштирокчиёни ҳаракатҳои демократиро пахш намуда, Козерун, Бушир ва шаҳрҳои дигари музофоти Форсро ишғол кард. Аз ҳайати ҳукумат вазирон - аъзои Ҳизби Демократиро пеш кард. Дар сар то сари мамлакат ҷонибдорони созмонҳои пешқадамро ба таъқиб гирифтор кард. Бо амри Қавом артиши Эрон Озарбойҷонро ишғол намуда, дар он ҷо чандин ҳазор нафар одамро парронд ва ба дор овехт.

Оғози соли 1947 дар вазъияти террор интихобот ба Маҷлис гузаронида шуд. Ба он асосан одамони худи Қавом ва шоҳ "интихоб" гардиданд.

Муносибати Қавом бо ИҶШС тезу тунд буд. Маҷлиси Эрон бо пешниҳоди Қавом қарордоди Шӯравию Эрони соли 1946-ро бекор кард. Ҳукумати Қавом муносибати худро бо ИМА ба маҷрои дӯстию ҳамкорӣ ворид сохт.

1.Қавом чӣ тавр ба сари қудрат омад?
2.Дар бораи чорабиниҳои Ҳукумати Қавом чиҳо гуфта метавонед?

**ДАХОЛАТИ АНГЛИЯЮ АМРИКО БА КОРҲОИ ДОХИЛИИ ЭРОН.** Ҳукумати Қавом ҳамкории худро бо Амрико васеъ мекард. Моҳи октябри соли 1947 қарордоди Эрону Амрико дар бораи намояндагии ҳарбии ИМА дар Эрон ба имзо расид, он ба мушовирони ҳарбии Амрико ҳуқуқ дод, ки дар артиши Эрон ба вазифаҳои баланд соҳиб шаванд. Артиши Эрон бо аслиҳаи амрикоӣ мусаллаҳ карда шуд. Соли 1950 қарордоди нави ҳарбии Эрону Амрико ба имзо расид, ки он зиёд кардани шумораи намояндагии ҳарбии Амрико дар Эрон ва ба Эрон додани лавозимоти ҳарбиро дар назар дошт. Амрикоиҳо дар қаламрави Эрон фурудгоҳҳои ҳавоӣ, дар халиҷи Форс пойгоҳҳои ҳарбии баҳрӣ, шоҳроҳҳои стратегӣ ва объектҳои дигари таъиноти ҳарбӣ сохтанд.

Амрико мақсад дошт, ки ҳарчӣ тезтар Эронро аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ ба худ тобеъ гардонад. Ҳузури васеи Амрико дар Эрон ба мавкеи Англия дар ин

он намояндагони доирахои васеъи ахолӣ ва арбобони илму фарҳангро дар бар гирифт. Дар зери Паймони Сулҳ то моҳи апрели соли 1952 қариб 2 миллион нафар эрониён имзо гузоштанд. Ҳаракат барои ҳифзи сулҳ дар Эрон бо мубориза барои озодиҳои демократӣ ва ҳаракати зиддиимпериалистӣ ҳамоҳанг буд. Ҷавобан ба кушиши империализми англис барои ба гардани Эрон бор кардани "Созишномаи иловагӣ" дар сар то сари мамлакат намоишҳои эътирозӣ ба амал омаданд. Иштирокчиёни онҳо бекор карда шудани қарордод дар бораи иҷораи нобаробари ШНЭА-и соли 1933 ва милликунонии саноати нафтро тақозо мекарданд. Ширкаткунандагони намоишу гирдиҳамоиҳо дар баробари талабҳои иқтисодӣ бекор кардани ҳолати ҳарбӣ ва ба халқ додани ҳуқуқу озодиҳои демократиро низ талаб менамуданд. Ин ҳаракат натиҷаи хуб дод. 11 январи соли 1951 Маҷлис "Созишномаи иловагӣ"-ро бо ШНЭА рад кард. Дар тасдиқ нашудани ин созишнома амрикоиҳо "саҳм" гузоштанд. Ширкатҳои амрикоӣ мехостанд, ки ба истеҳсол ва истифодаи нафти Эрон роҳ ёбанд. Англисҳо барои иҷрои мақсади худ аз роҳу воситаҳои гуногун истифода бурданд. Империализми Англия дар Эрон ба воситаи Бонки Англия ба мақсади худ расиданӣ буд. Ба халиҷи Форс киштиҳои ҳарбии Англия равон карда шуданд. Англисҳо қабилаҳои бахтиёр, қашқо ва қабоили дигарро байни ҳамдигар игво меандохтанд.

Ҳузури киштиҳои ҳарбии Англия дар халиҷи Форс бе асар намонд. Ба муқобили игвои англисҳо корпартоии оммавии нафтчиён сар зад. Ҳукумати Ҳусейн Алӣ бар зидди корпартофтагон қӯшун равон кард. Дар Ободон ва конҳои нафт даҳҳо коргарон кушта шуданд. Ҷавобан ба ин ваҳшонияти ҳукумат ҳаракати якдилӣ бо нафтчиён ва корпартоӣ вусъат ёфт.

29 апрели соли 1951 роҳбари Ҷабҳаи Миллӣ Мусаддиқ нахуствазир таъйин гардид. Дар ҳайати Ҷабҳаи Миллӣ нерӯҳои гуногуни мардумӣ муттаҳид шуда буданд. Ба андешаи онҳо мамлакатро аз бӯҳрони иқтисодии шадид танҳо бо роҳи барҳам задани ШНЭА ва милликунонии конҳою корхонаҳои коркарди нафт ба даст овардан мумкин аст. Муборизаи зиддиимпериалистӣ ба муқобили мавқеи ИМА дар Эрон низ нигаронида шуда буд. Аз ин рӯ, империализми Амрико бо ҳамроҳии Англия ҷидду ҷаҳд ба харҷ доданд, ки ба аз ҷониби ҳукумати Мусаддиқ рад кардани қонун дар бораи милликунонии саноати нафт муваффақ шаванд. Барои расидан ба ҳадафи худ аз Суди Байналхалқии Гаага ҳам истифода бурданд. Вале Эрон ваколатҳои ин судро эътироф накард.

Намояндаи президенти Амрико Гарриман ба сифати миёнарав ба Теҳрон омада, пешниҳод кард, ки нафти Эрон ба ихтиёри ду ширкати нав дода шавад. Дар ин кор вазифаи "соҳибхона"-ро бояд хориҷиён ва, пеш аз ҳама, амрикоиён иҷро менамуданд. Дахолати амрикоиён ба корҳои дохилии Эрон авҷи нави қаҳру ғазаби мардумро ба вуҷуд овард. Дар рӯзи ба Эрон омадани Гарриман дар Теҳрон баргузор гардидани гирдиҳамоии 100-ҳазорнафараи эътирозӣ дар ин бора шаҳодат медиҳад. Бо назардошти эътирози иштирокчиёни гирдиҳамоӣ ҳукумати Мусаддиқ пешниҳоди Гарриманро рад кард.

Барои ноилшавӣ ба мақсади худ Англия ва ИМА минбари Шӯрои Амнияти СММ-ро низ истифода бурданд. Онҳо пешниҳод карданд, ки нафти Эрон ба ширкати "байналхалқӣ" дода шавад. Вале Мусаддиқ ин пешниҳодро низ қабул накард. Дар баробари ин ӯ иброз дошт, ки милликунонии саноати нафти Эрон кори дохилии худ Эрон буда, ба салоҳияти Шӯрои Амнияти СММ дохил намешавад. Баъди истифода аз воситаҳои гуногун, ки онҳоро ба мақсад

нарасониданд, Англия ва Амрико муҳосираи Эронро эълон намуда, намегузоштанд, ки нафти он фурӯхта шавад. Сарфи назар аз ин нокомиҳо ҳукуматдорони Амрико ва Англия иғвогариҳои худро ба муқобили Эрон идома медоданд. Ба онҳо муяссар шуд, ки ба истеъфои Мусаддиқ ва сарвазир таъйин шудани Қавом муваффақ шаванд. Вале ин таъйинот сабабгори намоишҳои эътирозӣ ва бархурдҳои хунин гардид. Дар натиҷа Қавом маҷбур шуд, ки аз ин вазифа даст кашад. Нахуствазири Эрон аз нав Мусаддиқ таъйин гардид. Ҳукумати Мусаддиқ сиёсати қаблии худро идома дод ва муносибатҳои дипломатии Эронро аз Англия канда, ҳамаи намояндагони онро аз Эрон пеш кард. Вале баъди ин ҳам иғвогариҳои Англия дар Эрон қатъ нагардиданд.

1. Аз ҷараёни муборизаи ҳукумати Мусаддиқ барои истиқлолияти иқтисодии Эрон маълумот диҳед.
2. Дар бораи дасисаю иғвоандозиҳо ва дахолати Англияю Амрико ба корҳои дохилии Эрон мисолҳо биёред.
3. Кадом ҷиҳатҳои фаъолияти Ҳусейн Алӣ, Мусаддиқ ва Қавом ба шумо маъқул аст? Дар фаъолияти ҳукуматҳои онҳо чӣ хатоҳо мавҷуд буданд?

**ТАБАДДУЛОТИ ГЕНЕРАЛ ЗОҲИДӢ.** Ҳукумати Мусаддиқ дар ду самт мубориза мебурд - татбиқи Қонун дар бораи милликунонии саноати нафт ва роҳ надодан ба ҳаракати демократӣ дар мамлакат. Ҳизби Тӯда ва иттифоқҳои касаба нимошкоро фаъолият мекарданд. Ҳукумати Мусаддиқ бар зидди иғвогариҳои доираҳои империалистии Амрико ва Англия чораҳои қатъӣ намеандешид ва чунин имконият ҳам надошт. Нерӯҳои демократии мамлакат ӯро дастгирӣ карда наметавонистанд, чунки ӯ фаъолияти онҳоро манъ карда буд. Шароити мавҷуда барои ҳуҷуми нерӯҳои иртиҷоии Эрон ва империализми хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ин буд, ки 19 августи соли 1953 дар шаҳри Теҳрон бо иштироки Идораи Марказии Кашфи ИМА табаддулоти ҳарбӣ ба амал бароварда шуд. Мусаддиқ ва вазирони дигар ҳабс карда, ба суд дода шуданд. Вазифаи нахуствазириро роҳбари табаддулот генерал Зоҳидӣ гирифт. Ӯ дар гузашта бо фашистони Олмон робита дошт. Созмонҳои пешқадам ва рӯзномаҳо бастаю торумор карда, мардуми зиёд ба ҳабс гирифта шуданд.

Маълум буд, ки генерал Зоҳидӣ дастнишондоди ИМА аст. Барои ҳамин баъди ба амал омадани табаддулот бо Англия ва ИМА оид ба масъалаи нафти Эрон музокиротро оғоз намуд. Ҳукумати Зоҳидӣ бо консорсиуми байналхалқии нафт созишнома ба имзо расонид. Дар ин созишнома мақоми аввал ба ихтиёри ширкатҳои нафти Амрико ва Англия дода шуд. Мувофиқи он истихроҷи нафт дар Эрони Ҷанубӣ ба мӯҳлати 25 сол, то соли 1979 ба хориҷиён дода шуд.

1. Ба фикри шумо супоришдиҳандагони асосии табаддулоти генерал Зоҳидӣ кадом давлат буд?
2. Исбот кунед, ки оё Мусаддиқ худро аз сӯиқасди ИМА ҳифз карда метавонист. Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар ин бора баҳс кунед.
3. Бигӯед, ки магар созишномаи нави соли 1954 оид ба нафти Эрон ба манфиатҳои миллии ин кишвар мувофиқат мекард?